1) социальный, который реализуется через воспроизводственные функции зарплаты;
2) экономический - который реализуется через стимулирующей роли зарплаты.

На основе изучения опыта развитых стран [2, С.12, 3, С.12] нами выявлены показатели оценки эффективности материального стимулирования (рисунок 1).

В процессе оценки эффективности форм материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации нами выявлены следующие основные показатели:

1) качество трудовой деятельности персонала;
2) производительность труда работников;
3) зарплат отдача.

Важно отметить, что на производительность труда персонала организаций потребительской кооперации, оказывают существенное влияние уровень товарооборота и выручка организаций. Персонал организаций потребительской кооперации должен быть заинтересован в приумножении выручки с учетом общепринятого принципа справедливости.




Рисунок 1 - Система показателей для оценки эффективности материального стимулирования труда организаций потребительской кооперации Республики Таджикистан

Производительность труда персонала организаций потребительской кооперации измеряется количеством произведенных товаров и услуг, приходящиеся на душу персонала данных организаций за определенный промежуток времени. Вместе с тем, на наш взгляд, факторов, оказывающих влияние на производительность труда, следует подразделить на организационные, социально-экономические и материально-технические (рисунок 2).




Рисунок 2 - Основные факторы, влияющие на производительность труда персонала организаций потребительской кооперации Республики Таджикистан

Следует отметить, что к организационным факторам относятся:

- кадровая политика с помощью, которой реализуются поставленные задачи в организациях потребительской кооперации;
- стиль управления, с помощью, которой руководитель контролирует деятельность организаций потребительской кооперации;

- организационная структура, с помощью которой осуществляется координация действий, предусматривающие решение стратегических задач развития организации потребительской кооперации;
- методы учета и контроля трудовой деятельности персонала, предусматривающие достижение конечного результата деятельности организаций потребкооперации.

Следующей группой факторов, влияющих на производительность труда данных организаций, считаются социально- экономические факторы, которые включают:

- качество трудовой деятельности персонала организаций потребительской кооперации характеризует уровень сложности и напряженности трудовой деятельности персонала данных организаций;
- условия трудовой деятельности персонала организаций потребительской кооперации охватывают факторы внешней производственной среды и трудового процесса, которые оказывают непосредственное влияние на работоспособность персонала данных организаций;
- длительность рабочего дня - регламентируются Трудовым кодексом Республики Таджикистан;
- трудовые отношения считается фактором, который зависит от стимулированной политики организаций потребительской кооперации;
- коллективная среда - прямо пропорционально влияет на производительность труда персонала организаций потребительской кооперации;
- степень здоровья персонала организаций потребительской кооперации - оказывает существенное влияние на производительность труда персонала организаций потребительской кооперации;
- уровень заработной платы персонала организаций потребительской кооперации – с помощью которого дается оценки качества и количества труда;
- методы и способы стимулирования труда персонала организаций потребительской кооперации.

Вместе с тем, к материально-техническим факторам относятся:

- капитал обеспеченность – отражает финансовую деятельность и стабильность производительность труда организаций потребительской кооперации;
- ресурса обеспеченность - характеризует модернизацию имеющихся ресурсов посредством проверки соотношения величиной ресурсов организаций потребительской кооперации и размерами их использования;
- обновления торгового оборудования осуществляется в условиях низкой ресурса обеспеченности и стабильной капитала обеспеченности.

Важно отметить, что для оценки эффективности этих факторов, целесообразно применить зарплатоотдачу.

Зарплатоотдача - это отношение выручка от реализации товаров организаций потребительской кооперации к величине фонда оплаты труда:

$$З_{\text{отдача}} = \frac{\text{В}}{\text{ФОТ}}; \qquad (1)$$

где, В - выручка от продажи товаров, тыс, сомони; ФОТ - фонд оплаты труда, тыс, сомони.

Мы считаем, что в процессе оценки экономической эффективности материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации, наряду с экономическими показателями, применяются показатель качество труда работника, которая включает несколько элементов (рисунок 3).




Рисунок 3 - Элементы экономической категории «качество труда работника»

Важно отметить, что вследствие взаимодействия вышеуказанных элементов появляется возможность реализации социально-экономической направленности материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации.

Следует отметить, что в экономической литературе [4, С.11, 5, С.16] отсутствует единая методика оценки экономической устойчивости организаций потребкооперации.

Мы считаем, что оценка экономической устойчивости организаций потребительской кооперации необходимо провести по показателям эффективности зарплаты и организация трудовой деятельности персонала.

Поскольку стимулирование труда персонала организаций потребительской кооперации относится к внутренним факторам, то особый интерес представляет разработке модели усовершенствования форм материального стимулирования персонала организаций потребкооперации Республики Таджикистан. Разработанная модель предусматривает решение задач:

1) соблюдение принципа равновесия прав между персоналом и руководителя структур;
2) предложение оптимальных форм оплаты трудовой деятельности персонала;
3) соблюдение соотношение затрат на оплату трудовой деятельности и доходов жителей;
4) формирование резервов для устойчивого развития организаций потребительской кооперации.

Важно отметить, что предлагаемая модель формирует рациональную экономическую политику, которая предусматривает минимизацию затрата на оплаты труда персонала организаций потребительской кооперации.

В процессе апробации разработанной модели работодатель сможет:

- рационально планировать затраты на оплаты труда персонала организаций потребительской кооперации;
- проанализировать эффективность затрат на персонал;
- быстро и своевременно реагировать на коренные преобразования на рынке торговых услуг;
- дать оценку компетентности персонала, посредством оптимизации затрат на заработную плату персонала.

Вместе с тем, для персонала организаций потребительской кооперации данная модель позволит:

- достойно оценить свой статус в организации;
- одновременно быть пайщиком и работником;
- обеспечить достойное вознаграждение за результаты трудовой деятельности.

Важно отметить, что по конечным результатам предлагаемой модели следует рассчитывать суммарный эффект таких показателей как зарплатоотдачи, качество труда, социальной эффективности зарплаты и производительность труда.

Производительность труда позволяет оценить экономическую эффективность зарплаты персонала организаций потребительской кооперации, которая позволяет определить [6, С.14, 7, С.15]:

1) мультипликатор зарплаты, характеризующий экономическую эффективность зарплаты с учетом изменения производительности труда;
2) критерий социальной эффективности зарплаты;
3) коэффициент экономической эффективности зарплаты.

Индекс производительности труда определяется по формуле:

$$I_{\text{ПТ}i} = \frac{\text{ПТ}_{oi}}{\text{ПТ}_{бi}\ x\ I_{\text{цпр.}}}; \qquad (2)$$

где, $\text{ПТ}_{0i}$ - производительность труда торгового персонала за текущий период; $\text{ПТ}_{бi}$ - производительность труда торгового персонала за базисный период; Iцпр - индекс цен на производства товаров и услуг организаций потребкооперации.

Вместе с тем, зарплатоотдача определяется по следующей формуле[9, С.570]:

$$\text{ЗО}_{\text{ср}} = \frac{(\text{ЗО}_1+\text{ЗО}_2+\text{ЗО}_3+\cdots+\text{ЗО}_n)}{n}; \qquad (3)$$

где,$\text{ЗО}_{\text{ср}}$ ¯ средний уровень зарплатоотдачи;

$(\text{ЗО}_1 + \text{ЗО}_2 + \text{ЗО}_3 + \cdots + \text{ЗО}_n)$ - зарплатоотдача работников торговых организаций.

Важно отметить, что коэффициент эффективности качества трудовой деятельности персонала определяется путем суммирования данных показателей [10, С.126]:

1) уровень квалификации персонала - отношение числа квалифицированных персонала к среднесписочному числу персонала организаций потребительской кооперации;
2) отработанное время персоналом - отношение фактического отработанного времени персоналом к нормативному;
3) оценка деловых качеств персонала по определенным критериям;
4) определение порога количества трудовых нарушений;
5) оценка деловой активности персонала;
6) непосредственное участие в трудовой жизни персонала;
7) качество торгового процесса - отношение количества персонала магазина к объему реализованной продукции.

Средний коэффициент эффективности качества трудовой деятельности персонала определяется по формуле:

$$\text{КТ}_{\text{ср}} = \frac{(\text{КТ}_1 + \text{КТ}_2 + \text{КТ}_3 + \cdots + \text{КТ}_n)}{n}; \qquad (4)$$

где, $\text{КТ}_{\text{ср}}$ - средний коэффициент качества труда;

$\text{КТ}_1 + \text{КТ}_2 + \text{КТ}_3 + \cdots + \text{КТ}_n$ - качество труда персонала организаций потребительской кооперации.

Вместе с тем, необходимо рассчитать параметр, обратный удельному весу суммы корректировок по каждому аналогу в общей сумме корректировок аналогов (чем больше

удельный вес, тем меньше весовой коэффициент и наоборот). Производить расчет предлагается по следующей формуле[11, С.112]:

$$К = \frac{1/(S_{i-n} + 1)}{\frac{1}{(S_1+1)} + \frac{1}{(S_2+1)} + \frac{1}{(S_{i...n}+1)}}; \qquad (5)$$

где, К - искомый весовой коэффициент
n - номер аналога
$(S_{i...n} + 1)$ - сумма корректировок аналога, для которого производится расчет
$S_1$ - сумма корректировок первого аналога
$S_2$ - сумма корректировок второго аналога
$S_n$ - сумма корректировок n - ого аналога

Коэффициент качества трудовой деятельности персонала определяется суммированием вышеуказанных показателей, которым присваивается следующие весовое значение, уточненное экспертным путем:

1) качество торгового процесса- 0,28;
2) уровень квалификации персонала - 0,24;
3) оценка деловой активности персонала - 0,16;
4) оценка деловых качеств персонала - 0,14;
5) определение порога количества трудовых нарушений - 0,08;
6) отработанное время персоналом- 0,06;
7) непосредственное участие в трудовой жизни персонала - 0,04.

Коэффициент эффективности стимулирования трудовой деятельности персонала определяется по формуле:

$$К_{эф.СКТ} = \Delta I_{ПТ} х\ \Delta Т_{ЗО} х\ \Delta_{КТ} х\ \Delta СЭ_{ЗП}; \qquad (6)$$

*где,* $\Delta I_{ПТ}$ - индекс изменения производительности труда;
$\Delta Т_{ЗО}$ - изменения зарплатоотдачи;
$\Delta_{КТ}$ - изменения коэффициента качества трудовой деятельности;
$\Delta СЭ_{ЗП}$ - изменения социальной эффективности зарплати.

Алгоритм предложенной модели усовершенствования форм материального стимулирования персонала организаций потребкооперации Республики Таджикистан приведен на рисунке 4. Оптимальное соблюдение разработанного алгоритма, способствует функционированию эффективной системы материального стимулирования труда персонала в организациях потребительской кооперации.




Рисунок 4 - Алгоритм совершенствования форм материального стимулирования труда и их экономической эффективности в организациях потребительской кооперации Республики Таджикистан

В целом, нами выявлены механизмы и модели реализации стимулирующей функции зарплаты, систематизированы комплекс показателей, оценивающих взаимосвязь материального стимулирования труда персонала организаций потребительской кооперации Республики Таджикистан.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Адова, И.Б. Управление вознаграждением персонала организации [Текст]: автореф. дис. ... д.экон.н. / И.Б. Адова. - Томск, 2010. - 46с.

2. Белавин, Д.Я. Взаимосвязь заработной платы и производительности труда в инновационной экономике [Текст]: автореф. дис. ... канд. экон. наук / Д.Я. Белавин. - Казань, 2008. – С. 13.
3. Белавин, Д.Я. Заработная плата в условиях исчерпания резервов восстановительного роста [Текст] / Д.Я. Белавин // Вестник Казанского государственного аграрного университета. Казань. - 2008. - Т.8 - №.2 - С. 12.
4. Корытина, Н.Н. Материальное стимулирование работников розничной торговли в новых условиях хозяйствования [Текст]: автореф. дис. канд. экон. наук / Н.Н. Корытина. - Москва, 1992. – С. 11.
5. Польская, Г.А. Материальное стимулирование труда как фактор динамичного развития торговли потребительской кооперации [Текст]: автореф. дис. ... канд. экон.наук / Г.А, Польская. Белгород, 2008г. – С. 16.
6. Прокопьева, Т.Н. Управление материальным стимулированием труда на материалах торговли потребительской кооперации [Текст]: авторефе. дис. ... канд. экон. наук /Т.Н. Прокопьева. - Чебоксары, 2000. – С. 14.
7. Ткаченко, А.А. Организация оплаты труда работников сферы услуг (на примере предприятий торговли) [Текст]: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 /А.А. Ткаченко. Саратов, 2002. - 181с.
8. Ходжаев П.Д., Субхонкулов И.А. Исследование некоторых принципов вознаграждения персонала в системе потребительской кооперации. Вестник Таджикского государственный университета коммерции (научный журнал)/ Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: 2020. № 1; С. 107-112.
9. Ходжаев П.Д., Субхонкулов И.А. Особенности материального стимулирования труда в системе потребителькой кооперации. Журнал аудит и финансовой анализ: экономика, наука, технологии (научный журнал). - Москва: 2017. № 3. - С. 569-573.
10. Ходжаев П.Д., Субхонкулов И.А. Современные тенденции и проблемы развития системы потребительской кооперации в Республике Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2017. № 2/8 - С. 124-133.
11. Ходжаев П.Д., Субхонкулов И.А. Формирование эффективной системы материального стимулирования труда работников потребительской кооперации Республики Таджикистан // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - № 2/4(198). С. 107-117.

**УДК 620.9 - 027.56**

**Хоҷаев Д.Х., Курбонов А.Р.**

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАИ БЕХАТАРИИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нишондиҳандаҳои таҳлили вазъи муосири идораи бехатарии энергетикии ҷумҳури дида баромада шудаанд. Муаллифон чунин мехисобанд, ки барои баҳодихии бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таъмини сатҳи зарурии иқтидорҳои комплекси энергетикӣ, инчунин танзими давлатӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои энергетикӣ дар дохили минтақа, ки таъминоти мунтазами аҳолӣ ба барқро муҳаё месозад, амали карда шавад. Бо мақсади қабули қарорҳои муносиб бо назардошти таҳлили бехатарии энергетикӣ ҳолати муайянии динамикаи он дар ҷумҳури ва иқтисодӣ коркарди

системаи иттилоотию коммуникатсиони бо назардошти мониторинги ҳаматарафаи комплекси энергетикии мамлакат ба мақсад мувофиқ аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки асос барои таҳлили вазъи муосири бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таҳқиқотҳо дар соҳаи истеҳсол ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ мебошад. Ба воситаи гузаронидани таҳлили комплекси энергетикӣ мақсади баҳодии вазъи бехатарии энергетикии мамлакат, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо муайян карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ, мукаммалгардонии усулҳо, таҳлили ва таъмини бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хавфҳоро дар иқтисоди миллӣ аз байн бурда, шароити муносиб барои рушди босуботи комплекси энергетикӣ ва баланбардории некуаҳволии аҳолӣ фароҳам меоварад.

**Вожаҳои калидӣ:** таҳлил, бехатарии энергетикӣ, динамика, идора, бехатарии иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, комплекси энергетикӣ, бахши энергетикӣ.

**Ходжаев Д.Х., Курбонов А.Р.**

## АНАЛИЗ ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТЬЮ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются показатели анализа текущего состояния энергетической безопасности страны. Авторы считают, что для оценки энергетической безопасности Республики Таджикистан необходимо обеспечить необходимый уровень мощности энергетического сектора, а также государственное регулирование и эффективное использование энергетических ресурсов в регионе. Для принятия соответствующих решений с учетом анализа энергетической безопасности целесообразно определять динамику страны и экономическое развитие информационно-коммуникационных систем с учетом комплексного мониторинга энергетического сектора страны.

Следует отметить, что основой для анализа текущего состояния энергетической безопасности Республики Таджикистан является проведение исследований в области производства и потребления энергоресурсов. Цель оценки состояния энергетической безопасности страны, городов, районов и регионов определяется путем проведения анализа энергетического сектора.

В целом, совершенствование методов, анализа и обеспечения энергетической безопасности Республики Таджикистан устранит риски в национальной экономике и создаст благоприятные условия для устойчивого развития энергетического сектора и повышения благосостояния населения.

**Ключевые слова:** анализ, энергетическая безопасность, динамика, управление, экономической безопасностью, национальная экономика, энергетический комплекс, энергетический сектор.

**Khodzhaev D.Kh., Kurbonov A.R.**

## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF THE POWER SECURITY DEPARTMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses indicators of analysis of the current state of the country's energy security. The authors believe that in order to assess the energy security of the Republic of Tajikistan, it is necessary to ensure the required level of capacity of the energy sector, as well as state regulation and efficient use of energy resources in the region. To make appropriate decisions, taking into account the analysis of energy security, it is advisable to determine the dynamics of the country

and the economic development of information and communication systems, taking into account the comprehensive monitoring of the country's energy sector.

It should be noted that the basis for the analysis of the current state of energy security in the Republic of Tajikistan is research in the field of production and consumption of energy resources. The purpose of assessing the state of energy security of the country, cities, districts and regions is determined by analyzing the energy sector.

In general, improving methods, analysis and ensuring energy security of the Republic of Tajikistan will eliminate risks in the national economy and create favorable conditions for sustainable development of the energy sector and improving the well-being of the population.

**Key words: analysis:** energy security, dynamics, economic security management, national economy, energy complex, energy sector.

Дар шароити муосир вазифаи асосии роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ин таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад. Қисми муҳиммтарини он таъмини амнияти энергетикӣ мебошад, ки он таъмини устувории таъминоти неруи барқ, таъмини истиқлолияти ҳадди ақҷали энергетикӣ ва самаранокии энергетикии комплекси сӯзишворӣ ва энергетикии ҷумҳурӣ мебошад.

Комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) маҷмӯи бахшҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт, аз ҷумла сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба истеҳсол ва коркарди ангишт, нафту газ, системаҳои гармӣ ва неруи барқ, ҳамчунин системаҳои энергетикӣ ва зеризаминии ҳудудӣ машғуланд, дохил мешаванд [3, С. 14].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди сӯзишворӣ ва энергетикӣ мебошад. Дар таркиби тавозуни сӯзишворӣ ва энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, захираҳои гидроэнергетикӣ беш аз 90% -ро ташкил медиҳанд. Иқтидори гидроэнергетикии ҷумҳурӣ дар як сол 527 миллиард кВт соат аст. Сатҳи кунунии истеҳсоли неруи барқ 6,5% аз неруи барқии техникии мувофиқро дар бар мегирад. Захираҳои мавҷуда маълуманд, ки захираҳои нафт, газ ва конденсат камтар аз 1 фоизи захираҳои умумиро ташкил медиҳанд, ки ба 1033 миллион тонна сӯзишвории стандартӣ баробар аст. Барои баланд бардоштани истихроҷи нафту газ, хароҷоти зиёди вобаста ба истифодаи технологияҳои нав, шароити мураккаби геологӣ ва амиқи беш аз 5-7 км талаб карда мешавад. Захираи тахминии ангишт дар ҳоли ҳозир 4-5 миллиард тоннаро ташкил мекунад. Захираҳои ангиштсангӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар дастрасанд, вале бисёре аз конҳо дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ҷойгир шудаанд [3, С. 18].

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон захираҳои воқеии нафт ва газ надорад. Аз захираҳои умумии минтақа ин захираҳои энергетикӣ тақрибан 4,5 миллиард тонна эквиваленти сӯзишворӣ, танҳо 0.05 миллиард тонна сӯзишворӣ барои Тоҷикистон рост меояд [6, С. 5].

Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон захираҳои ангишт зиёда мавҷуданд, ки метавонанд барои истеҳсоли неруи барқ истифода шаванд. Шумораи захираҳои ангишт (кашфшуда) зиёда аз 714 млн. тонна ва шумораи захираҳои пешбинишуда 3703,4 млн. тоннаро ташкил медиҳанд [7, С. 9].

Ба ақидаи мо энергетикаи бодӣ дар Тоҷикистон афзалияти ҷиддӣ надорад. Энергияи офтоб танҳо барои эҳтиёҷоти дохилӣ метавонад истифода бурда шавад. Энергияи ҳастаӣ дар шароитҳои комилан техникӣ метавонад дар Тоҷикистон вуҷуд дошта бошад, ки дар инҷо захираҳо зиёд ва корхонаҳои коркарди уран вуҷуд доранд, вале воқеан дар ояндаи наздик рушди он имконнопазир ба ҳисоб меравад. Имкониятҳои камтар барои истифодаи саноатии биоэнергетика дар Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ дорад. Маҷмӯи захираҳои потенсиалии он дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро дар бар мегирад, ки он қариб 4 фоизи иқтидори иқтисодии барқи обии заминро фаро мегирад. Дар сохтори умумии манбаъҳои

энергетикии Тоҷикистон, ҳиссаи нерӯи барқ (аз рӯи сол) беш аз 90 фоизро ташкил медиҳад. Масъалаи таъминоти барқ дар кишвар хеле шадид аст.

Бояд қайд кард, ки Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1955-1959 ба таври муфассал неруи барқро дар тамоми дарёҳо дар ҳудуди 530 дарёи калон ва хурд дарозии умумии 14.3 ҳазор километр мавриди омӯзиш қарор дода буд.

Дар натиҷаи ин таҳқиқот захираҳои потенсиалии гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд (бо вуҷуди он, ки захираҳои энергетикии дарёи Панҷ дар Тоҷикистон пурра 61,1 млн. кВт) ва қувваи барқ 535 млрд кВт.с [5, С.73] ҳар сол аст. Ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисобгирии захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ вобастагӣ дорад, ки бо ҳисоби миёна дар як сол вай 98 миллиард киловатт - соатро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон бо назардошти таҷрибаи муқарраршудаи ҷаҳон, Тоҷикистон танҳо 49,0 миллиард кВт.с захираи энергетикии дарёи Панҷро соҳиб мешавад. Сипас, шумораи захираҳои потенсиалии гидроэнергетикии кишвар ба 486 миллиард кВт.с баробар аст.

Бояд қайд кард, ки аз рӯи маълумоти таҳлилгарон, маҷмӯи пурраи обхезиҳои канори дарё аз ҷониби Афғонистон, набояд аз 15 фоизи ҷараёни Панҷ дар макони наздик зиёд бошад [4, С. 238]. Аз ин рӯ, агар мо дар хотир дошта бошем, ки ба Тоҷикистон 85 % тааллуқ дорад ташкил медиҳад, ҳиссаи ҷумҳуриявии захираҳои гидроэнергетикии дарёҳо 83,3 миллиард киловатт/соатро ташкил мекунад, захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 520,3 млрд. кВт.с-ро дар як сол ташкил мекунанд [10, С. 31].

**Ҷадвали 1.-Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи категория**

| Ноҳияҳо | Захираҳои саноатӣ | | Захираҳои эҳтимолӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | мВт | кВт·с | Дарёҳои асосӣ | | Маҷроҳо | | Маҷроҳо | |
| | | | мВт | кВт·с | мВт | кВт·с | мВт | кВт·с |
| Гурӯҳи Суғд | 1590,0 | 13,93 | 1544,0 | 13,52 | 1303,0 | 11,41 | 1288,0 | 11,28 |
| НТМ ва вилояти Хатлон | 17709 | 155,13 | 22744 | 199,24 | 3974,0 | 34,81 | 16056 | 140,65 |
| ВМКБ | 5884 | 51,54 | 6990,0 | 61,23 | 2555,0 | 22,38 | 3713,0 | 32,53 |
| Ҳамагӣ | 25183 | 220,6 | 31278 | 274,0 | 7832 | 68,61 | 21057 | 184,46 |

**Манбаъ:** Сайти расмии Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Таджикистан http://www.minenergoprom.tj/energetika.php

Тоҷикистон пас аз Русия дар захираҳои гидроэнергетикӣ дар байни кишварҳои ИДМ мавқеъи дуюмдараҷа дорад. 54,2 фоизи захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ инҷо мебошанд, дар ҳоле ки ҳиссаи минтақа танҳо 11,2 фоизро ташкил медиҳад.

Рушди захираҳои гидроэнергетикии барқароршаванда яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи рушди устувори иқтисодиёти кишвар мебошад. Энергияи обии барқӣ, ки дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад, дорои арзиши арзон ва экологии ҳаматарафаи ҳамаи усулҳои дастраси истеҳсоли энергия мебошад. Мувофиқи ҳисобҳои коршиносони соҳа арзиши он 6-8 маротиба аз арзиши энергияи гармӣ пасттар аст.

Бо вуҷуди ин, дар дарёҳои Вахш ва Панҷ қисми бузургтарини захираҳои гидроэнергетикӣ ва аз ҷиҳати техникӣ имконпазир вуҷуд доранд. Айни замон, силсилаи неругоҳҳои обӣ дар дарёи Вахш аз инҳо иборат аст - Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда-1, Асосӣ, Марказӣ; Сангтӯда-2 ва сохташаванда Роғун; лоиҳашаванда - Шӯроб. Иқтидори умумии маҷмӯи Вахш ба 9,0 млн. кВт.с баробар аст, ки бо иқтидори солонаи тақрибан 35 миллиард киловатт/соат баҳо дода мешавад [1, С. 22].

Дар натиҷа, дар дарёи Панҷ дар қисми асосии он 13 марҳилаҳои неругоҳҳои бузурги энергетикӣ сохтан мумкин аст, ки иқтидори умумии он 17 ҳазор мВт мебошад ва истеҳсоли миёнаи солонаи тақрибан 80 млрд. кВт.с мебошад. Тибқи таҳқиқоти пешакии тахайюлӣ дар бораи самаранокии сохтмони НБО-и "Даштиҷум" метавонад сухан ронд, ки бо иқтидори беш аз 4 ҳазор мВт ва иқтидори истеҳсолии 15,6 млрд. кВт.с дар як сол тавсиф дода мешавад [4, С. 244].

Бояд қайд кард, ки ин захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ ҳанӯз барои эҷоди неруи барқ истифода намешаванд, зеро он хеле арзонтар аст ва онҳоро интиқол додан лозим аст ва бинобар ин арзиши неруи барқ арзон хоҳад шуд. Ҳангоми ҳисоб кардани ҳадди аққали истеъмоли ангишт - 1,5 кг дар як асоси 1 кВт.с неруи барқ рост меояд [8, С. 41], пас мувофиқан барои истеҳсоли 1 миллиард киловатт/соат нерӯи барқ 1,5 миллион тонна ангишт зарур аст. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи захираҳои алоҳидаи ангишт дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо тасвири зерини тавозуни ангишт пайдо мекунем: ҳангоми истифодаи захираҳои ангишт, онҳо барои 33 сол бо мақсади таъмини сатҳи баланди истеъмоли неруи барқ кифоягӣ мекунанд, агар мо захираҳои пешбинишударо ба инобат гирем, пас аз он 208 сол барои истеҳсоли қувваи барқ дар сатҳи истеъмоли неруи барқ кофӣ хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ аз соли 1991 низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар шароити нави сохторӣ ва иқтисодӣ оғоз намудааст.

**Ҷадвали 2.-Истеҳсол, воридот ва содироти неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2018**

| Манбаи насли истеҳсол | Воҳиди ченкунӣ | Солҳо | | | | | | | | 2018 / 2011, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| НБО | млн. кВт·с | 16196 | 16924 | 17071 | 16312 | 16860 | 16632 | 17163 | 18394 | 113.6 |
| НБГ | млн. кВт·с | 42 | 50 | 40 | 160 | 302 | 600 | 981 | 1348 | 32,1 маротиба |
| Ҳамагӣ | млн. кВт·с | 16238 | 16974 | 17115 | 16472 | 17162 | 17232 | 18144 | 19742 | 121,6 |
| Воридот | млн. кВт·с | 172 | 114 | 117 | 52 | 63 | 103 | 110 | 559 | 3.25 |
| Содирот | млн. кВт·с | 297 | 775 | 1061 | 1364 | 1396 | 1428 | 1421 | 2945 | 10 маротиба |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АПСПРТ, 2019. - с. 271-272.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки иқтидори умумии неругоҳҳои ҷумҳурӣ соли 2018 дар ҳаҷми 19742 млн. кВт/соат мебошад. Бо вуҷуди пурра ба кор даровардани НБО-и Помир-1, Сангтӯда-1 ва чандин неругоҳҳои хурди барқӣ, ки иқтидори онҳо 2198,0 млн. кВт/соат ё 13,6% дар муқоиса ба соли 2011 зиёд гашт. Инчунин иқтидори неругоҳҳои гармидиҳӣ 32,1 маротиба афзудааст. Ҳамзамон, содироти неруи барқ аз воридот зиёдтар аст. Иқтидори содирот соли 2018 10 маротиба нисбати соли 2011афзуда, иқтидори воридоти неруи барқ дар муқоиса бо соли 2011 ба андозаи 3,25% афзуда аст.




**Расми 1.- Истеҳсол, истеъмол, содирот ва воридоти неруи барқ дар соли 2018 нисбат ба моҳҳо (млрд кВт)**

**Ҷадвали 3.-Истеъмоли неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2018**

| Гурӯҳи истеъмолкунандагон | Воҳид | Солҳо | | | | | | | | 2018/2011, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| Саноат ва сохтмон | млн. кВт·с | 6450 | 6344 | 5496 | 4057 | 4287 | 4181 | 4017 | 3822 | 59.2 |
| Нақлиёт | млн. кВт·с | 161 | 37 | 38 | 41 | 45 | 35 | 30 | 7 | 4.3 |
| Кишоварзӣ | млн. кВт·с | 3742 | 3832 | 4103 | 4020 | 4288 | 4623 | 4916 | 2241 | 60.0 |
| Дигар соҳаҳо | млн. кВт·с | 3489 | 3655 | 4006 | 4238 | 4539 | 4413 | 4986 | 2625 | 75.2 |
| Ҳамагӣ | млн кВт·с | 16113 | 16313 | 16171 | 15160 | 15829 | 15998 | 16833 | 8695 | 54,0 |
| Талафоти техникӣ | млн. кВт·с | 2271 | 2445 | 2528 | 2804 | 2670 | 2746 | 2884 | 2878 | 127.0 |
| | % | 14.1 | 15.0 | 15.6 | 18.5 | 16.9 | 17.2 | 17.1 | 33,1 | - |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АПСПРТ, 2019. – с.278.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 4 нишон дод, ки истеъмолкунандагони асосии нери барқ соҳаҳои саноату сохтмон ва кишоварзӣ мебошанд.

**Ҷадвали 4.-Сохтори истеъмолкунандагони неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018**

| № | Гурӯҳи истеъмолкунандагон | Истеъмоли барқ, миллиард кВт.с | | Ҳисса бо, % | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | Саноат ва сохтмон | 6450 | 3822 | | |
| | Нақлиёт | 161 | 7 | | |
| | Кишоварзӣ | 3742 | 2241 | | |
| | Дигар соҳаҳо | 3489 | 2625 | | |
| | Талаф дар хатти истифодаи умум | 2271 | 2878 | | |
| **Ҳамагӣ** | | | **11573** | | |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: с 2019 - с. 278 ва ҳисоби муаллиф

Агар дар сохтори истеъмолкунандагони неруи барқ дар соли 2011 мавқеи асосиро соҳаи саноату сохтмон (40,1%) ташкил диҳад, дар соли 2018 соҳаи кишоварзӣ (19,4%) пешсаф аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мавқеи соҳаи саноату сохтмон дар истеъмоли неруи барқ коҳиш ёфтааст. Таҳлили сохтори истеъмолкунандагони неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 нишон дод, ки дар соҳаи кишоварзӣ (19,4%), саноат ва сохтмон (33,0%) дар ҳаҷми истеъмоли неруи барқ пешсафанд.

Дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2016-2018 арзиши истеҳсол дар Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 21,05 сенти ИМА барои кВт/ соат, бо нархи миёнаи фурӯши қувваи барқ - 1,89 сенти ИМА барои 1кВт/с-ро ташкил медод. Дар ин давра Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 46,9 миллион кВт/соат истеҳсол карда, ба система 37,0 миллион кВт/соат неруи барқ интиқол додааст, зарари он 33,7 миллион сомонӣ ё 7,09 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Бо вуҷуди талафоти назаррас, ширкат маҷбур аст, ки Маркази барқу гармидиҳии Душанберо барои истеҳсоли гармӣ ва барқ дар моҳҳои хунук истифода барад.

Сохтори истеъмоли неруи барқӣ Тоҷикистон аз ҷаҳон комилан фарқ мекунад.

Дар ҷадвали 5 маълумот дар бораи ҳиссаи манбаъҳои гуногуни энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5. -Сохтори истеъмоли энергия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Намудҳои манбаъҳои энергия | Ҳисса бо % | |
|---|---|---|
| | **Соли 2000** | **Соли 2018** |
| Энергияи нерӯи барқ (НБО) | 48,7 | 50,2 |
| Маҳсулоти нафт | 28,8 | 29,4 |
| Гази табиӣ | 17,7 | 15.5 |
| Ангишт | 4,8 | 4.9 |
| Сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия | - | |

**Манбаъ:** Ҳисобот "Таҳлили ҳисоботи маълумот оид ба инвентаризатсияи партовҳои газҳои гармхонаӣ Агентии гидрометеорология, 2018 с.

Тавре, ки маълум аст дар сохтори истеъмоли энергия дар ҷумҳурӣ мавқеи муҳимро гидроэнергетика ишғол мекунад. Ҳиссаи он аз 48,7% дар соли 2000 то соли 2018 ба 50,2% расид (барои муқоиса, ҳиссаи неругоҳҳои барқи обӣ дар сохтори истеъмоли ҷаҳонии энергия ҳамагӣ 2,6% -ро ташкил медиҳад). Чунин афзоиши ҳиссаи гидроэнергетика дар Тоҷикистон на танҳо бо зиёд шудани истеҳсоли неруи барқ алоқаманд аст. Дар тӯли солҳо, истеҳсоли неруи барқ дар маҷмӯъ каме коҳиш ёфт. Сабаб ин аст, ки истеҳсол, таҳвил ва истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда қариб 15 маротиба кам шудааст.

Илова бар ин истеъмолкунандагони неруи барқ минтақаи Вахш мебошанд, ки дар он кишоварзӣ ва истеҳсоли нуриҳои минералӣ таҳия карда мешаванд, ки миқдори зиёди энергияро барои эҳтиёҷоти технологӣ, обёрии заминҳои кишоварзӣ, инчунин шаҳри Душанбе бо консентратсияи баланди аҳолӣ истифода мебаранд ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт, истеъмоли неруи барқ низ гуногун аст. Дар соли 2015 ин соҳа 27,1 фоизи маҷмӯи қувваи барқро дар Тоҷикистон истифода мебурд, 27,1 фоиз барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, 16,9 фоизи хизматрасонии коммуналӣ дар шаҳрак ва деҳот ва 28,7 фоиз дигар соҳаҳо. Дар зарфи 11 моҳи соли равон дар муқоиса бо давраи қаблии талафот 8,9% -ро ташкил дод, бинобар ин тавсияҳо оид ба такмил додани стратегияи рушди бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани омилҳое, ки дар зарфияти шабакаи ҷамъиятӣ афзоиш меёбанд, зарур аст [9, С. 11].

Аксарияти қувваи барқ барои истеҳсолот дар металлургияи ранга - 95,5% истеъмол мекунанд. Баъдан иншооти сохтмонӣ - 1,4% ва саноати сабук - 1,0%. Дар зинаи дуюм дар сохтори истеъмоли саноати кимиёвӣ ва нафтукимиёвӣ таҳия ҷойгир аст. Аммо фаъолияти он дар солҳои охир муътадил буда, ҳиссаи истифодаи неруи барқ дар соли 2004 аз 0,3 фоиз дар соли 2015 то 0.08 фоиз коҳиш ёфт.

Қисми истеъмоли неруи барқ дар иқтисоди миллии Тоҷикистон ҳамеша аз истеҳсоли он дар кишвар зиёд буд. Дар соли 1990 ин фарқият ба 1.241 миллиард киловатт/соат баробар буда, дар соли 2000 - аллакай 1.333 миллиард кВт/с-ро ташкил медод.

Барои неругоҳҳои хурди обӣ бо иқтидори 5 кВт хароҷоти истеҳсоли неруи барқ дар 0,04 доллари ИМА барои 1 кВт баробар аст. Фарогирии НБО-и хурд 3-5 сол аст [2, С. 15].

**Ҷадвали 6.-Нишондиҳандаҳои рушди иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нерухои барқи обии бузург | Майдони умумии обанбор, км$^2$ | Ҳаҷми захираҳои об, млн.м$^3$ | Иқтидори захираи обанборҳо, млн.м$^3$ | Ҳаҷми тарҳрезии истеҳсоли неруи барқ, млрд. кВтс | Истеҳсоли барқ дар 1 км², ҳаз. кВтс. |
|---|---|---|---|---|---|
| Норак (НБО – 7) | 98 | 10500 | 4500 | 12,3 | 125510 |
| Бойғозӣ (НБО – 3) | 8,04 | 125 | 87 | 2,514 | 31268 |
| Сангтӯда 1 (НБО - 1) | 9,75 | 258 | 12 | 2,73 | 28000 |
| Сарбанд (НБО – 5) | 8,0 | 96 | 96 | 1,121 | 14012,5 |
| Кайроққум (НБО – 24) | 520 | 3413 | 2520 | 0,625 | 1201 |
| Ҳамагӣ: | 643,79 | 14392 | 7215 | 19,29 | 199991,5 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АПСПРТ, 2018. -457 с.

Соли 2017 захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар асоси иқтидорҳои насбшуда ва дар соҳаи истеҳсоли неруи барқ дар робита бо имкониятҳои имконпазир 7.3 ва 3.0% -ро ташкил медоданд.

Дар айни замон тибқи тавсияҳо захираҳои тахминии ангишт ба 4,5 миллиард тонна ва захираҳои исботшудаи маҳсулоти нафтӣ ва газии табиӣ аз 1% захираҳои мавҷуда зиёд нестанд.

Махсусан таҳлили муқоисавии иқтидори захираҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004 ва 2017 дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 7.-Иқтидори захиравии бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ дар солҳои 2004 ва 2017**

| Захираҳои | Мамлакатҳо | | | Ҳиссаи захираҳои Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ 2004 с. (%) |
|---|---|---|---|---|
| | Баҳодиҳии захираҳо | | | |
| | Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ 2004 с. | Тоҷикистон | | |
| | | 2004 с. | 2017 с. | |
| гидроэнергетикӣ (млрд.кВт.с) | 654 | 527 | 527 | 80 |
| Ангишт (млрд. т) | 44,1 | 0,714 | 3,703 | 8,3 |
| Нафт (млн. т) | 2850 | 1,5 | 1,85 | 0,5 |
| Газ (млрд. $м^3$) | 3760 | 19,2 | 0,75 | 0,5 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АПСПРТ, 2018. - 457 с.

Тавре, ки дар ҷадвали 7 нишон дода шудааст Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси саноатӣ ва истифодаи самараноки ангишт имконият дода мешавад, ки қисме аз касрро кам кунад. Аз ин лиҳоз, шумораи тавозуни (ҳисобшуда) захираҳои ангишт зиёда аз 714 миллион тонна ва шумораи захираҳои пешбинишуда дар соли 2017-ум 3,703,4 млн. тоннаро ташкил мекунад.

Новобаста аз афзоиши иқтидор дар неругоҳҳои барқии обӣ, камшавии неруи барқ дар муқоиса бо давраи пеш аз давраи ислоҳот низ вуҷуд дошт. Истеҳсоли неруи барқ дар 1 кВт неруи барқ аз 4175 кВт дар соли 1990 нисбат ба соли 2017 ба 3432,67 кВт коҳиш ёфт, ки боиси коҳиши миқдори соатҳои истифодабарии иқтидори миёна солона аз 4053 кВт соат то 3559 кВт соат мебошад. Дар неругоҳҳои барқии гармидиҳӣ, ин рақамҳо ба фоидаи иқтисоди гузариш бисёр вақт фарқ мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моҳҳои январ-майи соли 2018, дар 2 сохтмони неругоҳи хурди барқи обӣ зиёда аз 2 млн доллар сарф шудааст.

## АДАБИЁТ

**1.** Бедствующий Таджикистан настроен на развитие гидроэнергетики, чтобы решить свои потребности. «International Business Times». 07.09.2012. - С. 22. http:// www.inozpress.kg/news/view/id/37155.

2. Гидроэнергетика Таджикистана – настоящее и будущее. / Презентация Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Душанбе.: изд. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2009. - С.15.

3. Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан на период 2003-2015 годов; - С. 14-18.

4. Мухаббатов Х. М., Умаров Х. У., акиевский П. Я. Таджикистан: проблемы и перспективы использования трансграничных водных ресурсов (на примере реки Пянджа). В книге: Трансграничные проблемы стран СНГ. — М: ОПУС, 2003. - С. 238-244.

5. Никитенко А. Ф. Перспективы развития электроэнергетики Таджикистана. В Кн. Народнохозяйственное значение Нурекской ГЭС. - Душанбе: Ирфон, 1964. - С.73.
6. Официальный сайт Министерства энергетики и промышленности Республики Таджикистан http://www.minenergoprom.tj/energetika.php; -С.5.
7. По данным Министерство энергетики и промышленности Республики Таджикистан; -С-9.
8. Росэнергосервис. Электронная библиотека по энергетике. Общее представление о тепловой электростанции [Электронный ресурс] http://lib.rosenergoservis.ru/sovremennaya-teploenergetika?start=8; -С- 41.
9. Сайти расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Таджикистан http://www.minenergoprom.tj/energetika.php; -С-11.
10. The First Quadrennial Diplomacy and Development Review: Leading Through Civilian Power. - Washington: Department of State, USAID. / www.state.gov.qddr. 24.08.2018. – С-31.

**УДК 330.101**

**Юнусова М.М.**

## САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОД

Мақола сармояи инсонӣ ва маълумотнокиро аз нигоҳи назариявӣ ҳамчун заминаи бунёдии инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ, аз ҷумла навоварӣ дида мебарояд. Муаллиф қайд менамояд,ки маблағгузорӣ ба илм ва маълумотнокӣ ин хароҷоти дарозмуддате мебошад, ки боздеҳи он афзаляти на танҳо фирмаҳо, балки мавқеи давлатҳоро дар ҷаҳони рақобатнокӣ таъмин менамояд

**Вожаҳои калидӣ:** сармоя, инсон, таҳсилот, маълумотнокӣ, рушд, иқтисод, дониш, навоварӣ

**Юнусова М.М.**

## ЧЕЛОВЕЧЕСКИЙ КАПИТАЛ И ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ

Статья рассматривает человеческий капитал и образование с теоретической точки зрения как фундаментальная предпосылки развития человеческого общества и экономического роста, в том числе инновации. Автор отмечает важность инвестиции в науку и образовании как долгосрочное влажение, которое обеспечивет преимущества не только фирм, но и место страны в конкурентоспособном мире.

**Ключевые слова:** человек, капитал, просвещения, образования, экономика, рост, знания, инновация

**Yunusova M.M.**

## HUMAN CAPITAL AND ECONOMIC GROWTH

The article considers human capital and education from a theoretical point of view as a fundamental prerequisite for the development of human society and economic growth, including innovation. The author notes the importance of investing in science and education as a long-term moisture that will provide benefits not only for firms, but also for the country's place in the competitive world.

**Keywords:** man, capital, enlightenment, education, economy, growth, knowledge, innovation

**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст. (Рудакӣ)**

Дар давраи муосири инкишофи иқтисодӣ хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ, мазмун ва шиддатнокии мехнат куллан тағйир ёфта, мувофиқи он тағйирот ба сармояи инсонӣ, ҳамчун тахассуси олии қувваи коргарӣ ба вуҷуд меояд. Заминаи асосии таълимоти инкишофи инсонӣ ба он такя мекунад, ки инкишофи иқтисодӣ наметавонад фақат аз мавқеи афзуншавии ҳаҷми неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ ба даст оварда шавад. Аз ин нишондиҳандаи анъанавии макроиқтисодӣ, аз он ҷумла ҳаҷми ММД ва даромади миёна ба ҳар нафар нишондиҳандаи мутлақи тараққиёти ҷомеъа ба ҳама ҷабҳаҳои он ҳисобида намешавад.

Дар Паёми Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «… Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф, афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозад» [2].

Дар ҷомеъа сатҳи маълумотнокӣ аҳмияти муҳим дорад. Мувофиқи тадқиқоти ЮНЕСКО, чунин вобастагӣ муайян карда шуд: маълумотнокӣ ба 60% микёси сатҳи даромади ояндаи инсон таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, маълумотнокӣ ҷузъи муҳими раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мебошад ва маьлумотнокиро дар чомеьа сохаи маориф таьмин менамояд. Зери мафҳуми маориф «раванди таьлиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамьият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таьлимгирандаро таьмин мекунад» [1].

Маълумотнокӣ самти калидии бавуҷудоии сармояи инсонист. Ин, пеш аз ҳама ба таҳсилоти олии касбӣ дахл дорад. Аз ин ҷо чунин самтҳои таъсири маълумотнокӣ ба инсонро ҷудо намудан зарур аст:

-маълумот меҳнат иинсонро бештар маҳсулдеҳ менамояд. Ин аксиома дар бисёр тадқиқотҳои таҷрибивӣ тасдиқи худро ёфтааст [3];

-маълумот малакаи соҳибкории кормандро тақвият, кордон ва идоракунанда менамоянд. Одамоне, ки на танҳо самаранок меҳнат мекунанд, балки оқилона захираҳоро истифода ва ихтиёрдорӣ мекунад;

-маълумот суръати мукамал ва паҳншудани кашфиётҳои илмиро метезонад. Шахсони сатҳи баланди маълумотнокӣ дошта зудтар ба тағйиротҳои истехсолӣ, илмӣ ва техникӣ диққат медиҳанд. Шахсони маълумотнок ба фаъолияти нав, навоварӣ, ҷӯяндагӣ ва гирифтани донишҳои нав кушиш менамоянд [4].

Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ – ин хароҷот ба гирифтани таҳсилот, андухти таҷрибаи касбӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғайраю ҳоказо мебошад. Дар навбати худ сармояи инсонӣ ба шахс, оила, муассисае, ки кор мекунад ва инчунин ба кулли ҷомеа боздиҳи сармоягузориро меорад.

Бо ин сабаб тасавуррот дар бораи он ки истеҳсолот бо ҳаҷми афзудани мол ва хадамот роҳи ягонаю дурусти баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои умумидавлатӣ дар дараҷаи муайян яктарафааст. Вай ба баҳодиҳии нодурусти бисёр омилҳои ғайрииқтисодии рушд меорад.

Хусусан, аз ибтидои охирини чоряки сади гузашта дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодии ҷаҳон маблағгузорӣ бештар ба дониш нисбати сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ мебошад. Масалан, дар кишварҳои –аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (ОСЭР) дар солҳои 90-ум маблағгузорӣ ба маориф ва илм ба ҳисоби миёна 3,4 % ба муқобили 2,2%-и фондҳои асосӣ афзуд. Ин самт асосҳои объективию иқтисодӣ дорад, зеро ба ҳиссаи донишҳои нав, ки ба технология, маҳсулот, хизматрасонӣ, шаклҳои ташкилӣ ва идоракунии истеҳсолот дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ амалӣ мешавад, то 80-95 % афзоиш ММД рост меояд [5:8].

Сармояи инсонӣ- ин омили маҳсулдеҳи рушди иқтисод ва ҷомеа буда, ба воситаи ҷамъи маблағгузории мақсаднокӣ манбаҳои дониш, қобилияти эҷодӣ, малакаи касбӣ, фараҳанг ва тандурустӣ, ки соҳибонаш имкониятҳои истеҳсолии иловагӣ, қобилияти вазифагии рақобатнокӣ ва афзоиши даромади пулиро [6:22], таъмин мекунад.

Бисёр иқтисоддонҳо вобастагии зиччи рушди иқтисодӣ ва баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолиро қайд менамуданд, ки худи инсон ҳам «акселератор»-и иқтисод, манбаи рушд мебошад [8:125].

Вобаста ба ин самти муҳими танзими стратегии зидди буҳронӣ бояд дар ҳамаи сатҳҳои сохтори ҷомеавӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои рушди маблағгузорӣ дар доираи истеҳсолот ва гирифтани донишҳои муосир, инчунин истифодаи амалии ин дар намуди навоварӣ мебошад [7:9].

Ҳамин тавр, дар ҷомеъа зарур аст, дар як вақт кормандеро, ки ба инноватсия майл дорад ба воя расонида, инчунин муҳите, ки аз фарди мушаххас навоварӣ, эҷодӣ, фаъолияти ҷуяндагиро талаб менамояд, ба вуҷуд оварда шавад [9:16-23].

Масъалаи он ки воқеаи кадом сармояи инсонӣ бештар барои таҳаввули навворӣ муҳим аст, бисёр мураккаб аст. Дар илми ватанӣ акнун асарҳое, ки ба таҳлили фаъолияти навворании сармояи инсонӣ бахшида шудааст, пайдо шуда истодааст.

Дар бисёр асарҳои тадқиқотгарон истилоҳи «шаклҳои навоварии сармояи инсонӣ» иқтидори корманд, ки қобилияти онҳоро зуд ба тағйиротҳои бетанафусии технологӣ ва муҳити иқтисодӣ созгор менамояд, новобаста аз фаъолияти меҳнатии онҳо дар куҷо мегузарад, бештар чандирӣ ва сайёр менамояд [11]. Инчунин ба сифати шаклҳои инноватсионӣ на ҷузъҳои сармояи инсонӣ балки оддӣ баъзе донишҳои мушаххас ва малака: саводи компютерӣ, интернетиро истифода тавонистан, донистани забонҳои хориҷӣ дида баромада мешавад. Доштани чунин малакаҳои амалӣ мавқеи рақобатии кормандро дар бозори меҳнат пурзур намуда, ҷойи кори музди меҳнати баланд ва ҷалбкунандаро дастрас менамояд [12:138].

Барои баланд шудани фаъолияти корхонаҳои ватанӣ истифодаи самаранок ва таҳаввули ҷузъҳои зарурии сармояи инсонии кормандон талаб карда мешавад. Вале дар ин ҷо як чанд масъаларо ҷудо метавон кард:

1. Масъалаи истифодаи ҳавасмандӣ ва инкишофи худи сармояи инсонии кормандони корхона. Набудани манфиатҳои моддӣ кушишу ғайрати кормандонро ба равнақ додани он сифатҳои инноватсионӣ, ки дар бозори меҳнат қадр карда намешавад, паст менамояд.
2. Масъалаи баланд бардоштани тахассус ва тайёр намудани кадрҳо дар корхонаҳои ватанӣ. Сарфа намудан аз ҳисоби таҳсилоти ҳайати кормандон сабабҳои чуқурӣ хусусиятҳои институтсионалӣ дорад. Бо сабаби набудани низоми амалишавандии баланд бардоштани таҳсилоти касбӣ барои кордиҳандагон амалигардонии барномаҳои микёсии баланд бардоштани тахассус ва азнавтайёркунии кадрҳо ғайримақсаднок мегардад. Роҳбарони корхонаҳо беҳтар мешуморанд корманди «тайёрро харанд», вале зуҳуроти нокифоя тайёр будани кормандонро, ки самараи намоёни манфиро медиҳад, қайд менамояд.
3. Кордиҳандагон хоҳиши ба кор қабул намудани хатмкунандаҳои бетаҷрибаи муассисаҳои олиро надоранд. Ин ба он оварда мерасонанд, ин инҳо (яъне донишҷӯён) бо низоми оммавӣ ба ҳама гунна роҳ таҷрибаомӯзӣ намуда, дар вақти таҳсил малакаи корӣ пайдо намоянд.

Тасодуфан нест, ки солҳои охир самти кам шудани вақте, ки донишҷӯ бевосита ба раванди худи таҳсилот сарф мекунад, мушоҳида мешавад. Ин ҳам ба қисмати камшавии тахсилоти рӯзона бо муқоиса ба ғоибона ва фосилавӣ зоҳир шуда истодааст. Дар умум тараққӣ накардани низоми баланд бардоштани тахассус дар кишвар ба гирифтани таҳсилоти пурраи олӣ монеъа бунёд месозад. Замоне Бенҷамин Франклин гуфта буд: «Ҳамон касе ки ҳунар омӯхт, сарват ба даст овард», ки ин маънои онро дорад, яъне

маълумотнокӣ ва тайёрии касбӣ ба муваффаққияти муҳим дар маҷмӯъ ба сармояи инсонӣ меорад – дониш, малака, маҳорат ва умуман инсониятро бештар корманди уҳдабаро менамояд. Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ баробари сармоягузорӣ ба фаъолҳои моддӣ, - воситаи муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мебошад. Аз рӯи баҳодиҳӣ қариб 15% афзоиши ҳосилнокии аз рӯи маблағгузорӣ ба маълумотнокӣ ва тайёрии касбии ҳайати кормандон ба даст меояд.

Яке аз нишондиҳандаҳои сифати меҳнат дар кишвар сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ба шумор меравад. Бешубҳа дар кишвари мо таҳсилот барои шумораи зиёди аҳолӣ дастрас аст. Вале қайд кардан зарур аст, маълумотнокӣ чи хеле ки дар назари аввал менамояд на он қадар хуб аст. Бо тахмини бисёр мутахассисон сифати маълумотнокӣ дар кишвар коҳиш ёфтааст. Натиҷаи тестҳои намунавӣ ҳангоми дохилшавӣ нисбати даҳсолаҳои гузашта асосан коҳиш ёфтааст. Беш аз ҳама донишҷӯёни мо, ки фанҳои дақиқ ва математикаро меомузанд аз рӯи дараҷаи дониш аз дигар давлатҳои минтақа қафо мондаанд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мо қисми ками муҳандисон ва тадқикотчиёнро омода месозанд. Заминаи асосии ин масъаларо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷустан лозим аст, ки бунёди асосии тайёр намудани хонандагон аз математика ва фанҳои дақиқ нокифоя аст. Тавре ки дар Пайём омадааст: «…ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомузии муаллимон мунтазам чораҷӯӣ карда, доир ба вазъи корҳо дар ин самт ба Хукумати мамлакат ҳар сол гузориш диҳанд» [2]. Аз ин ҷо баъзе муҳақиқон тасдиқ менамоянд, ки барномаи тайёр намудани кадрҳо дар ҷои кор (яъне шогирдон) беҳтар шуданро талаб менамояд, зеро ин таҷрибаи даврони гузашта қариб аз байн рафтааст. Ҳол он ки дар давлатҳои тараққикардаи иқтисодӣ, аз он ҷумла баъзе кишварҳои аврупоиин масъала дақиқ ва бомулоҳиза ҳалли худро ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар давраи муосир муносибатро ба соҳаи маориф кулан тағйир дода, ташкили раванди худи таҳсилот, баланд бардоштани тахассус ва аз нав тайёркунии кадрҳо ҳамчун шарти рушди сифатии сармояи инсони, ки дар навбати худ барои ба вуҷуд овардани имкониятҳои рушди устувори кишвар аз нигоҳи нав ва инноватсионӣ дар оянда хизмат менаомяд.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 22.07.2013 с, № 1004.
2. Паёми Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Минбари халқ, 27.12.2017 с, № 52 (1136)
3. Белова Н.Н., Халина М.В., Пирская Е.В. Исследование социально-экономической роли и значения образовательных услуг // Казанская наука. 2014.№ 10. С. 53-62.
4. Влияние образования на формирование качественного уровня человеческого капитала в региональной экономике. URL: http://cyberleninka.ru/article/n/vliyanie-obrazovaniya-naformi-rovanie-kachestvennogo-urovnyachelovecheskogokapitala-v-regionalnoy-ekonomike.
5. Мильнер Б.Управление знаниями в современной экономике // Проблемы теории и практики управления. 2006. № 9. С. 8.
6. Колядин А.П. Фиктивный компонент человеческого капитала: условия формирования и способы минимизации: монография. Пятигорск: ПГЛУ,2011. С. 22.
7. Колядин А.П. Государственное регулирование производства человеческого капитала в образовательной сфере. Пятигорск: ПГЛУ, 2012.
8. Касаева Т.В. К вопросу о финансовых источниках человеческого капитала// TerraEcono-micus. 2007. Т. 5. №2-2. С. 125.
9. Новации и инновации в образовании – II. Коллективная монография; под ред. академика ГАЕ РАО Ю.С. Давыдова. М.-Пятигорск, 2010. 186 с.
10. Новации и инновации в образовании; ред. колл. Давыдов Ю.С., Горбунов А.П., Супрунова Л.Л., Айрапетова В.В. Пятигорск: ПГЛУ, 2009. 195 с.

11. Капелюшников Р.И., Лукьянова А.Л. Трансформация человеческого капитала в российском обществе. М.: ВШЭ, 2009.
12. Тоицкая А.А. Понятие, классификация и проблемы развития инновационных компонент человеческого капитала // Экономика Предпринимательство Окружающая Среда (ЭПОС). 2014. № 4 (60). С. 138.

**УДК: 336.2+338.2 (575.3)**

**Оймаҳмадов Г.Н., Расулов Ғ. Р., Оймаҳмадов А.Г.**

## ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ БУҶЕТӢ БА ИЗОФАРУШДИ МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ

Дар мақола масъалаҳои самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ дар шароити ҳозираи фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Ба вижа муаллифон ба сифати нишондиҳандаи захираҳои буҷетӣ зарурати истифодабарии функсияҳои буҷетро дар ташаккулёбии даромадҳо бо саҳмгузории маъмурон ва тақсими бонизом ва мутаносиби захираҳо байни соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва минтақаҳо бо истифода аз имтиёзҳо ва бо таваҷҷух ба ҷанбаҳои инноватсионии саноатигардонии иқтисодиёт инъикос кардаанд.

Ба ақидаи муаллифон дараҷа ва сифати самаранокии ташаккулёбии захираҳои молиявии буҷет на танҳо аз сохтори он вобастааст, балки он бо фаъолияти маъмурони масъули пардохтҳо ва сатҳи ихтисоснокии онҳо алоқаманд мебошад.

Тақсим намудани ҳаҷми захираҳои молии буҷетӣ ба шумораи маъмурон таъминкунандаи самаранокии воқеии фаъолияти кормандони дар ин соҳаи амалкунандаро дар ҷамъоварии андозу пардохтҳо нишон медиҳад. Самаранокии истифодабарии захираҳои буҷетӣ дар сармоягузориҳои воқию хизматрасониҳо бавуҷудоварандаи фузунсози маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад.

Муаллифон мавриди истифодабарии ҳамаи соҳибкориҳо набудани банкақшагирӣ ва будҷетинамоиро, ки мустақиман ба муназзамии пардохтҳо ба буҷет, афзоиши ҳаҷми ММД таъсири манфӣ мерасонанд, қайд менамоянд.

**Калидвожаҳо**: захираҳои буҷетӣ, банақшагирӣ, буҷетинамоӣ, даромадҷамънамоӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, даромадҳои андозии буҷетӣ, манфиати аздастрафта, таъмини сармоягузориҳо, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, маъмурони андоз, такрористеҳсоли ҷамъиятӣ, инкишофи инноватсионӣ, касри буҷет, фондҳои истеҳлок, ҳамгироии иқтисодӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ.

**Оймахмадов Г.Н., Расулов Г. Р., Оймахмадов А.Г.**

## ВЗАИМНОЕ ВЛИЯНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ НА ПРИРОСТ ВАЛОВОГО ВНУТРЕННЕГО ПРОДУКТА

В статье рассмотрены вопросы эффективности использования бюджетных ресурсов в совреннхых условиях экономической деятельности РТ. В частности в качестве показателя эффекивности авторы рекомендуют необходимость использования бюджетной функции в планомерном и пропорцальном формировании ресурсов между отраслями и регионами с уклоном приоритетного инновационного разделения и использования финансовых ресурсов в экономике.

По мнению авторов, уровень и качества эффективности формирования бюджетных финансовых ресурсов зависит не только от действущей налоговой системой и ее структурой, но и взамосвязана с деятельностью администраторов по сбору платежей и уровня их квалифицированности.

В качестве показателя эффективности формирования бюджетных ресурсов приводится необходимость использования точки безубыточности в практике предпринимательской деятельности, так как такая практика обеспечивает стабильное поступление бюджетных доходов.

Разделение фактический объема бюджетных финансовых ресурсов на количество админстраторов, обеспечивающих сбор данных платежей отражает реальную эффективность деятельности заннятого в данной сфере персонала.

Авторы, особо подчеркивают влияние остустствия планирования и бюджетирования на нестабильность формирования финансовых ресурсов бюджета, которое на прямую отрицательно отражается на объемы ВВП страны и поступление доходов в бюджет.

**Ключивые слова: бюджетные ресурсы**, планирование, буҷетсозӣ, сбор доходов, валовой внутренний продукт, налоговые доходы бюджета, упущенная возможность, обеспечение инвестиций, ограниченность финансовых ресурсов, налоговые администраторы, общественное воспроизводство, инновационный рост. Бюджетный дефицит, амортизационные фонды, экономическая интеграция, межбюджетные отношения.

**Oymahmadov G.N., Rasulov G., Oymahmadov A.G.**

## MUTUAL INFLUENCE OF EFFICIENCY OF USE OF BUDGET FINANCIAL RESOURCES ON GDP GROWTH

The article discusses the efficiency of the use of budgetary resources in the current conditions of economic activity of the Republic of Tajikistan. In particular, as an indicator of effectiveness, the authors recommend the need to use the budget function in the systematic and proportional formation of resources between industries and regions with a bias in the priority of innovative separation and use of financial resources in the economy.

According to the authors, the level and quality of the formation of budgetary financial resources depends not only on the current tax system and its structure, but also interconnected with the activities of administrators in collecting payments and their level of qualification.

As an indicator of the effectiveness of the formation of budgetary resources, the necessity of using the breakeven point in the practice of entrepreneurial activity is given, since such a practice ensures a stable receipt of budgetary revenues.

Dividing the actual amount of budget financial resources by the number of administrators providing the collection of payment data reflects the real effectiveness of the activities of personnel involved in this area.

The authors emphasize the impact of the lack of planning and budgeting on the instability of the formation of financial resources of the budget, which directly affects the country's GDP and revenue

**Key words**: budget resources, planning, budgeting, revenue collection, gross domestic product, budget tax revenues, missed opportunity, investment, limited financial resources, tax administrators, social reproduction, innovative growth. Budget deficit, depreciation funds, economic integration, intergovernmental relations.

Буҷет ба мисли ҳамаи категорияҳои иқтисодӣ ифодагару барандаи муносибатҳои иқтисодию молиявӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои молиявие, ки байни давлату

корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва аҳолӣ ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои буҷетиро ташкил медиҳанд [1.13].

Буҷет ва низоми буҷетии ҳамаи давлатҳо новобаста аз он, ки онҳо унитарӣ, яъне дузвеногӣ ва ё федералӣ – се-чор звеногӣ мебошанд, функсияҳои муайянро иҷро менамоянд:

- ташкили фонди буҷетӣ ва ё даромадҳои буҷетӣ;
- истифодаи фонди буҷетӣ ва ё харҷнамоии маблағҳои буҷетӣ;
- назорат нисбати ташкилу истифодабарӣ.

Давлат буҷетро вобаста ба функсияҳои бауҳдадоштааш, аввало барои бароҳмонии раванди **такрористеҳсоли ҷамъиятӣ** ва дар ҳамин замина таъмин кардани бехатарии иқтисодию молиявӣ ва хӯрокворӣ аҳолӣ ва соҳибкориҳо равона месозад.

Бо истифода аз функсияҳои буҷетӣ давлат кафолати ҳифзи ичтимоиро бо маънои васеаш (бо маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва фарҳанг) вобаста ба иқтидори буҷетӣ ба уҳда мегирад [2.23].

Бо ёрии функсияҳои буҷетӣ давлат кафолати идораи пурсамараи давлатдорӣ, мудофиа ва амнияти марзу бумашро таъмин менамояд.

Давлат дар асоси истифодаи функсияҳои буҷетӣ мутаносибияту мунтазамияти байни соҳаҳо ва ноҳияҳоро дар асоси афзалиятҳои инкишофи инноватсионӣ интихоб карда, бо танзими ҳолати иқтисодиёту муносибатҳои молиявӣ кафолати вазифаҳои ба ӯҳдадоштаашро таъмин менамояд.

Сатҳу дараҷаи самаранокии фаъолияти буҷетро нисбати дар амалия татбиқнамоии функсияҳоою принсипҳои буҷетӣ инъикос менамояд:

- раванди буҷетию низоми буҷетӣ
- мустақилияти буҷетҳо
- тавозуни даромаду хароҷоти буҷет
- воқеӣ будани буҷет
- ошкорбаёнӣ нисбати амалҳои дар раванди буҷетӣ ҷойдошта.

Яъне функсияи назорати буҷетӣ риояшавандагии принсипҳои буҷетию дар амал татбиқгардии функсияҳоро бо назорати пешакӣ, ҷорӣ ва ниҳоӣ ба амал бароварда, сифати амалигардии онҳоро баҳо медиҳад.

Бояд ҳаминро қайд кард, ки ҳамаи давлатҳо вобаста ба иқтидори иқтисодии дар мамлакаташон ҷойдошта имкониятҳои буҷетиашонро бо истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохила таъмин менамоянд. Он мамлакатҳое, ки ба пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва сатҳи баланди зиндагӣ муваффақ гаштаанд, аз имкониятҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохила ба таври васеъ истифода бурдаанд.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум гардид, ки сатҳи рушди ММД дар солҳои тадқиқотӣ таъмин гардида, мувофиқатан рушди даромадҳоою хароҷоти буҷетиро таъмин кардааст.

Касри буҷети давлатӣ дар ҳудуди ба инкишоф сафарбарнамоии иқтисодиёт қарор дорад.

Сатҳу сифати самаранокии захираҳои молиявии буҷетиро низоми андозу таркиби онҳо ва фаъолияти маъмурони ба ҷамъоварии пардохтҳо вазифадоркардашуда аз як тараф инъикос намоянд, аз тарафи дигар ба рушди соҳибкориҳои ба инноватсия нигаронидашуда мутобиқат кардани фаъолияти соҳибкасбони сохторҳои овардашударо нишон медиҳад. Суръати изофарушди ММД аз ҳамин омилҳо вобастагӣ дорад.

Барои муайян кардани самаранокии истифодабарии захираҳои молиявии буҷетӣ мо бояд аз нигоҳи камхарҷии ҷамъоваришавии захираҳо баҳо дода, онро ба шумораи одамоне, ки дар ҷамъоварӣ ширкат меварзанд, тақсим намоем.

Даромадҳои буҷетиро ба ҳар як нафар кормандони сохтори буҷетию дар раванди буҷети ширкаткунандагон ва кормандони кумитаи андозу гумрук, маъмурони соҳавӣ

тақсим менамоем. Мо бо ин роҳ даромадмусаллаҳии кормандони дар ин раванд ширкаткунандаро муайян менамоем.

**Нақшаи 1**

**Нишондиҳандаҳои ММД ва буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [ 3.58-134]**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Суръати рушд |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 54,471 | 61,093 | 68,8 | 78,2 | 13.6 |
| Ҳиссаи даромадҳои буҷетӣ нисбат ба ММД | 33.6 | 32.0 | 33.1 | 30.4 | |
| Даромадҳои буҷетӣ | 18305852 | 19568614 | 21003087 | 23774064 | 13,2 |
| Воридоти андозӣ | 12522793 | 13202026 | 14743919 | 16317704 | 11,1 |
| Воридоти ғайриандозӣ | 1067385 | 1135674 | 1023781 | 1182296 | 13,9 |
| Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетӣ | 18594441 | 19863163 | 21337420 | 24165127 | |
| Маориф | 3146229 | 3581017 | 3863064 | 4404878 | |
| Суғуртаи ичтимоӣ | 3098037 | 3249335 | 3357910 | 3677838 | |
| Саноат ва сохтмон | | 137790 | 132336 | 156342 | |
| Комплекси сӯзишворӣ | 4069007 | 3323512 | 3483176 | 4101929 | |
| Касри буҷет | 288599 | 294549 | 33433 | 391063 | 0.5 |

Нишондиҳандаи самаранокии овардашударо бо дигар роҳ низ ҳисоб кардан имконият дорад. Дар ин маврид мо даромадҳоро ба шумораи кормандони сохтори буҷетӣ тақсим менамоем. Нишондиҳан-даи ғайримустақими самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ин муқоисаи даромадҳои буҷетӣ бо музди кори кормандони сохторҳои буҷетӣ мебошад.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сатҳи самаранокии истифодабарии захираҳои буҷетиро инъикос менамояд, оқилона будани маблағи барои фаъолияти сохтор тақсимгардида мебошад. Маблағҳое, ки барои истифодабарӣ дар сохторҳои буҷетию соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешаванд, дар асоси меъёрҳои гуногуни хароҷоти барои сохторҳои гуногуни буҷетӣ ба нақша гирифта мешаванд ва аз тарафи дигар, аз оқилона будани воҳидҳои кории барои ин сохторҳо пешбинишуда вобастаанд.

Ҳаҷми хароҷоти банақшагирифташаванда аз асоснокии илмии меъёри хароҷот барои фаъолият вобаста мебошад. Мо ҳамин гуна сохтореро, ки ҷавобгӯи муайянкунии меъёрҳои барои банақшагирии буҷети пешбинишуда бошад, надорем ва агар дошта бошем ҳам дар бораи он маълумоте пешниҳод нашудааст. Пас, фаъолият дар асоси меъёрҳои аз гузашта боқимонда ба роҳ монда шудааст. Хуб мешуд, агар мо меъёрҳои нави хароҷоти буҷетиро дар асоси дастовардҳои инноватсионии ҷаҳонӣ ташкил карда, аз технологияи коммуникатсионию иттилоотӣ васеътар истифода карда, сатҳи хароҷотро камтар намуда, боздеҳи онро барои зиёд шудани ММД таъмин мекардем. Барои соҳаҳои иқтисодиёт пешбинӣ намудани хароҷоти ба таъсиси инноватсия нигаронидашуда имкониятҳои зиёд кардани ММД-ро таъмин менамоянд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ аз он вобастааст, оқилона будани воҳидҳои кории сохторҳои буҷетӣ ва ҳамаи вазоратҳою кумитаҳо мебашад. Нодуруст муайян кардани воҳиди корӣ, аз як тараф ба барзиёдшавии хароҷоти буҷетӣ барад, аз тарафи дигар сабаби зиёдшавии хароҷот оид ба идора ва фаъолият мегардад. Барои соҳаҳои истеҳсолӣ бошад, арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшавандаро баланд бардошта, фоидагириашро кам намуда, ҳаҷми андозҳои ба буҷет пардохтшавандаро коҳиш медиҳад, ки ба самаранокии воридшавии андозҳо ба буҷет таъсири ногувор мерасонад.

Як паҳлӯи муҳими самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ ба асоснокии илмии лоиҳаҳои сармоягузоришавандаи хароҷоти асосии буҷетӣ вобастааст. Иваз карда истифода бурдани лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва ё дар рафти сохтмон тағйирдиҳии он лоиҳаҳо ҳатман ба ҳаҷм ва боздеҳи захираҳои буҷетӣ таъсири хешро нисбати самаранокӣ ва изофарушди ММД мерасонанд.

Нишондиҳандаи навбатии самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба давраи ҳаётии сармоягузориҳои буҷетӣ ва вақти худпӯшонии он маблағҳою давраи фоидадиҳии онҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ пурра вобаста мебошад. Давраи ҷуброни хароҷоту фоидадиҳии сармоягузорӣ ҳар қадар кӯтоҳ бошад, ҳамон қадар иқтидори афзоиши даромадҳои буҷетӣ ва ё мултипликатори буҷетӣ бо суръат зиёд мегардад.

Мувофиқи ақидаи мо сатҳи таъсири бекорӣ ба каму зиёдшавии ММД ва даромадҷамънамоии буҷетӣ таъсири гуворо ва ногувор расонида метавонад. Бо сабаби ҷой доштани сатҳи бекорӣ дар иқтисодиёт ва ҳисоб намудани ММД-и истеҳсолнашуда мо шумораи бекоронро ба миқдори маҷмӯи маҳсулоти дохилаи ба як нафар коргар ростомада зарб карда, ҳаҷми ММД зиёднашударо муайян менамоем. Мутобиқан ба ҳамин ҳаҷми даромадҳои андозии буҷетӣ кам мегарданд, ки ин манфиати аздастрафта оид ба таъмини сармоягузорихо мебошад. Мушкилоти маҳдудияти захираҳои молиявӣ бо сабаби зикршуда роҳи ҳалли худро намеёбад.

Яке аз омилҳои муҳими ба самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ таъсиррасон оқилона будани таркиби соҳаҳои иқтисодиёти дар миқёси минтақаю давлат ҷойгирнамуда мебошад. Ҳар қадар дар таркиби соҳаҳои иқтисодиёт теъдоди корхонаҳои миқдори гардиши сармояашон зиёд ва ба таври ғайримавсимӣ фаъолиятнамоянда афзалият дошта бошанд, ҳамон қадар самараи хароҷоти буҷетӣ баланд мегардад. Дар ҳолати дар таркиби соҳахо зиёд будани корхонаҳои истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок ва кишоварзӣ ҳамон қадар самаранокии боздеҳи буҷетӣ бо сабаби кам ворид шудани даромад ба буҷет паст аст. Зиёд будани фаъолияти корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонии мавсимӣ, ки даромадгирии бениҳоят пастро доранд, бо боздеҳи буҷетиашон яъне бо андозу ҷаримасупориашон ба изофарушди ММД ва буҷет таъсири ногувор мерасонанд.

Пас, мо қайд карда метавонем, ки фаъолияти таркибии соҳавию минтақавии соҳаҳои иқтисодиёт ба фузунсози даромадҳои буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ ва самаранокии хароҷоти он маблағ таъсири бевосита мерасонад. Ташкили таркиби оқилонаи соҳаҳо дар миқёси мамлакату минтақаҳо, аз пешниҳоди ҳукумат ба машғулшавӣ ба соҳибкорӣ метавонад, барои иқтисодиёт самаранок ва камсамар бошад. Пешниҳоди шаклҳои соҳибкории оқилона дар миқёси минтақаҳо, ки ба ҳамгироии иқтисодӣ асос мегузорад ва он аз тарафи ҳукумат пешниҳод шудааст, воситаи ба самаранокии буҷетӣ нигаронида шудани фаъолияти иқтисодиёт мебошад.

Яке аз самтҳои муҳими болобардории самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ба оқилонагии интихоби афзалиятҳои инкишоф дар заминаи ташкили инноватсия алоқаманд буда, баҳрабардории оқилонаро аз маблағгузории буҷетӣ ва бо маблағ таъмин кардани онҳо таъмин менамояд.

Сари вақт бо маблағ таъминнамоии объектҳои барои маблағгузории асосӣ ва ҷории буҷетӣ пешбинишуда самти муҳими самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетиро таъмин менамояд. Бо сабаби бавуҷудоии касри дохилии буҷетӣ, яъне ҷамъшавии ками маблағҳо барои моҳ ва ё семоҳа маблағгузории объект ба муҳлати дигар гузаронида шуда, маблағгузории хароҷоти ҷории дар афзалият нишондодашуда (музди кор, стипендия, хӯрокворӣ ва ғайра) ба амал бароварда мешавад, ки ҳатман ба самаранокии перспективии буҷетӣ таъсир мерасонад.

Ҳуҷҷатҳои ҳисоботтасдиқнамояндагони зерҳисобот (муҳосибону, банақшагирандагон) ва асоснокии онҳо ба самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷет таъсири бевосита мерасонанд.

Кам кардани хароҷоти буҷетӣ ва оқилонанамоии таркиби онҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва пешниҳоди калкулятсияи арзиши аслӣ барои муҳосиботи сохторҳои буҷетӣ на танҳо воситаи болобардории самаранокии маблағгузориҳои буҷетӣ, балки воситаи асосии шаффофнамоӣ дар истифодаи меъёрҳои ягона ва ҳуҷҷатҳои ягонаи ба ҳисобот пешниҳодшаванда мебошад.

Нишондиҳандаи мушаххаси самаранокии маблағҳои буҷетӣ таркиби воситаҳои худӣ ва берунаи дар маблағгузории буҷетӣ нишаста ва муқоисаи он бо захираҳои дохили ҷумҳуриявии истифоданашуда ё тақсими даромадҳои худӣ ба шумораи умумии аз ҳисоби буҷет фаъолиятнамоянда мебошад.

Самаранокии иҷрошавии буҷет нисбати баҳодиҳиаш хусусияти ду паҳлуяро соҳиб буда, бо як баҳо онро маълум карда намешавад. Самаранокии иҷрошавии буҷет аз як тараф бо мақсаднокона истифодабарии он захираҳо алоқаманд бошад, аз тарафи дигар бо қурби пул ва тавоноии харидории он ва таъсири он ба сатҳи нархҳо пайваста мебошад.

Барзиёд иҷрошавии буҷет бо сабаби ба вақти дигар гузаронидани маблағгузориҳои асосӣ ва ё бо сабаби поёнравии нархи молу маводи маблағгузоришаванда ба миёномада ва ё босабаби истифода нашудани маблағҳои баъзе моддаҳои харҷнома пайдошуда, ҳатман бо самаранокӣ алоқаманд бошад ҳам, бо сатҳи таъсиррасониаш ба рушди иқтисодиёту самаранокӣ ва маънидоди он мутобиқат наменамояд.

Ҳамон барзиёдиҷрошавӣ пурсамара аст, ки **дар натиҷаи маблағгузории давраи кӯтоҳи ҳаётидошта бавуҷуд омада аз нақша зиёд воридшавии даромадҳоро ба буҷет таъмин карда бошад.**

Маблағгузории буҷетие, ки бо риоя нашудани давраи ҳаётии сармоягузорӣ анҷомидааст, муаммои касри буҷет ва зарурати азнав танзимнамоии буҷетиро ба миён меорад.

Самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ бо ғайримақсаднок истифодабарии он захираҳо мутаносиби чапа буда, бо мақсаднок истифодабарию ба нархҳо мувофиқат кардани онҳо мутаносиби роста аст.

Буҷет барандаи муносибатҳои молиявӣ оид ба ташкилу тақсими мутаносиби даромадҳо нисбати таъмини раванди такрористеҳсолу бо ҳам алоқамандии мувофиқати соҳаҳою ноҳияҳо ва таъмини фаъолияти сохторҳои буҷетӣ бо мақсади қонеъгардонии талаботҳои давлатӣ нисбати баамалбарории уҳдадориҳои давлат ба зимма гирифта мебошад.

Самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ аз як тараф аз ҳисоби дурусти тахсиси фондҳои истеҳлок дар корхонаҳои давлатӣ ва корхонаҳои бо шарикии давлат бунёдёфта вобастааст. Аз тарафи дигар он аз мақсаднокии истифодабарии маблағи фонди истеҳлок (таъмир, таҷдид ва навнамоӣ) вобаста буда, давлатро аз қарзгирии беруна раҳо месозад.

Як паҳлӯи самаранокии истифодабарии захираҳои буҷетӣ бо сатҳи нуқтаи хавфнокӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои дар иқтисодиёт фаъолиятдошта вобаста аст. Бояд қайд кард, ки мо ин нишондиҳандаҳо-ро ҳангоми таълим аз ҷиҳати назариявӣ ба донишҷӯён пешниҳод менамоем. Лекин дар амалияи соҳибкориҳои ватанӣ нишондиҳандаҳои зикрушуда мавриди истифода қарор намегиранд, ки сабаби якигар-нофаҳмиҳо мегардад.

Болобардории хосилнокии мехнат дар сохахои истехсолот

1. Истифодаи алтернативии (ватании) захирахои дар истехсолот истифодашаванда
2. Махсусгардонию интегратсияи корхонахо
3. Фаъолияти кушоди бозори когазхои кимматнокноки дуюм ва андоз аз даромади субъектони иктисодиёт
4. Ба суғурта фаро гирифтани хатархои иктисодию молиявии сугурташавандаи субъектхои сохахои истехсолию хизматрасонихо ва дар хамин замина пешгирӣ кардани хатари ба фаъолияти онхо тахдиднамояндаю воридгардии муназами андозхоро ба бучет таъмин менамояд.

5. Пешниходи истифодабарии сохибкорихо аз банакшагирии иктисодию молияви ва бучетинамоихои электронӣ воситаи таъмини қобилияти ҳисоббаробари корхонаҳо, ва сари вақт ба буҷет пардохт кардани даромадҳо мегардад.
6. Ташкили маркази тавсиядихию банакшагирии истехсоли махсулоти кишоварзӣ дар назди Вазорати кишоварзӣ ва шуъбахои вилоятии он бо максади пешгирӣ аз барзиёд истехсолнамоии навъхои алохидаи махсулот (пиёз, картошка, сабзи ва мевачотхо) ва бо ин рох таъмин кардани пардохтхои муназзами андози ба бучет.

**АДАБИЁТ**


1. Дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи буҷет ва дурнамо.. 2018.
2. Қонун дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Статистический сборник. 2020. Агентство по статистике при Президенте РТ.
4. Буриева М. Буҷет ва низомии буҷетии ҶТ. Душанбе, 2015.


**УДК 331.101**

**Мараимов Б.М., Кабутов Қ.М.**

## РОҲҲОИ ҲАВАСМАНД ГАРДОНИДАНИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА

Дар мақола роҳҳои ҳавасмандгардонии такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои савдои чакана мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳо муаллифон пешниҳод менамоянд, ки дар корхонаҳои савдои чакана барои такмил додани ихтисоси кормандон усулҳои муосири баҳогузорӣ мавҷуд аст. Инчунин, ба ақидаи муаллифон менеҷменти молиявӣ барои такмили ихтисоси кормандон имкониятҳои баҳогузории лоиҳаҳои маблағгузорӣ ва ташаккули портфели маблағгузорӣ; баҳогузории хароҷоти сармоя; банақшагирии молиявӣ ва назорат аз болои такмили ихтисоси кормандонро медиҳад.

**Вожаҳои калидӣ:** ҳавасмандгардонӣ, такмили ихтисос, мутахассис, усулҳо, менеҷменти молиявӣ, рақобат, омил.

**Мараимов Б.М., Кабутов К.М.**

## ПУТИ МОТИВАЦИИ ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ ПЕРСОНАЛА РОЗНИЧНЫХ ТОРГОВЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье рассматриваются способы стимулирования профессионального развития сотрудников розничной торговли. На основании анализа источников авторы предполагают, что существуют современные методики оценки для повышения квалификации сотрудников в розничной торговле. Также, по мнению авторов, финансовый менеджмент - это возможность повысить квалификацию персонала, оценить финансовые проекты и сформировать финансовый портфель; оценка капитальных затрат; обеспечивает финансовое планирование и контроль за профессиональным развитием.

**Ключевые слова:** мотивация, повышение квалификации, специалист, методы, финансовый менеджмент, конкуренция, фактор.

**Maraimov B.M., Kabutov K.M.**

**WAYS OF MOTIVATING RETAIL STAFF PROFESSIONAL TRAINING**

The article discusses ways to stimulate the professional development of retail employees. Based on the analysis of the sources, the authors suggest that there are modern assessment techniques to improve the skills of employees in retail. Also, according to the authors, financial management is an opportunity to improve the qualifications of personnel, evaluate financial projects and form a financial portfolio; capital cost estimation; provides financial planning and supervision of professional development.

**Key words:** motivation, professional development, specialist, methods, financial management, competition, factor.

Хусусиятҳои иқтисоди муосир нишон медиҳад, ки корхона ва ташкилотҳо барои омода намудани мутахассисони баландихтисос талаботҳои ҷиддӣ ба роҳ мемонанд, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд. Ин аз он вобаста аст, ки дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ва рушди афзалиятҳои рақобатӣ, танҳо корхонаҳое метавонанд фаъол монанд, ки ба тағйиротҳои рухдода зуд мутобиқ шуда ва қарорҳои салоҳиятнокеро, ки аз мустақимии сатҳи малака ва омодагии кормандони истеҳсолӣ вобастагӣ доранд, қабул ва амалӣ намоянд.

Дар шароити муосир савдои чакана, яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи хоҷагии халқ мебошад ва ин афзалиятро дар ояндаи наздик нигоҳ хоҳад дошт. Новобаста аз он, ки соҳаи мазкур дар шароити хуби рушдёбӣ қарор дорад, вале бояд корхонаҳо дурнамоии рушди оянда ва роҳҳои баландбардории рақобатпазирии худро таъмин намоянд. Барои инро таъмин намудан бояд захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатии корхонаҳои савдои чакана оқилона ва самарабахш истифода бурда шавад.

Дар зери мафҳуми захираҳои меҳнатии корхонаҳои савдои чакана, шумораи кормандоне, ки дар он фаъолият менамоянд, (новобаста аз хусусияти коре, ки онҳо иҷро мекунанд) фаҳмида мешавад. Маълум аст, ки барои кормандон вазифаҳои касбии худро бо сифати баланд ва мувофиқи стандартҳо иҷро кардан, донишҳои муайяни назариявӣ ва қобилияти истифодаи онҳоро дар ҳолатҳои мушаххас талаб мекунад[4].

Такмил додани равандҳои технологӣ ва тиҷоратӣ, таҷҳизоти доимо таҷдидшаванда, афзоиши ҳаҷми фурӯши маҳсулот аз сатҳи зарурии омодагии ҳамаҷонибаи кормандон вобастагӣ дорад. Ҳамасола ҳаҷм ва доираи талабот ба малакаи касбии корманд афзоиш меёбад. Ин яке аз сабабҳоест, ки роҳбарияти корхонаро дар ҳама гуна шакл (аз дӯкони савдо то маҷмааи савдо) маҷбур месозад, ки кормандони ташкилотро таълим ва такмил диҳанд.

Дигаргуниҳои сохторӣ, ки дар соҳа ба амал меоянд, пеш аз ҳама ба афзоиши шумораи шабакаҳои савдои чакана, ки талаботро ба мутахассисони баландихтисос меафзояд, меоварад. Имрӯз ширкатҳо кӯшиш мекунанд, ки афзалияти рақобатпазириро дар бозор соҳиб гарданд, ки ин ба малакаву кордонии кормандони ширкат вобастагӣ дорад. Ин ба ширкат имконият медиҳад, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин қарорҳои одилонаи идоракуниро қабул намояд. Аз ин хотир, бисёр ширкатҳо низоми дохилии таълимро таҳия ва амалӣ гардонида истодаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҷриба барои ҷоринамоии намудҳои гуногуни таълим ва такмили кормандон чунин усулҳо истифода бурда мешаванд [1]:

- сарпарастӣ (таҳти роҳбарии як корманди баландихтисос, баланд бардоштани сатҳ ва дониши кормандон);
- истифодаи дастурамалҳои корӣ ҳамчун як роҳи омӯзиши мустақилона;
- истифодаи роҳҳо ва усулҳои ҳавасмандгардонӣ, ки дар такмили фаъолият замина мегузорад;

- сафари хизматӣ барои омӯзиши таҷриба дар дигар ширкатҳо (филиалҳо ва шуъбаҳои дигари сохторӣ).

Мавриди зикр аст, ки барои омӯзиши кормандон дар доираи гузаштани курсҳои гуногуни такмили ихтисос, иштирок дар тренингҳои махсусгардонидашуда ва семинарҳо оид ба баландбардории малакаи кории кормандон зарур мебошад. Ғайр аз ин, доираи сафарҳои берунӣ ба кормандон имконият медиҳад, ки ҳам дониш ва ҳам малакаҳои вазифавии худро ташаккул диҳанд, инчунин такмили ихтисос дар берун ба баландшавии дониш ва малакаи психологии кормандон таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳар яке аз усулҳои пешниҳодшуда бартарӣ ва камбудиҳои худро дорад. Масалан ташкили таълим ва такмили кадрҳо дар маркази таълимии худи ширкат дорои афзалиятҳои беандоза мебошад, чунки [2]:

- омода кардани мутахассис дар самти муайян ва дақиқ бо назардошти вазифаҳои аввалиндараҷа ва актуалии ширкат;
- интихоби муносиби донишҳои назария ва амалӣ;
- кам кардани хароҷоти молиявӣ барои таълими кормандон;
- ихтисор кардани мӯҳлати таҳсил.

Камбудиҳои таълимии дохилии корпоративӣ ин набудани робита бо ҳамкасбони дигар ташкилотҳо, “инкишофи рақобатӣ” ва имконияти ҷамъбаст кардани таҷрибаи фаъолияти онҳо, зарурати интихоби кадрҳои соҳибихтисос ва ташаккули минтақаҳои таълимии махсус мебошад. Ин хусусан дар таълими амалии кормандоне муҳим аст, ки фаъолияташон ба истифодаи техника ва дастгоҳҳо робита дорад. Масалан, кассирҳо, мудирони базаи маълумотҳо, коршиносон оид ба қабули молҳо, молшиносон ва операторҳо.

Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки ҳар як корманд ҳангоми ба кори нав баромадан исбот кардан мехоҳад, ки ба фаъолияти корияш бисёр мароқ дорад. Ғайр аз ин, роҳбарон дар навбати худ, барои он, ки кормандон вазифаҳои худро саривақт ва босифат иҷро намоянд, вазифадор мебошад, ки низоми ҳавасмандгардонии кориро ба роҳ монанд. Инчунин, омилҳои дигаре ба монанди дараҷаи пасти масъулиятнокӣ, муносибати ғайристандартии роҳбар ва кормандон, метавонад кормандро аз фаъолияти худ рӯҳафтода созад. Ин метавонад бо сабабҳои зерин рух диҳад[3]:

- ✓ дахолати аз ҳад зиёди роҳбарият;
- ✓ набудани дастгирии ташкилӣ ва психологӣ;
- ✓ надоштани маълумоти зарурӣ оид ба корманд;
- ✓ аҳамият надодани роҳбар ба зердастон ва дархостҳои онҳо;
- ✓ набудани фикру мулоҳизаҳо (маълумоти аниқ надоштан оид ба натиҷаҳои меҳнати зердастон);
- ✓ баҳодиҳии ғайриқаноатбаш ба натиҷаи меҳнати зердастон аз ҷониби роҳбарон.

Мавриди зикр аст, ки як қатор омилҳо метавонанд барои идоранамоии кормандон таъсиррасон бошанд, аз он ҷумла: зердастонро барои гирифтани донишҳои нав сафарбар намудан; баланд бардоштани малака ва такмили ихтисоси кормандон; таҳияи омӯзиши низоми зарурӣ ва ғ.

Дар расми 1 омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон пешкаш карда мешавад.




**Расми 1- Омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон**

Яке аз омилҳои муҳими дигари рушди корхонаҳои савдои чакана ин баланд бардоштани иқтидори кадрии корхона мебошад. Аз ҳамин хотир, бояд низоми таълимии корхонаҳои савдо таъсис дода шавад. Ин низом дар ҳалли масъалаҳои шуғл дар бозори хизматрасонии савдои чакана мусоидат мекунад, ки ба: пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ; баҳодиҳӣ ба талабот ва тақозои коргарон; такмили низоми таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; гузаронидани семинару тренингҳо ва ғ.

Қобили зикр аст, ки дар рафти тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон маблағгузории иловагӣ лозим мегардад. Маблағгузорӣ барои такмили ихтисоси кормандон дар асоси банақшагирии менеҷменти молиявии ширкат ба роҳ монда мешавад. Менеҷменти молиявӣ барои такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои савдои чакана чунин имкониятҳои молиявиро медиҳад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҷараёни идоракунии такмили ихтисоси кормандон чунин хулосаҳо бароварда мешавад:

якум, рушди малакаи кормандон бояд ҳангоми таҳияи сиёсати кадрии корхона, муайян кардани талаботҳои ташкилӣ ва инфиродӣ ба нақша гирифта шавад;

дуюм, фароҳам овардани шароит барои рушди кормандон тавассути истифодаи ҳавасмандиҳои моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла кафолатҳо;

сеюм, нигоҳ доштани таҳсилоти давомдор дар доираи касби корманд тавассути машварати мунтазам дар соҳаҳои такмили ихтисос дар корхона ва ташкили пешрафти касбӣ.

**Ҷадвали 1.**

**Менеҷменти молиявӣ дар такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои савдои чакана**

| **Менеҷменти молиявӣ дар такмили ихтисоси кормандон** | **Усулҳои менеҷменти молиявии такмили ихтисоси кормандон** | **Мақсади менеҷменти молиявии такмили ихтисоси кормандон** |
|---|---|---|
| таҳия ва татбиқи сиёсати молиявӣ бо истифодаи воситаҳои гуногуни молиявӣ | таваккал ва афзалятҳои ин ё он роҳҳои маблағгузорӣ барои такмили ихтисоси кормандон | ба ҳадди максималӣ расонидани фоида аз ҳисоби таҷрибаи гирифтаи кормандон |
| қабули қарорҳо оид ба такмили ихтисоси кормандон ва масъалаҳои маблағгузории онҳо | самаранокии фаъолияти ширкат дар асоси баландбардории тахассусии кормандон | дар давраи банақшагирифташуда таъмин намудани меъёри устувори фоида |
| таъмини иттилоотӣ бо роҳи тартибдиҳӣ ва таҳлилӣ ҳисоботҳои молиявӣ | | зиёдшавии даромади ҳайати роҳбарикунанда ва муассисони ширкат |
| баҳогузории лоиҳаҳои маблағгузорӣ ва ташаккули портфели маблағгузорӣ; баҳогузории хароҷоти сармоя; банақшагирии молиявӣ ва назорат аз болои такмили ихтисоси кормандон | суръатнокии гирдгардиши сармоя ва ҳосилнокии он аз ҳисоби кормандони соҳибтахассус | болоравии арзиши қурби саҳмияи ширкат |
| ташкили дастгоҳи идоракунии фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории ширкат аз ҳисоби кормандони баландихтисоси ширкат | | |

Манбаъ:дар асоси адабиёти [2] муаллифон таҳия намудаанд

Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо дар бозори меҳнат ба кормандоне, ки иқтидори зеҳнияшон хело баланд аст, таваҷҷуҳи зиёд доранд. Ҳамин тариқ, баландшавии сатҳи касбият ва салоҳиятнокии кормандон ба рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана мусоидат намуда, ба рушди минбаъдаи он заминаҳо хоҳад гузошт.

## АДАБИЁТ

1.Бланк И.А. Торговый менеджмент. – Киев: Эльга; Ника-Центр, 2006. – 780 с.

2. Брагина Л.А., Данько Т.П. Организация и управление торговым предприятием: учебник / под ред. Л.А. Брагина, Т.П. Данько. – М.: Инфра-М, 2005. – 303 с.

3. Болычев, О.Н. Этапы формирования и развития сетевых предпринимательских структур / О.Н. Болычев // Известия Тульского государственного университета. Экономические науки. - 2009. - № 1-С. 270 - 279.

4. Голова А. Г. Управление продажами : учебник / А. Г. Голова. - М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К0», 2010. - 280 с. С. 229.

**УДК 574+338.138(575.3)**

**Досиев М. Н.**

## МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАШКИЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ ЭКОЛОГИЯ

Дар мақола консепсияи фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология баррасӣкардашудааст. Таъкид шудааст, ки барои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар соҳаиҳифзитабиат ва экология дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии иқтисодиёт мувофиқи мақсад мебошад.Чунин ҳисобида мешавад, ки яке аз роҳҳои беҳтарини ҳифзи табиат оқилона истифода бурдани он мебошад. Инчунин, зикр гардидааст, ки принсипи идоракунии оқилонаи табиат на танҳо заминаи танзими ҳифзи муҳити зист, балки яке аз принсипҳои асосии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи экология ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, муқовимати иқтисодиёт ва экология, рушди иқтисодӣ.

**Досиев М. Н.**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ЭКОЛОГИИ

В статье рассматривается концепция предпринимательской деятельности в сфере экологии. Отмечено, что для дальнейшего развития предпринимательства в области природопользовании и экологии в регионах Республики Таджикистан целесообразно разработать нормативно-правовые акты по государственному регулированию экономики. Также было отмечено, что принцип рационального природопользования является не только основой для регулирования охраны окружающей среды, но и одним из основных принципов регулирования предпринимательской деятельности в сфере экологии.

**Ключевые слова:** предпринимательской деятельности, использование природных ресурсов, охрана окружающей среды, противостояние экономика и экология, экономическое развитие.

**Dosiev.M.N.**

## IMPROVEMENT OF FORMATION AND DEVELOPMENT OFENTREPRENEURSHIP IN THE SPHERE OF ECOLOGY)

The article discusses the concept of entrepreneurial activity in the field of ecology. It is noted that for the further development of entrepreneurship in the field of environmental management and ecology in the regions of the Republic of Tajikistan, it is advisable to develop normative legal acts on state regulation of the economy. It was also noted that the principle of rational use of natural resources is not only the basis for regulating environmental protection, but also one of the basic principles of regulating entrepreneurial activity in the field of ecology.

**Key words:** entrepreneurial activity, use of natural resources, environmental protection, confrontation between economics and ecology, economic development

Дар оғози асри XXI яке аз омилҳои муҳимтарини стратегияи рушди устувори иқтисод ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум ташаккули соҳибкории нав дониста мешавад.

Дар шароити имрӯза мушкилоти рушди фаъолияти соҳибкорие, ки бо ҳифзи муҳити зист вобастагӣ дорад, ба мақоми аввал баромадааст. Зеро таҳкими сатҳи имконпазири иқтисодӣ аз як тараф, ба зарурати истеъмолот, аз тарафи дигар бошад, ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист алоқамандӣ дорад.

Дар доираи мавзӯи мазкур қайд бояд кард, ки тамоми намудҳои соҳибкорӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври нобаробар рушд ёфтаанд. Аммо дар гузариш ба иқтисоди бозории рушдёфта соҳибкорӣ ҳамчун як бахши иқтисодии ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи устувор таъсиррасонанда дониста шудааст.

Дар шароити инкишофи рақобат тағйирёбии мунтазами муносибат ба соҳибкории экологӣ ба амал омадааст. Имрӯз истеҳсолот дар шакли раванди ба экология нигаронидашуда ҳамчун соҳаи ояндадори иқтисодиёт ва сатҳи тараққии кишварҳо мавриди назар қарор дода мешавад.

Дар сохтор ва таркиби худ соҳибкории имрӯза, ҳамчунин ворид намудани нишондиҳандаи экологиро низ дар фаъолияти худ мавриди назар қарор медиҳад. Гузарондани чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ба камшавии хароҷоти асосии истеҳсолот оварда мерасонад, ки натиҷаи ихтисор шудани хароҷоти истеҳсолӣ, ба дараҷаи камтарин расондани талафот, истифодаи захираҳои дувумбора ва партовҳои истеҳсолот аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Аз ин сабаб бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди доштани иқтидорҳои бузурги захиравӣ, имрӯз дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ наметавонад ба дараҷаи зарурӣ рақобатпазир бошад, ки сабабаш ғайрисамаранок будани ҳалли масъалаҳои бехатарии экологӣ ва рушди устувори экологию иқтисодӣ мебошад. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, ки соҳибкории экологиро дар инкишофи имрӯзаи мутараққии инсоният ҳамчун яке аз гуногунрангиҳои муҳим ва босамари фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ намоем. [6]

Дар доираи таҳлили зикршуда бояд қайд кард, ки амалкарди сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи экология ба беҳтар кардани вазъи экологӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Ин кор бо роҳи партовкоркунӣ ва коркарди захираҳои дувумбора ва партовҳои истеҳсолот, ба дараҷаи камтарин расондани партовҳои фазо, биосфера ва гидросфера, ба таври пурсамар нест кардани моводи коркардшудае, ки имконияти аз радиатсия ва дигар намудҳои зарарасонандаҳо тоза карданашон нест ва ғайра имконпазир мегардад.

Бояд қайд кард, ки рушди соҳибкории экологӣ бо баъзе сабабҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ шудааст. Аз ҷумла, душвориҳои ҷалби ҷараёни сармоягузорӣ ба соҳаи дахлдори иқтисод, хатарҳои иловагӣ, набудани имтиёзҳои андозӣ ва стратегияи муносибгардонии экологию иқтисодӣ, инчунин, таҳлили нокифояи раванди рушди устувор ва омилҳои дигар вобаста мебошад.

Мавриди зикр аст, ки мушкилоти ҷаҳонии экологӣ ин зуҳуроти фавқулодаи мураккаб дар рушди иқтисодиётиҷаҳонӣбуда, фаҳмиши амиқ ва ҳаматарафаи илмиро металабад. Ин зарурат аз он сар мезанад, ки вазифаи гузариши зиддиятҳои ҷаҳонӣ хусусияти фаврӣ дорад, дар ин самт бошад, роҳҳо оддӣ ва ҳамвор нестанд. Дар ҳақиқат таҷрибаи 10-15 соли охир шаҳодат аз он медиҳад, ки садди аз ҳама душвор дар ин бобат ташкили фаъолияти босамари якҷояи давлат ва бахши соҳибкорӣбахри ҳифзи муҳитизистмебошад. Бе ин ба муваффақияти кор ноил гаштан ғайриимкон аст. Ин аст, ки дар таҳқиқотҳои бахшида ба мушкилоти ҷаҳонии экология ҷанбаҳои байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодии он муҳиммияти махсус касб кардааст [2].

Имрӯз рушди минбаъдаи ҳам иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам рушди экологии ҷомеа илова ба соҳаҳои асосии зиндагӣ ба шарти зарурии соҳибкории экологӣ низ табдил ёфтааст. Аммо дар ин мавриd сифатҳои зерин чун моҳият, механизм ва фишангҳо дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба таври нокифоя муайян карда шудаанд. Мушкилоти зикршуда масъалаҳои муайянкунии ҷой ва нақши соҳибкории экологиро ҳангоми иҷрои ғояҳои асосии қоидаҳо ва стратегияи рушди устувор, тафсир, шарҳи қонунӣ ва консептуалии муайянкунии намудҳои он, моҳият, маҳаки ҳаммонандкунӣ, таҳлили иқтисодӣ, махсусиятҳои баҳисобгирии оморӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Соҳибкорӣ фаъолияти навоварӣ ва мустақил буда, барои расидан ба мақсади ниҳоиихуд, яъне гирифтани мунтазами фоида аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷроиши кор ё хизматрасонӣ нигаронида шудааст. [2]

Соҳибкорӣ дар бахши экология бошад, самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд.

Инчунин, ба фаъолияте машғуланд, ки асосан бо табиат ва захираҳои маҳдуди он алоқамандии зичдорад: ба монанди истихроҷи маъданҳо ва дигар канданиҳои фоиданок, истифодаи захираҳои об, аз ҷумла, обҳои зеризаминӣ, ҷамъоварии ҳезум ва захираҳои ҷангал, ҷамъоварии растаниҳои доруворӣ, моҳидорӣ ва ғайра, ки бо мақсади ба даст овардани фоида аз фурӯш ва коркарди ин сарватҳои табиӣ машғуланд.

Мавриди зикр аст, ки соҳибкорӣ дар соҳаи муҳити зист ва экология метавонад истифодаи ғайримустақими иншооти табииро низ амалӣ намояд. Масалан, истифодаи иншоотҳои обӣ барои истеҳсоли қувваи барқ, таҳқиқоти муҳандисӣ ва геологӣ, сохтмон ва истифодаи иншооти зеризаминӣ ва ғайраҳо.

Қайд намудан ба маврид аст,ки яке аз роҳҳои беҳтарини ҳифзи табиат ин оқилона ва сарфакорона истифода бурдани он мебошад. Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки принсипи идоракунии оқилонаи табиат на танҳо заминаи танзими ҳифзи муҳити зист, балки яке аз принсипҳои асосии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи экология мебошад.

Бо вуҷуди ин, Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зист истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, иштироки онҳо ба гардиши иқтисодӣ, аз ҷумла ҳама намуди таъсир ба онҳо дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ва дигар фаъолиятҳоро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, мо метавонем чунин хулоса барорем, ки ҳама гуна фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ё таъсири муҳити зист бо равиши низоми экологӣ маҳдуд аст, яъне амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ бо дарназардошти танзими талаботи меъёрҳои экологӣ имконпазир аст.

Умуман, фаъолиятҳои соҳибкорӣ ё дигар фаъолият бояд дар асоси таъсири ҳадди ақали имконпазир ба муҳити зист ба роҳ монда шаванд.

Маврид ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ баробари он муҳити табиии олударо ба мерос гирифт, ки давоми солҳои зиёд зери таъсири нохуши истеҳсолот мондааст. Афзоиши торафт бештари истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии деҳот, зиёд истифода бурдани пестисидҳо, рушди саноати сабук ва вазнин ба олуда гаштани муҳити зист боис гардид [5].

Дар баробари ин, барои беҳтар гардондани вазъи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва экологӣ дар раванди гузариши мамлакат ба модели пешбинишудаи рушди устувори экологию иқтисодӣ туфайли санадҳои таҳиягардида ва қабулшудаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи экология ва ҳифзи табиат муваффақиятҳои назаррас ба даст омаданд.

Бояд зикр намуд,ки ташаккули соҳибкории экологии замонавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарини барномаҳои рушди устувори иқтисодии мамлакат буда метавонад. Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣтоза, кор ва хизматрасонҳои таъиноти ҳифзи табиат дошта, самти асосии фаъолияти соҳибкории экологӣ мебошад.

Соҳибкории экологӣ фаъолияти ташаббускоронаи хоҷагӣ бо назардошти маҳдудиятҳои асосии экологӣ ва талаботи равонашуда ба паст кардан ё ҳатто адами таъсири манфӣ ба муҳити табиии атроф, ҳамчунин беҳтар кардани вазъи умумии нишондиҳандаҳои экологӣ бо мақсади ба даст овардани даромади баландтарин фаҳмида мешавад [1].

Бояд қайд намуд, ки раванди рушди соҳибкории экологӣ метавонад ба тағйирёбии вазъи экологии ҷумҳурӣ оварда расонад ва дар рушди устувори экологию иқтисодии он накши назаррас дошта бошад.

Соҳибкории экологӣ яке аз пояҳои қоидавӣ (институтсионалӣ)-и ташаккул ва рушди хизматрасониҳои экологӣ, ҳамчунин ҷузъи марказии танзими иқтисодии он ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи мо ташкили низоми соҳибкории экологӣ имконият медиҳад, ки ба навъҷудокунии шаклии маҳсулоти ба ҳифзи табиат нигарондашуда, мутобиқати он ба талаботи меъёр ва стандартҳо, ба даст овардани иҷозатномаҳо барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои илман асоснокшуда ва пешқадаму ҳозиразамони истеҳсолот таъмин гарданд. Таҳия ва ҷорӣ намудани чунин механизмҳои низомҳои зикршуда барои рушди устувори экологӣ ниҳоят муҳим мебошад[3].

Дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқони гуногун чунин хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ ошкор карда шудааст (ҷадвали 1).

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба рушди соҳибкории экологӣ шаҳодатазонмедиҳад, ки соҳибкории экологӣ дорои иқтидори баланд буда, имкони истифодаи механизмҳои худташаккулёбии соҳаро дар бахши экология, хусусан агар дар ин маврид аз тарафи давлат дастгирии босамар ёбад, ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, ҳангоми рушди соҳибкории экологӣ раванди ташкили ҷойҳои нави корӣ пурзӯр гардида, метавон вазъи муҳити атроф ва сифати зиндагии мардумро беҳтар намуд.

Дар бисёр кишварҳои мутараққиҷаҳон самти фаъолияти соҳибкории экологию истеҳсолии маҳсулоти тозаи экологӣ бо номи «Нерӯи тозаи экологӣ» рушди васеъ пайдо кардааст. Бо назардошти ин, мавриди баён аст, ки дар ҷумҳурӣ омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта оид ба истифодаи нерӯи шамол ва дигар сарчашмаҳои барқароркунандаи энергия, ҳамчунин коркард ва истифодаи дувумбораи партовҳоро бештар ба роҳ мондан лозим аст.

Соҳибкорие, ки ба муҳити зист алоқамандӣ дорад, ҳамчун соҳибкории экологӣ эътироф гардида, дар аснои рушди босуботи худ бо корхонаҳои саноатӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба роҳ монда, тавассути ворид намудани техника ва технологияи муосири ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ имкон фароҳам меоварад, то ки вазъи экологии кишвар мунтазам беҳтаргардида, ҳифзи муҳити зист дар асоси талабот ва меъёрҳои экологӣ ба роҳ монда шавад. [3]

Бояд қайд кард, ки барои амиқгардонии тасаввуроти илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ нишондиҳандаи муҳимтарини фаъолияти босамари истеҳсоли «маҳсулот ва хизматрасониҳои экологӣ» буда метавонад, ки на танҳо омили иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Суръатнокӣ барои рушди минбаъдаи он бошад, дар аксар ҳолат вазъи ояндаро дар доираи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Самтҳои имконпазири рушд ва ташаккули соҳибкории экологӣ метавонад таҳияи равандҳои экологӣ бошад. Он технологияҳои сарфакунандаи нерӯ ва захираҳо, таҷҳизот ва маводи аз ҷиҳати экологӣ бехатар, истифодаи асбобҳои назоратию ченкунанда, ҳамчунин дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, аз нав коркард намудани ашёи дувумбора, истифодаи партовҳои сахти маишӣ ва ғайраро дар бар мегирад [3].

**Ҷадвали 1**

**Хусусиятҳои хоси соҳибкории экологӣ**

| **Хусусиятҳои хос** | **Объекти муносибати бозорӣ дар бахшисоҳибкории экологӣ** |
|---|---|
| Фаъолияти асосӣ | Истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва пешниҳоди хизмат, ки таъиноти ҳифзи табиат доранд |
| Таъини мақсад | Ҳамоҳангкунии ҳамкории одам ва табиат, ҳифзи муҳити атроф |
| Маҳаки фаъолият | Бепартовии раванди истеҳсолот |
| Самтҳои асоси рушд | Маҳсулоти босифати аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хизматрасонии босифат |
| Рушди фаъолияти экологии таркиби илмӣ дошта | Истифодаи натиҷаҳои дастовардҳои ҳозиразамони илмӣ, усулҳо, асбоб, технологияҳо |
| Маълумоти экологӣ | Баланд бардоштани сатҳи маълумоти экологӣ ва фарҳанги экологии кадрҳо |
| Фаъолияти ҳуқуқӣ | Фаъолият дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи экологӣ |

Дар хулоса, қайд намудан зарур аст, ки вазъи экологие, ки дар он иқтисодиёти муосир бояд инкишоф ёбад, зарурияти баррасии мушкилоти ҳуқуқии рушди иқтисодиро барои нигоҳдории муҳити табиӣ тақозо менамояд. Соҳибкории экологӣ бошад, ба дастгирии давлатӣ зарурати объективӣ дорад. Аз ин дастгирӣ аз бисёр ҷиҳат дурнамои тараққии ояндаи он вобаста аст. Бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ дар бахши экология асос ёфтааст, муттаҳид намудани ин мафҳумҳо ва принсипҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии иқтисодиёт мувофиқи мақсад мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Будникова Ю. Е. Понятие и признаки предприниматепльской деятельности, связанной с использованием природных ресурсов [Текст] / Ю. Е. Будникова // Труды Института государства и права Росийской академии наук//- 2014 - №2. С. 14-25.
2. Досиев М. Н., Каландарова И.М.Нақши соҳибкорииэкологӣ дар рушди босуботи иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Текст] /М.Н. Досиев, И. М. Каландарова // Материалы международной научно-практической конференции (29–30 ноября 2019 года)// ТУТ, Душанбе -2019. С. 48-52.
3. Комилов, С.Д., Забиров. Н. Предпринимательство: основы развития и государственное регулирование [Текст] / С.Д. Комилов, Н. Забиров. –Душанбе, 2004. -213 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи ҳифзи муҳити зист» -Душанбе, 2011.
5.Ризоев, С.Б. Развитие малого и среднего предпринимательства: проблемы и тенденции [Текст] / С.Б. Ризоев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2014. – №2/2(131). -С.39-42.
6. Султонов, З.С. Предпринимательство (малое) состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан [Текст] / З.С. Султонов, Н.Н. Носиров, З.И. Асророва. –Душанбе, 2009. -С.1-2.

**УДК 338.012**

**Мизробов С.С.**

## МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ҒАЙРИКИШОВАРЗӢ ДАР ДЕҲОТ

Дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ нақши муҳимро мебозад ва қисми назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва шуғли аҳолии деҳотро таъмин менамояд. Дар ин мақола диққати асоси ба омӯзиши фаъолияти соҳибкории ғайри кишоварзӣ ва нақши он дар иқтисодиёти деҳот, ки омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва фаъолияти пурсамари тамоми бахшҳои иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад, равона гардидааст. Дар мақола муаллиф ба мавқеъ ва аҳамияти корхонаҳои хурди ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардааст. Дар мақола таҳили рушди фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар деҳот гузаронидашуда, омилҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасонанда муайян карда шуда, якчанд пешниҳодҳои муфид баҳри рушди соҳибкорӣ дар деҳот нишон додашудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкории ғайрикишоварзӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳот, субъектҳои соҳибкории хурд, кишоварзӣ, иқтисодиёти деҳот.

**Мизробов С.С.**

## МЕХАНИЗМ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ НЕСЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

Предпринимательство играет важную роль в формировании рыночной экономики и обеспечивает значительную часть ВВП и занятости в сельской местности. Статья посвящена исследованию несельскохозяйственного предпринимательства и его роли в сельской экономике, которая является ключевым фактором развития национальной экономики, повышения благосостояния населения и эффективного функционирования всех секторов национальной экономики. В статье автор уделяет особое внимание положению и значению малых несельскохозяйственных предприятий, в том числе индивидуальных предпринимателей. В статье анализируется развитие индивидуальных предпринимателей в сельской местности, выявляются факторы, влияющие на развитие предпринимательской активности, а также выявляются некоторые полезные предложения по развитию предпринимательства в сельской местности.

**Ключевые слова:** несельскохозяйственный предпринимателъство, предпринимательская деятельность, индивидуальный предприниматель, сельская местность, сельское хозяйство, субъекты малого и среднего предпринимательства, сельская экономика, устойчивое развитие сельских территорий.

**Mizrobov S.S.**

## THE MECHANISM OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF NON-AGRICULTURAL ENTREPRENEURSHIP IN RURAL AREA

In a market economy, entrepreneurship plays an important role and provides a significant sector of GDP and employment in rural areas. The article is devoted to the study of non-agricultural entrepreneurship and its role in the rural economy, which is a key factor in the development of the national economy, increasing the welfare of the population and the effective functioning of all sectors of the national economy. In the article, the author pays special attention to the position and importance

of small non-agricultural enterprises, including individual entrepreneurs. The article analyzes the development of individual entrepreneurs in rural areas, identifies the factors influencing the development of entrepreneurial activity, and also identifies some useful proposals for the development of entrepreneurship in rural areas.

**Key words:** non-agricultural business, entrepreneurial activity, individual entrepreneur, rural areas, agriculture, small and medium-sized businesses, rural economy, sustainable development of rural areas.

Тавре маълум аст, соҳибкорӣ яке аз воситаи муҳимтарини таъсиррасон ба рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир, нақши соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ки алоқамандии бевоситаи байни истеҳсолгарону истеъмолгаронро таъмин мегардонад, зиёдтар мегардад. Танзими давлатии соҳибкорӣ метавонад ба рушди иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои деҳоти он нақши муҳим бозад. Махсусан ба воситаи рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар деҳот сатҳи даромаднокии аҳолии деҳотро баҳо додан мумкин аст.

Давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ муносибатҳои нави ҷамъиятиро оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва такмили идоракунии давлатиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ба раванди идораунии иқтисодиёти миллӣ зич вобаста мебошад[5, с.82].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди босуръати соҳибкорӣ дар деҳот таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекунад.

Асоси институтсионалии ташкил ва татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ” қабул карда шудааст танзим карда мешавад[2].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми декабри соли 2018 ироа гардид, оид ба масъалаи деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таъкид намуданд, ки раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои вусъат бахшидан ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва бо ин мақсад ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ масъулияти бевосита дошта, бо ҷойи корӣ таъмин кардан ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани мардум низ вазифаи аввалиндараҷаи онҳо мебошад[1].

Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар деҳот имкон медиҳад, ки ҷойҳои нави кории иловагӣ таъсис дода шуда, шуғлнокии аҳолии деҳот таъмин гардида, тарзи ҳаёти деҳот беҳтар ва дар ин замина иқтисодиёти маҳаллаҳои деҳот баланд бардошта шавад. Дар ҳалли ин масъала зарурати такмили механизми ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар деҳот, ки ба асосҳои инстутутсионалӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ асос ёфтааст, ба миён меояд.

Шуғл дар бахшҳои ғайрикишоварзӣ дар деҳот манбаи муҳими даромади аҳолии деҳот ба ҳисоб меравад ва имконнопазир будани машғулияти солона дар истеҳсолоти кишоварзӣ вуҷуд дорад. Айни замон дар деҳот шуғли воқеии алтернативӣ на он қадар зиёд аст, ки он асосан аз ҷамъоварии растаниҳои ваҳшӣ, хизматрасониҳои ғайрирасмӣ дар бозори дохилишаҳрӣ ва сайёҳии деҳот иборат аст. Дар ин ҳолат ҷойгиркунии корхонаҳои хурди ҳозиразамон дар деҳот хеле муҳим аст. Зарур аст, ки дар манотиқи деҳот маҷмӯи ҳадди имконпазири шаклҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият ташкил карда шавад, ки талаботи аҳолиро дар соҳаи шуғл қонеъ гардонанд.




**Сарчашма: аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.**
**Расми 1.4. Шаклҳои соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон шудааст. Ҳадафи асосии ин пешниҳод татбиқи талошҳои Ҳукумати кишвар дар самти муҷаҳҳазгардонии минбаъдаи Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ тавассути беҳтар кардани инфрасохтор, пеш аз ҳама дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолии деҳот бо оби тозаи нӯшокӣ, бунёд ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори туристӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инфрасохторҳо мувофиқи талаботи муосири сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалии аҳолинишин ва ғайра мебошад.

Ҳавасмандӣ ба рушди самарабахши соҳибкорӣ бо мавҷудияти муносибати маҷмӯӣ ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар минтақаҳои деҳот, амалисозии ҳамкорӣ ва ҳамгироии корхонаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на танҳо дар байни худ, балки бо корхонаҳои кишоварзӣ, ташкилотҳои тайёркунанда ва коркардкунанда дар соҳаи иҷтимоии деҳот ва тавсеаи бозор аз ҳисоби шаклҳои фаъолияти ғайрикишоварзиро дар назар дорад[4, с.65].

Дар деҳот ба ғайр аз фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ низ якчанд намуди фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзиро ташаккул ва рушд додан мумкин аст. Бо сасаби он, ки соҳибкории кишоварзӣ дар деҳот хусусияти мавсимӣ дорад, соҳибкории ғайрикишоварзӣ метавонад тамоми сол аҳолии деҳотро бо ҷои кор таъмин намояд.

Субъектҳои соҳибкорӣ деҳот қодиранд то тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодиро дар дохили ҳар як деҳаро фаро гиранд. Дар баробари истеҳсоли анъанавии маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди маҳсулот ва хизматрасониҳои истеҳсолӣ, фаъолияти ғайрикишоварзӣ босуръат рушд ёфта (сайёҳӣ дар деҳот, савдо, хизматрасонии маишии аҳолӣ, устохонаҳои таъмир, хӯроkхӯрӣ ва ғайра), ҳамин тавр, нақши ҷудокунандаро дар тақвияти ҳамбастагӣ дар дохили иқтисодиёти минтақа иҷро мекунад ва ба сокинони деҳот стандарти шаҳрии ҳаётро дастрас менамояд. Шаклҳои асосии соҳибкории ғайрикишоварзиро дар деҳот мо дар расми 1. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Сатҳи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| НИШОНДИҲАНДАҲО | ҶАМОАТИ ДЕҲОТҲО | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳисор | | Айнӣ | | Оббурдон | | Х. Холматов | |
| | 2012 | 2018 | 2012 | 2018 | 2012 | 2018 | 2012 | 2018 |
| **Шумораи соҳибкорони инфиродии бақайд гирифташуда** | 413 | 678 | 190 | 226 | 432 | 517 | 241 | 387 |
| **Аз онҳо: 1. Дар асоси патент фаъолияткунанда** | 312 | 421 | 162 | 190 | 264 | 395 | 143 | 210 |
| 1.1. Дар соҳаи истеҳсолот | 0 | 20 | 14 | 25 | 0 | 31 | 6 | 9 |
| 1.2. Дар савдо ва хӯроки умумӣ | 264 | 310 | 87 | 98 | 164 | 218 | 82 | 145 |
| 1.3. Дар соҳаи хизматрасонӣ | 48 | 100 | 61 | 67 | 76 | 146 | 55 | 56 |
| **2. Дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда** | 101 | 257 | 28 | 36 | 32 | 122 | 98 | 188 |
| 2.1. Дар соҳаи истеҳсолот | 23 | 69 | 3 | 6 | 8 | 46 | 12 | 21 |
| 2.2. Дар савдо ва хӯроки умумӣ | 54 | 127 | 15 | 17 | 16 | 30 | 39 | 73 |
| 2.3. Дар соҳаи хизматрасонӣ | 24 | 61 | 10 | 13 | 6 | 46 | 47 | 94 |
| **Воридоти андозҳо (ҳазор сомонӣ)** | 315,1 | 611,0 | 85,1 | 213,0 | 219,4 | 503,7 | 196,8 | 418,1 |
| Аз онҳо: Дар асоси патент | 102,9 | 217,5 | 23,9 | 97,5 | 89,9 | 144,2 | 79,1 | 192,2 |
| Дар асоси шаҳодатнома | 212,2 | 393,5 | 61,2 | 115,5 | 129,5 | 359,5 | 117,7 | 225,9 |

***** Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин ҳисоб карда шудааст - Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳритус, Айнӣ ва Мастчоҳ барои солҳои 2012-2018. Шиносномаи ҷамоатҳои деҳоти Айни, Ҳисор, Оббурдон ва Х.Холматов барои соли 2019. Маълумотҳо аз Нозироти андози ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳритус, Айнӣ ва Мастчоҳ.

Бо рушди сохторҳои бозорӣ ва муносибатҳои бозорӣ масъалаи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар деҳот боз ҳам мушкилтар мешавад. Ҳалли мушкилоти мазкур бояд ба ташаккули бозори пешрафтаи меҳнат ва истифодаи қонунгузории он равона карда шавад. Санадҳои қонунгузорӣ дар ташкил ва рушди соҳибкорӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ

дар деҳот самараи худро медиҳанд. Сатҳи баланди шуғли аҳолии деҳот бояд бо ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои бо кишоварзӣ алоқаманд (коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хидматрасониҳои кишоварзӣ, хизматрасониҳои савдо ва миёнаравӣ, дастгирии иттилоотӣ ва ғайра) таъмин карда шавад. Бинобар ин, ташкил ва ҷорӣ намудани соҳибкории ғайрикишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат мушкилоти ташкили ҷойҳои нави кориро дар деҳот ҳаллу фасл хоҳад кард.

Дар айни замон, соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот асосан аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият мекунанд, ташаккул ва рушд ёфтааст.

Дар мақолаи мазкур бо мақсади таҳлили амиқтар ва муайян намудани рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот, дар мисоли ҷамоатҳои деҳоти Ҳисор (ноҳияи Ҳисор), Обурдон (ноҳияи Масчоҳ), Худойназар Холматов (ноҳияи Шаҳритус) ва Айнӣ (ноҳияи Айнӣ) мавриди баррасӣ таҳлил қарор гирифтааст.

Ҷамоатҳои деҳоти дар боло зикргардида аз якдигар бо мавқеъи ҷойгиршавӣ, иқлим, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда ва намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ фарқ мекунанд. Масалан Ҷамоати деҳоти Ҳисор бо шаҳри Ҳисор, шаҳри Душанбе, Турсунзода наздик мебошад, ки соҳибкорни ин ҷамоати деҳот метавонанд якчанд намуди фаъолияти соҳибкориро дар деҳот амалӣ намоянд. Ҷамоати деҳоти Айнии ноҳияи Айнӣ бошад аз шаҳрҳои калон дар масофаи дур қарор дорад.

Чӣ тавре, ки аз рақамҳои ҷадвал дида мешавад, дар ҷамоати деҳоти Ҳисор шумораи соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд дар соли 2018 нисбат ба соли 2002 ба миқдорӣ 109 нафар зиёд шудаанд. Ҳиссаи соҳибкороне, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ фаъолият доранд дар соли 2018-73,6%-ро ташкил медиҳад, ҳиссаи соҳибкорон дар соҳаи хизматрасонӣ бошад 23,7%-ро ташкил дод. Соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолияти соҳибкориро амалӣ мекунанд, дар соли 2018 - 38 фоизи шумораи умумии соҳибкорони инфиродии бақайдгирифташударо дар ҷамоати деҳот ташкил дод, ки ҳиссаи соҳибкороне, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ фаъолият доранд 49,4%, дар соҳаи хизматрасонӣ 23,7%, ва дар соҳаи истеҳсолот 26,8%-ро ташкил дод. Ин ҳолат қариб дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот дар ҷадвали 2.6. овардашуда ба чашм мерасад, аз ҷумла дар ҷамоати деҳоти Айнӣ, Оббурдон ва Х.Холматов бошад соли 2018 нисбат ба соли 2012 шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмуъ мутаносибан ба 118%, 119% ва 160% зиёд шудааст. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки дар ҷамоатҳои деҳот соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи истеҳсолот суст инкишоф ёфтааст. Дар минтақаҳои мавриди баррасӣ қарордошта дар соҳаи истеҳсолот асосан осиёбҳо, обҷувозҳо, дӯхтани либосҳо, истеҳсоли маҳсулоти кулолгарӣ, истеҳсоли хишт ва истеҳсоли маҳсулоти қаннодиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ дар деҳот метавонад бисёр мушкилоти деҳотро ҳаллу фасл кунад, ки миёни онҳо аз ҷумла баланд бардоштани сифати хизматрасонии маишӣ дар деҳот, истифодаи захираҳои маҳаллӣ, технологияҳои нав, таъмини шуғли аҳолии деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо аз ҳама муҳим аст. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз мушкилоти дар боло зикршуда, ки аз сабаби он мардум хоҳиши ба тиҷорати деҳот ворид шуданро надоранд, бояд ҳудуди деҳот дастгирӣ ва рушд дода шавад.

Якчанд самтҳои рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот мавҷуданд:

- ба сифати самтҳои асосии амал дар соҳаи рушди бозори меҳнат ва шуғл дар манотиқи деҳот - ҳавасмандгардонии ташкили ҷойҳои кории истеҳсолӣ, дастгирии корхонаҳои хурду миёна барои ташкили ҷойҳои корӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла бо дарназардошти тавонмандии ҷавонон ва занон, амалҳои байнисоҳавӣ равона карда шудаанд. оид ба рушди иқтидори минтақавии арзёбӣ ва пешгӯии бозори меҳнат (аз ҷумла дар шӯрои деҳот), низоми кӯчонидани аҳолӣ ва ҷойгиршавии саноат, ҳавасмандгардонии рушди шабакаи алоқаи нақлиётии маҳаллӣ, алахусус дар ҷамоатҳои деҳот бо сатҳи баланди бекорон ва одамони

камбизоат, ки ба таъсиси истеҳсолот ва ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд.

- сайёҳии деҳот ин як инфрасохтори сайёҳӣ дар деҳот буда, инчунин ба рушди устувори деҳот мусоидат мекунад, зеро ин имкон медиҳад ҷойҳои нави корӣ эҷод кунад, даромади аҳолии деҳот афзоиш ёбад, истеҳсол ва бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзиро афзоиш диҳад, ки дар хоҷагиҳои хонагӣ истеҳсол мешаванд ,рушди ҳаҷми истеҳсолоти ҳунармандиҳои мардумӣ ва бахусус тӯҳфаҳоро таъмин намояд, воридоти андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ аз ҳисоби пайдоиши корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ таъмин карда мешавад;
- савдои деҳот: ташаккули шабакаи васеи мағозаҳо ва савдои беруна дар деҳаҳои дурдаст ва деҳаҳои хурд имкон медиҳад, ки бозори муътадили молҳои озуқаворӣ ва маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти ҷангал инкишоф ёбад, хизматрасонии маиширо ба роҳ монд, захираҳои молиявии соҳибкорони деҳот, ки ба тиҷорат машғуланд ҷалб карда мешавад;
- ҳунарҳои дастии мардумӣ, яъне кӯмак расонидан ба ҳунармандон дар мубодила бо таҷриба, ҳимояи манфиатҳои ҳунармандон дар мақомоти маъмурӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ҷамъиятӣ, барқарор кардани робита бо савдо ва дигар корхонаҳо ва шахсони алоҳидае, ки ба фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ машғуланд, эҳёи осори таърихӣ ва рушди усулҳои нави эҷоди ҳунарҳои мардумӣ;
- хизматрасонии маишӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба аҳолии деҳот;
- ҷамъоварӣ ва коркарди мева ва буттамеваи ваҳшӣ, гиёҳҳои шифобахш ва дигар ашёи чӯбӣ;
- ҷамъоварӣ ва коркарди чӯб;
- истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, сохтмон;
- ҳамлу нақли бор, мусофиркашонӣ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, пешниҳоди чораҳои афзалиятноки зерин барои рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот тавсия дода мешавад:

- фароҳам овардани шароитҳое, ки фаъолияти соҳибкории аҳолиро ҳавасманд мекунанд, инчунин фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар деҳот;
- бунёди инфрасохтори минтақавии бозор, такмили хадамоти илмию иттилоотӣ ва машваратӣ;
- баланд бардоштани иқтидори кадрии соҳибкорони деҳот, ҳифзи иҷтимоии соҳибкорони деҳот;
- паҳн намудани таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ дар байни шаклҳои хурди идоракунӣ.

Ҳамин тавр, муносибати маҷмӯӣ барои ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда ва ба назар гирифтани омилҳои муайяншуда имкон медиҳад, ки бо истифода аз имкониятҳо соҳибкории ғайрикишоварзӣ ва минтақаҳои деҳот бомуваффақият рушд ёбанд.

Дар баробари ин, таҳлил нишон медиҳад, ки соҳибкории деҳот метавонад бисёр мушкилоти деҳотро ҳаллу фасл намояд, аз ҷумла баланд бардоштани сифати хизматрасонии маишӣ дар деҳот, истифодаи захираҳои маҳаллӣ, технологияҳои нав, таъмини шуғли аҳолии деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо аз ҳама муҳим аст. Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти минтақаҳои деҳот фароҳам овардани шароити мусоиди зист - сохтмони фонди манзили замонавӣ, баланд бардоштани сатҳи ободонии он, аз ҷумла обтаъминкунӣ ва газсозӣ мебошад. Дар солҳои охир, афзоиши маблағгузорӣ барои чорабиниҳо оид ба рушди деҳот дар доираи барномаҳои мақсадноки федералӣ ва минтақавӣ мушоҳида мешавад. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз мушкилоти дар боло зикршуда, ки аз сабаби он мардум хоҳиши ба тиҷорати деҳот ворид шуданро надоранд, бояд манотиқи деҳотро дастгирӣ кард, рушд бахшид.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки соҳибкорӣ дар деҳот дар рушди иқтисодиёти миллӣ, ба суръатбахшии пешрафти илмӣ ва техникӣ, ба пур кардани бозор бо

молҳои сифатан зарурӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии мушклоти деҳот нақши муҳим доранд. Ин бахши муҳими иқтисодиёт рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодии давлатро таъмин менамояд, ба афзоиши ҷойҳои корӣ тавассути фароҳам овардани шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ, ки ба баланд шудани сатҳи некӯаҳволии мардум деҳот оварда мерасонад, мусоидат мекунад. Илова бар ин, рушди соҳибкорӣ дар манотиқи деҳот ба рушди фазои рақобат, таъмини истеъмолкунандагон бо мол ва хизматрасониҳои нав ва дар маҷмӯъ рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26-уми декабри соли 2018 шаҳри Душанбе.// http://www.president.tj/node/19088 (Санаи муроҷиат 17.03.2020 с).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ" ш. Душанбе, №1107 26 аз июли соли 2014. / [Сарчашмаи электронӣ] //URL:http://Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи муроҷиат 13.03.2020 с).
3. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» [Матн] (аз 30.04.2012с. № 201)/ [Манбаи электронӣ]// URL: http:/ Тарзи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (Санаи муроҷиат 18.02.2019с).
4. Васькин, В.Ф. Устойчивое развитие сельских территорий как фактор роста уровня жизни населения [Текст]/ В.Ф. Васькин, А.И. Потворов // Вестник Брянской государственной сельскохозяйственной академии. - Брянск: БГСА, 2016. № 1. - С. 64-68.
5. Комилов С. Рушди идоракнии маҳаллӣ ва такмили низоми идоракунии иқтисодиёти миллӣ. Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ. Развитие местного самоуправление в Таджикистане: проблемы и перспективы. Душанбе -2013. "Ирфон" С.82-88.
6. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳритус, Айнӣ ва Мастчоҳ барои солҳои 2012-2018.
7. Шиносномаи ҷамоатҳои деҳоти Айни, Ҳисор, Оббурдон ва Х.Холматов барои соли 2019.

**УДК 657.47**

**Мирзоалиев Ё.А., Султонов З.С.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ВА ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

Солҳои охир, бо зиёд шудани шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, зиёд шудани маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ аз ҳисоби довталабон, ба ҳисоботдиҳии манбаъҳои молиявие, ки муассисаҳои таълимӣ истифода мебаранд, ниёзи калон вуҷуд дорад. Барои таъмини интизоми молиявӣ дар муассисаи таълимӣ, дониши молиявӣ, маълумоти молиявӣ ва машварати молиявӣ муҳиманд. Ҳар як муассисаи таълимӣ бояд барои идоракунии самарабахш ва мунтазами молиявӣ саъй намояд.

Дар мақола кӯшиш карда шудааст, ки ба усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, идоракунии молиявӣ ва тавзеҳоти муҳосибиро, ки дар ҳисоботи молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод шудаанд, равшанӣ андозем.

**Вожаҳои калидӣ:** баҳисобгирии муҳосибӣ, смета, идоракунии молиявӣ, баҳисобгирии харид, аудити дохилӣ, ҳисоботи молиявӣ.

**Мирзоалиев Ё.А., Султонов З.С.**

## ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ И УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСАМИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В последние годы, с ростом количества выпускников общеобразовательных учреждений, увеличением финансирования высших учебных заведений за счет поступающих, ощущается большая потребность в подотчетности финансовых ресурсов, используемых образовательными учреждениями. Чтобы обеспечить финансовую дисциплину в образовательном учреждении, крайне необходимы финансовые знания, финансовая информация и финансовые консультации. Каждое учебное заведение должно стремиться к эффективному и систематическому финансовому менеджменту.

В этой статье была сделана попытка осветить методы бухгалтерского учета, финансового менеджмента и раскрытия бухгалтерской информации, представленной в финансовой отчетности высших учебных заведений.

Ключевые слова: бухгалтерский учет, смета, управление финансами, учет закупок, внутренний аудит, финансовая отчетность.

**Mirzoaliev Y.A., Sultonov Z.S.**

## FEATURES OF THE ORGANIZATION OF THE INTERNAL CONTROL AND FINANCE MANAGEMENT SYSTEM IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In recent years, with an increase in the number of graduates of general education institutions, an increase in funding for higher education at the expense of applicants, there is a great need for accountability of financial resources used by educational institutions.

To ensure financial discipline in an educational institution, financial knowledge, financial information and financial advice are essential. Every educational institution should strive for effective and systematic financial management.

This article has attempted to highlight the accounting, financial management, and accounting disclosure practices presented in the financial statements of higher education institutions.

**Key words:** accounting, estimate, financial management, procurement accounting, internal audit, financial reporting.

**1. Введение**

Правительство в лице Министерства образования и науки несут ответственность за развитие учреждений высшего образования, а также за содействие им в финансовой независимости и устойчивости. Система бухгалтерского учета, которая дает правдивую и правильную картину состояния дел в образовательном учреждении, является необходимым требованием для обеспечения прозрачности и подотчетности. Стандартизированная единообразная система бухгалтерского учета и отчетности, включая применение надежных принципов бухгалтерского учета, касающихся признания, измерения и раскрытия различных статей доходов и расходов, активов и обязательств в финансовой отчетности образовательных учреждений с учетом особенностей их деятельности. Необходимо, но не существует стандартной основы бухгалтерского учета, которой следуют образовательные учреждения, и они сталкиваются с проблемами неправильного ведения счетов, аудита и других финансовых и юридических нарушений. Отсутствует единообразие в представлении финансовой отчетности различных учебных заведений. Существуют разные методы раскрытия информации. В образовательном учреждении отсутствует прозрачность в практике финансового менеджмента и бухгалтерского учета. Разнообразие методов бухгалтерского учета связано с недостаточной осведомленностью о применении надежных методов бухгалтерского учета в соответствии со стандартами бухгалтерского учета, сформулированными Советом по МСФО, что привело к путанице и недопониманию среди пользователей финансовой информации, предоставляемой образовательные учреждения. Существующая практика бухгалтерского учета в различных учебных заведениях варьируется от метода учета по кассовому методу и по методу начисления до гибридной формы учета, то есть сочетания как кассового метода, так и метода начисления. Для гармонизации практики бухгалтерского учета необходимо следовать соответствующему методу учета наряду с руководящими принципами финансового контроля. Необходимо обеспечить эффективное, действенное и систематическое управление финансами для использования средств в высшем учебном заведении. Каждому учреждению постоянно требуется разнообразная финансовая информация в отношении различных правил и положений. Основная цель установления стандартов бухгалтерского учета - обеспечить единообразие финансовой отчетности и обеспечить последовательность и сопоставимость данных, представляемых учебным заведением.

Вопросы организации эффективной системы учета и контроля в учебных заведениях практически не исследованы в нашей стране. В других странах указанные вопросы являются предметов исследования [1,2,3], чего и мы учитывали при написании данной статьи.

**2. Финансовая отчетность**

Образовательные учреждения обычно придерживаются так называемого «сметного учета». Это связано с тем, что учебное заведение может финансироваться за счет платежей за обучение, которые могут или не могут налагать условия на их использование. Следовательно, финансовая отчетность образовательного учреждения должна отражать доходы, расходы, активы и обязательства в отношении таких средств отдельно, чтобы пользователи финансовой отчетности могли получить доступ к использованию внесенных ими средств. Финансовая отчетность находится в ведении руководства учреждения. Следующие ниже отчеты должны быть частью финансовой отчетности общего назначения образовательного учреждения, например, отчет о финансовом положении, отчет о совокупном доходе, отчет о движении денежных средств, примечания, составляющие часть финансовых отчетов и т. д. Финансовые отчеты, дают достоверное и объективное представление о состоянии дел в учебных заведениях. В финансовом отчете раскрываются

все существенные операции, включая операции исключительного и необычного характера. Финансовый отчет должен быть подготовлен в соответствии с соответствующими законодательными требованиями, стандартами бухгалтерского учета и другими признанными принципами, и практикой бухгалтерского учета.

**3. Характер и характеристики поступающих средств**

Принимая во внимание финансовый контроль для надлежащего управления образовательными учреждениями и эффективного и правильного конечного использования поступающих средств, необходимо понимать их природу и характеристики. Ограничение средств установлено определенными условиями, установленными соглашениями с обучающимися. Неограниченные средства - это средства, внесенные в учебное заведение без каких-либо конкретных ограничений. Обязанность образовательных учреждений, принимая неограниченное пожертвование или грант, заключается в обеспечении их использования для общих целей.

**4. Бухгалтерские книги**

Бухгалтерские книги, которые будут вести различные образовательные учреждения, могут зависеть от характера выполняемых ими мероприятий и / или программ. Бухгалтерские книги могут быть структурированы таким образом, чтобы соответствовать его потребностям и требованиям. Поступившие средства от студентов будут использованы целенаправленно. Выданные таким образом средства не могут быть использованы для каких-либо иных целей, кроме указанных в соглашениях. Учебное заведение обычно ведет следующие бухгалтерские книги, например, Главная книга, кассовая книга, книга учета заработной платы, книга покупок, книга продаж / счетные книги, инвентарный регистр и другие книги, если это необходимо. Кроме того, следует также вести и другие записи, такие как реестр доходов, чтобы предоставлять информацию о взносах, полученных от студентов (в отношении вступительного взноса, платы за обучение, платы за библиотеку, платы за экзамен и т. д.), книги учета недвижимого имущества и других основных средств, инвестиции, запасы (для книг, канцелярских принадлежностей, униформы и т. д.), денежных средств, полученных от студентов, и т. д. Отдельный набор книг и записей может вестись для грантов и проектов..

**5. Финансово-экономическая служба**

Специальный орган по планированию и оценке учреждения составляет программу плана развития и совершенствования учреждения. Учебное заведение должно следовать принятой Учетной политикой. Финансово-экономическая служба должна рассмотреть бюджетную смету поступлений и расходования средств за каждый учебный период. Финансово-экономическая служба консультирует университет по любым вопросам, влияющим на его финансы. Внутренний аудит, подпадающий под действие учредительных документов, имеет право проверять сметы и несет ответственность за строгое соблюдение учетной политики, относящегося к ведению счетов доходов и расходов учреждения. Финансово-экономическая служба функционирует непрерывно. Внутренний аудитор учреждения также может следить за надлежащим обслуживанием библиотеки и управлением ею, включая закупку книг, периодических изданий, журналов и т. д. Финансово-экономическая служба должна учитывать ежегодные потребности учреждения, открывать и рассматривать тендеры / предложения и образцы и давать свои рекомендации по совершаемым покупкам. Все покупки должны быть прозрачными, конкурентоспособными и справедливыми, чтобы обеспечить оптимальное соотношение цены и качества. Для бесперебойного функционирования учреждения высший орган управления учреждением – Ученый Совет по рекомендации уполномочивает руководителя учреждения на покупку любого вида, ремонт и обслуживание зданий, оборудования, компьютеров, автомобилей и т. д. в интересах учреждения.

**6. Выплата заработной платы и надбавок**

Должность преподавателя или не преподавателя, связанная с финансовыми обязательствами должна быть одобрена Ученым Советом. При этом для каждой категории научных сотрудников и преподавателей с учетом ученой степени, и ученого звания устанавливается размер заработной платы. При выплате заработной платы персоналу подоходный налог и другие налоги должны вычитаться у источника выплаты и своевременно перечисляться бюджету страны. Следует ежемесячно создавать резервы отпускных, чтоб равномерно распределять расходы по месяцам. Резервы отпускных персонала должен быть проверен, и должно быть видно, что он инвестируется в соответствии с правилами. Никто не может получить второй аванс без корректировки его первого аванса.

Никакой аванс на покупку материальных ценностей не должен быть отдан частным лицам. Все покупки должны производится безналичным образом согласно тендерным документам. Все должностные лица / сотрудники, участвующие в принятии финансовых решений, не должны иметь авансовых обязательств. Оплата наличными на сумму более 10000 сомони не производится, за исключением командировочных. Оплата путевых и других пособий должна производиться в соответствии с положениями и правилами, изложенными в них.

**7. Закупка товаров / услуг.**

Учреждение должно следовать некоторым правилам, которые применимы к закупке всех предметов, материалов, товаров, мебели, стационарных предметов, лабораторного оборудования и химикатов, компьютеров и их принадлежностей и т. д. Учреждение рассматривает зарегистрированного поставщика / подрядчика на закупку товаров. Учреждение должно тщательно проверять учетные данные, производственные возможности, систему контроля качества, прошлые результаты, финансовое положение и т.д. поставщика. Учреждение может нанять внешних специалистов, консультантов для выполнения конкретной работы, которая четко определена с точки зрения содержания и сроков ее выполнения, или передать определенные услуги на аутсорсинг. Учреждение, предлагающее нанять консультанта (ов), должно оценить разумные расходы на него, выяснив преобладающие рыночные условия и проконсультировавшись с другими организациями, занимающимися аналогичной деятельностью. Учреждение, желающее заняться строительством или ремонтом зданий, внутренних дорог, стадионов и т. д., должно получить административное разрешение от соответствующего органа. На основе утвержденного чертежа и дизайна, подробной сметы, содержащую подробную спецификацию и количество различных предметов, подготовленных для каждой отдельной работы, должна быть официально регистрирована соглашение. Подробная оценка должна быть утверждена компетентным органом. Закупка товаров / услуг должна производиться следующим образом.

- Для закупки товаров и услуг на сумму до 10000 сомони - только в каждом случае может производиться у надежного поставщика по единому предложению на основании сертификата, который регистрируется руководителем учреждения.
- Для закупки товаров и услуг стоимостью выше 10000 сомони в каждом случае может производиться по рекомендации должным образом сформированного местного закупочного комитета, состоящего из трех преподавателей соответствующего уровня и экспедитора от надежного и зарегистрированного поставщика.
- К закупкам из единого источника можно прибегать (может быть в случае крайней необходимости) по рекомендации компетентного технического эксперта и после одобрения компетентного органа, если только конкретное предприятие является производителем требуемых товаров / оборудования.

- Для оценочной стоимости товаров / услуг или работ в размере 25000 сомони и выше тендерное объявление должно быть опубликовано в двух общенациональных газетах, имеющих широкий тираж, и на их веб-сайте, или путем получения предложений заказной почтой. Минимальный срок, отведенный для подачи заявки, должен составлять не менее трех недель с даты публикации заявки. Для закупки дорогостоящих установок, оборудования, сложного и технического характера заявки могут быть получены в двух частях: 1. Техническое предложение (состоящее из всех технических деталей вместе со всеми коммерческими условиями) и 2. Финансовое предложение (с указанием разумной цены товара. для позиций, указанных в технических предложениях)

Претендент подает предложения по техническим и финансовым предложениям отдельно в запечатанном конверте и оба хранятся в одном конверте большего размера. Техническая часть будет открыта в первый же момент и оценена компетентным техническим комитетом. Финансовые заявки открываются только тех участников, которые признаны технически и коммерчески приемлемыми. Контракт должен быть присужден участнику торгов с наименьшей технически и коммерчески приемлемой ценой. Претендентов следует попросить предоставить обеспечение заявки (от 2% до 5% от оценочной стоимости товаров, которые будут закуплены) вместе с их предложениями в форме тратты получателя платежа или квитанции о фиксированном залоге. Гарантии заявки на участие в торгах проигравшего участника торгов должны быть возвращены как можно скорее. Гарантия исполнения от 5% до 10% от стоимости контракта должна быть получена от победившего участника торгов, получившего контракт.

Гарантия предложения должна быть возвращена победителю торгов после получения гарантии исполнения. Никакие колебания цен после первоначально запланированной даты поставки недопустимы в случае невыполнения обязательств со стороны поставщика. Контракт должен включать положение об уплате поставщиком всех применимых налогов.

**8. Ответственность руководителей с финансовыми полномочиями**

Обеспечение соблюдения стандартов бухгалтерского учета для образовательного учреждения является обязанностью соответствующего органа, утверждающего финансовую отчетность для целей ее выпуска. Если какая-либо учетная политика не соответствует стандартам бухгалтерского учета и влияние отклонения от стандарта бухгалтерского учета является существенным, подробные сведения об отклонении должны быть раскрыты вместе с его причинами, а также его финансовыми последствиями, за исключением случаев, когда такие последствия отсутствуют. можно установить. Компетентный орган должен раскрывать свои основные принципы учетной политики, и это раскрытие должно производиться в одном месте.

Орган, обладающий финансовыми полномочиями по закупке товаров и заключению контрактов на работу, несет ответственность и подотчетность для обеспечения эффективности, экономии и прозрачности в вопросах, касающихся институциональных закупок, а также справедливого и равноправного отношения к поставщикам и поощрения конкуренции при закупках.

**9. Ответственность аудиторов**

Аудиторский комитет университета имеет право проверять годовой отчет учебного заведения вместе с аудиторским отчетом и может предложить сотруднику, осуществляющему контроль и выплату, избежать в будущем любого неправомерного использования фонда или нарушений в отчетности учебного заведения. Комитет может предложить взыскание любого платежа, противоречащего закону, от властей, должностного лица или любого лица, ответственного за любые потери или недостатки. Первичные и сводные должны ежегодно проверяться и проверяться квалифицированным бухгалтером, назначенным аудитором. Руководитель финансово-экономической службы

должен подготовить в установленной форме бюджетную смету своих вероятных доходов и расходов на следующий финансовый год. Бюджет должен быть своевременно представлен в вышестоящий орган для утверждения. Должен быть достаточный внутренний контроль для получения и использования средств. Использование финансовых средств должно строго соответствовать установленным условиям, правилам и положениям. Система внутреннего аудита должна быть внедрена качественно и серьезно. Незаконное присвоение, мошенничество, искажение фактов необходимо выявлять и пресекать на начальном этапе. Аудиторы должны видеть, строго ли соблюдаются стандарты бухгалтерского учета в учебном заведении.

**10. Заключение**

Для эффективной и постоянной хорошей работы необходимо, чтобы образовательное учреждение сохраняло финансовую устойчивость. Учреждение должно разработать соответствующие положения для систематического управления имуществом. Это требует правильного понимания средств и использования средств. Одним из важнейших аспектов финансового менеджмента образовательного учреждения является системное финансовое планирование. Начисление является научной основой бухгалтерского учета и имеет концептуальное превосходство над кассовым методом бухгалтерского учета. В связи с этим рекомендуется, чтобы учебные заведения вели бухгалтерские книги по методу начисления. Стандарты бухгалтерского учета должны стать обязательными для образовательных учреждений. Все учебные заведения должны придерживаться единого формата для представления своей финансовой отчетности общего назначения, чтобы обеспечить надлежащую подотчетность, финансовую дисциплину, конечное использование средств и удовлетворить потребности заинтересованных сторон. Также рекомендуется, чтобы уставы, имеющие особые форматы для финансовой отчетности образовательного учреждения, также могли изменять их в соответствии с предлагаемым форматом.

Следует использовать бухгалтерское программное обеспечение, которое эффективно управляет всеми расходами и доходами, а также обеспечивает безопасность и полное хранение данных. Практически во всех учреждениях срочно требуется набор бухгалтера со знанием счетов и навыками работы с компьютером. Наконец, все учебные заведения должны следовать единой системе ведения своих бухгалтерских книг, чтобы обеспечить «правдивую и правильную картину» состояния своих дел.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ножкина Т.В. Роль и значение внутреннего контроля в государственном вузе// Вестник Камчатского государственного университета, 2010, № 14. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-i-znachenie-vnutrennego-kontrolya-v-gosudarstvennom-vuze (Дата обращения: 5.09.2020).
2. Кулаго О.А. Внутренний контроль в государственных высших учебных заведениях. "Аудиторские ведомости", N 5, май 2009 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа: URL: https://base.garant.ru/5699115/ (Дата обращения: 5.09.2020).
3. Замбржицкая, Е. С. Система внутреннего контроля как элемент аудита / Е. С. Замбржицкая, А. В. Логачёва, М. В. Логачёва. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2014. — № 10 (69). — С. 242-245. — URL: https://moluch.ru/archive/69/11834/ (дата обращения: 07.09.2020).

**УДК 657.6**

**Каримов Б.Ҳ., Ғуломов З.Т.**

# РУШДИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ЧУН ВОСИТАҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКӢ ВА СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АУДИТОРӢ

Дар мақола ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии ташкил, амалкунӣ ва рушди низоми назорати дохилии сифати аудит дар ташкилотҳои аудиторӣ баррасӣ шудаанд. Барои дуруст сарфаҳм рафтан ба моҳияти назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ баъзе мафҳумҳои ба низоми назорати сифати кор дар субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд дар вобастагӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти соҳа баррась гардидаанд.

Фаъолияти ташкилотҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳия намудани стандартҳои дохилии худ ва ба кор бурдани онҳо ҳангоми назорати сифати аудит таҳлил карда шудааст. Унсурҳои низоми назорати сифат дар ташкилотҳои аудиторӣ шарҳ дода шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** назорати сифат, назорати дохилии сифати аудит, ташкилоти аудиторӣ, аудити дохилӣ, назорати дохилӣ, стандартҳои дохилиташкилотӣ, талаботи ахлоқӣ, қабули мизоҷ, иҷрои супориши санҷишӣ, мониторинг.

**Каримов Б.Х., Гуломов З.Т.**

# РАЗВИТИЕ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ И КАЧЕСТВА АУДИТОРСКИХ УСЛУГ

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты организации, функционирования и развития системы внутреннего контроля качества аудита в аудиторских организациях. Для правильного понимания сущности контроля качества аудиторских услуг некоторые понятия, связанные с системой контроля качества работы в хозяйствующих субъектах, рассматриваются во взаимосвязи с законодательством Республики Таджикистан и отраслевой литературы.

Проанализирована деятельность аудиторских организаций Республики Таджикистан на предмет разработки собственных внутренних стандартов и их применение при осуществлении контроля качества аудита. Дана характеристика элементов контроля качества в аудиторских организациях.

**Ключевые слова:** контроль качества, внутренний контроль качества аудита, аудиторская организация, внутренний аудит, внутренний контроль, внутрифирменные стандарты, этические требования, принятие клиента, исполнение контрольного задания, мониторинг.

**Karimov B.Kh., Gulomov Z.T.**

# DEVELOPMENT OF INTERNAL CONTROL AS A TOOL FOR INCREASING THE EFFICIENCY AND QUALITY OF AUDITING SERVICES

The article examines the theoretical and practical aspects of the organization, functioning and development of the internal audit quality control system in audit organizations. For a correct understanding of the essence of quality control of audit services, some concepts related to the quality control system of work in business entities are considered in conjunction with the legislation of the Republic of Tajikistan and industry literature.

The activity of audit organizations of the Republic of Tajikistan was analyzed for the development of their own internal standards and their application in the implementation of audit quality control. The characteristics of the elements of quality control in audit organizations are given.

**Key words:** quality control, internal audit quality control, auditing organization, internal audit, internal control, internal standards, ethical requirements, client acceptance, performance of a control task, monitoring.

Иқдоми аввалиндарача барои таъмин намудани сифати кори аудиторҳо ин ба раванди санҷиши аудиторӣ дохил намудани амалҳо оид ба назорати сифат аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ, яъне таъсис додани низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад. Назорати дохилии сифати аудит – низоми чорабиниҳои ташкилӣ, методикаҳо ва амалҳое мебошад, ки ташкилоти аудиторӣ онҳоро барои санҷиши аз ҷониби кормандони худ иҷро шудани талаботи бо санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, инчунин талаботи қоидаҳо ва стандартҳои дохилии ташкилот ба ҷо меорад.

Тавре моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” муқаррар менамояд, ташкилоти аудиторӣ бояд амалҳои назорати сифати аудитро мутобиқи стандартҳои миллӣ ё байналмилалии аудит ва кодекси одоби касбии аудиторҳо таҳия карда ва иҷроиши онҳоро назорат намояд. Назорати дохилии сифати аудит аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ мустақилона тибқи стандартҳои миллӣ ё байналмилалии аудит ба ҷо оварда мешавад [1].

Барои дуруст сарфаҳм рафтан ба моҳияти назорати сифати аудит зарур мешуморем, ки ин ҷо дар бораи баъзе мафҳумҳои ба низоми назорат дар субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд, ба монанди “аудити дохилӣ” ва “назорати дохилӣ” дар вобастагӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти соҳа мулоҳизаронӣ кунем.

Ҳамин тавр, тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” дар субъектҳои хоҷагидории дорои манфиати умум амал намудани хадамоти аудити дохилӣ ҳатмӣ мебошад [2]. Моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” муқаррар менамояд, ки аудити дохилӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ташкил карда шуда, ба манфиати соҳибмулкон амал мекунад ва тибқи номгӯйи ҳуҷҷатҳои дохилии дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияшуда, стандартҳои эътирофшудаи аудити дохилӣ ва талаботи кодекси одоби касбии аудиторон танзим карда мешавад [1].

Муаллиф Р.С. Тоҳирова қайд менамояд, ки аудити дохилӣ – низоми назорати риоякунии тартиби муқарраргардидаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии амалкунии хадамоти назорати дохилӣ мебошад, ки дар худи субъекти хоҷагидорӣ (муассисаи давлатӣ) ба манфиати соҳибмулкони вай ташкил карда шуда, бо санадҳои дохилии корхона (муассиса), ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои аудити дохилӣ ва талаботи кодекси одоби касбии аудитор таҳия шудаанд, танзим карда мешавад. Гузаронидани аудити дохилӣ барои роҳбарият ва соҳибмулкони корхона аҳамияти ахборӣ ва машваратӣ дорад, чунки вай ба беҳгардонии фаъолияти корхона ва иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби роҳбарияти корхона мусоидат менамояд [7, с. 39].

Муаллифон Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён ва М.Б. Каримиён дар асоси омӯзиши адабиёт мафҳуми назорати дохилиро чун маҷмӯи сиёсат ва амалҳое шарҳ медиҳанд, ки аз ҷониби роҳбарияти корхона барои таъмини ҳифзи дороиҳои корхона ва эътимод доштан ба дақиқӣ ва саҳеҳии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд [3, с. 268].

Ҳадафи ташкил ва амалкунии низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ин саривақт ошкор кардан ва бартараф намудани тамоилот, хатоҳо ва бесамарӣ дар кор барои бунёди сифати кафолатдодашудаи аудит – таъмини эътимод ҷиҳати он ки фаъолияти аудиторӣ бо риоя гардидани санадҳои меъёрии амалкунанда, стандартҳои

касбии аудит, меъёрҳои одоби касбии аудиторӣ ва мутобиқ бо интизориҳои гурӯҳҳои асосии истифодабарандагон ба ҷо оварда мешавад, мебошад. Ин низом вазифаи идоракунии назорати сифатро иҷро мекунад ва барои фаъолияти бомуваффақонаи ташкилоти аудиторӣ ниҳоят муҳим аст, ки ин вазифа босамарона ва сарфакорона иҷро шуда, тамоми фаъолиятро аз поён то боло фаро гирад.

Низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ дар ташкилоти аудиторӣ воситаи пешгирӣ намудани паҳншавии аудити "нуҳуфта" (ҳолате ки ба ҳисоботи молиявии бардурӯғ ва беэътимод бе гузаронидани санҷиши аудитории пурра ва воқеъбинонаи он хулосаи аудитории мусбат дода мешавад) мебошад. Ин ҳангоми ба ҷо овардани амалҳои назорати сифат дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои кории аудитор, ки ё ниҳоят камшуморанд, ё тамоман вуҷуд надоранд, ошкор карда мешавад.

Ба бунёди низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, чун [4, с. 88]:

- ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти ташкилоти аудиторӣ;
- сохтори ташкилии ташкилоти аудиторӣ;
- таносуби масрафҳо ва даромад ҳангоми истифодаи амалҳои назоратӣ ва дигарҳо.

Муаллифони хориҷӣ С.П. Суворова, Н.В. Парушина, Е.В. Галкина ва А.М. Ковалева нақши муҳими стандартикунониро дар ташкили назорати дохилии аудит дар ташкилоти аудиторӣ қайд менамоянд. Таҳияи стандартҳои дохилиташкилотӣ – раванди мураккаб ва меҳнатталаб аст, бино бар ин, "ташкилотҳои аудиторӣ афзал меҳисобанд, ки коркардҳои худ оид ба стандартҳои дохилиташкилотиро ба дигарон нарасонанд, чунки онҳо сирри истеҳсолӣ-технологӣ мебошанд" [6, с. 13]. Илова бар ин, вобаста ба дигаршавии санадҳои меъёрӣ ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилотҳои аудиторӣ бояд мунтазам бозбинӣ карда шаванд.

Албатта, нақши стандартҳои дохилии аудит дар баҷоории фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ муҳим мебошад. Истифодаи стандартҳои дохилӣ шарти зарурии баландбардории рақобатпазирии ташкилотҳои аудиторӣ, мукаммалгардонии идоракунии фаъолияти онҳо, пурзӯркунии назорати сифати хизматрасониҳои аудитории аудиторҳо, пасткунии хавфи аудиторӣ, муқаррар кардани муносибатҳои шариконаи байни ташкилоти аудиторӣ ва субъектҳои аудитшаванда, кормандон ва маъмурияти ташкилоти аудиторӣ тибқи принсипҳои асосӣ ва меъёрҳои одоби аудит мебошад.

Муалиф И.В. Шумилова масъалаҳои стандартҳои дохилиташкилотиро баррасӣ намуда, ба ақидае омадааст, ки аксари ташкилотҳои аудиторӣ дар амал ҳангоми таҳия намудани стандартҳои дохилӣ ба қабули бевоситаи стандартҳои миллӣ, байналмилалӣ ё стандартҳои ташкилотҳои худтанзимкунанда (ташкилотҳои касбии аудиторҳо) ба сифати стандартҳои дохилӣ маҳдуд мешаванд ва ё онҳоро бо каме дигаркунӣ қабул мекунанд. Яъне стандартҳои дохилиташкилотӣ пурра коркардшуда нестанд, ки ин сифати хизматрасониҳои аудиториро паст мекунад. Илова бар ин, боз як масъалаи ташкили низоми назорати дохилии сифати аудит ҷудо карда мешавад, чун зарурати риоягардии талабот дар бораи он ки ноилгардии сифати баланди аудит ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи он аз ҷониби кормандони корхона бояд нисбат ба ҳадафҳои тиҷоратии фаъолияти касбӣ афзалияти бештар дошта бошанд [8].

Дар асарҳои Н.Г. Кондрашова ҷиҳати масъалаҳои стандартикунонии назорати дохилӣ нуктаи назаре пешниҳод гардидааст, ки тибқи он барои самаранокии ташкили фаъолияти аудиторӣ стандартҳои миллии фаъолияти аудиторӣ ва стандартҳои ташкилотҳои худтанзимкунандаи аудиториро бояд бо амалҳо, қоидаҳо, тарзҳо ва амалиёти мушаххаси дар ташкилоти аудиторӣ истифодашаванда боз ҳам муфассалтар кард, яъне бояд стандартҳои аудитории дохилӣ таҳия карда шаванд [5].

Бешубҳа, ҳоло ташкилотҳои аудитории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда дорои стандартҳои дохилии худ барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва пешкаш намудани дигар хизмматрасониҳои аудиторӣ мебошанд. Пеш аз ҳама ин ба сифати хизматрасониҳои аудиторӣ алоқаманд аст. Набудани сифати зарурӣ дар бозори

хизматрасониҳои аудиторӣ ба баландшавии минбаъдаи сатҳи боварӣ ба аудиторҳо таъсири номатлуб мерасонад.

Баҷоории босифатонаи хизматрасониҳои аудиторӣ бевосита бо мавҷудияти методология (технология)-и гузаронидани аудит дар ташкилоти аудиторӣ, ки стандартҳои дохилии аудитро танзим мекунад, алоқаманд аст. Дар ташкилоти аудиторӣ мавҷуд будани стандарти дохилӣ кафолати рақобатпазирӣ ва ба сатҳи касбии баланди хизматрасониҳо расидани он мебошад.

Ҳамин тавр, ҳама гуфтаҳоро ҷамъбаст намуда, ба хулоса меоем, ки ҳоло дар ташкилотҳои аудиторӣ назорати дохилӣ чун муқаррар кардани чунон низоми назорати сифати хизматрасониҳо фаҳмида мешавад, ки сатҳи мақбули бовариро ба дурустии ба ҷо овардани санҷиши аудиторӣ таъмин менамояд, яъне тасдиқ мекунад, ки аудит мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалии аудит, қоидаҳои дохилиташкилотии фаъолияти аудиторӣ гузаронида шудааст, инчунин хулоса ва дигар ҳисоботҳои аз натиҷаи аудит таҳиянамудаи аудиторҳои ташкилоти аудиторӣ ба шароити супоришҳои аудитории мушаххас мувофиқат менамоянд. Назорати босамараи сифати кор ба баландшавии обрӯи ташкилоти аудиторӣ дар бозор мусоидат намуда, ҷолибияти вайро барои мизоҷон ва истифодабарандагони имконии ҳисоботи молиявӣ, ки саҳеҳиашро ин гуна ташкилоти аудиторӣ тасдиқ намудааст, баланд мебардорад. Мавҷуд будани низоми назорати дохилии сифат ва амалкунии босамараи он ба пастшавии хавфи изҳор намудани ақидаи аудитории хато мусоидат менамояд. Илова бар ин, мақомоти берунии назораткунанда фаъолияти ташкилотҳои аудиториеро, ки дар онҳо низоми босамараи назорати дохилӣ амал мекунад, нисбат ба ташкилотҳои аудиторие, ки бо надоштан ё татбиқи бесамараи назорати дохилии сифат дар мавзеи хавф қарор доранд, камтар ба санҷиш фаро мегиранд.

Тавре омӯзиши фаъолияти ташкилотҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, аксари онҳо стандартҳои дохилии худро таҳия намуда, ҳангоми назорати сифати аудит онҳоро ба кор мебаранд. Қабули баъзе стандартҳои миллии аудит, инчунин истифодаи стандартҳои байналмилалии аудит дар фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ ва ба таври назаррас баланд шудани талабот ба сифати хизматрасониҳои аудиторӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ зарурати такмили минбаъдаи низоми стандартҳои дохилии аудит ва муҳимтар – татбиқи онҳоро дар фаъолияти аудиторҳо ба миён овард.

Ташкилотҳои аудитории нисбатан бузурге, ки дар бозори хизматрасониҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми сазоворро доранд, чун ҶДММ “Делойт & Туш”, ҶДММ “БДО”, ҶДММ “Аудит-Консалтинг”, ҶДММ “Бейкер Тилли Тоҷикистон” ҳангоми ба ҷо овардани назорати сифати хизматрасониҳои аудиторҳои худ аксаран коркардҳои худии низоми назорати дохилии сифати корро истифода мебаранд, ки ба воқеияти фаъолияти аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд ва аз ҷониби силсилаташкилотҳои аудитории ҷаҳонӣ, ки худ аъзои онҳо мебошанд, муқаррар карда шудаанд. Вале дар тафовут аз ташкилотҳои аудитории бузург, барои аксари ташкилотҳои аудитории миёна ва хурд таҳия намудани низомҳои худии назорати сифати кори аудиторҳо ниҳоят меҳнатталаб ва гарон мебошад, бо вуҷуди он ки қоидаҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ ягон хел талаботи содакардашудаи иҷрои супориши аудиториро барои ташкилотҳои хурд пешбинӣ накардаанд.

Дар ташкилотҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон аудиторҳо ҳангоми татбиқи низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ба нишондод ва тавсияҳои СБА 1 “Назорати сифат барои ширкатҳое, ки аудит ва санҷишҳои доираи назари ахбори молиявии таърихӣ ва супоришҳои дигари оид ба таъминкунии эътимоднокӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаро мегузаронанд” ва СБА 220 “Назорати сифат ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ” такя менамоянд.

Тибқи талаботи СБА 1 оид ба назорати сифат, ташкилоти аудиторӣ бояд низоми назорати сифати аудитро тавре ба роҳ монад, ки вай дар бораи он ки ташкилоти аудиторӣ

ва кормандони он стандартҳои касбӣ ва санадҳои меъёриро риоя менамоянд, ҳисоботи аз натиҷаи санҷиши аудиторӣ омодашуда пурра ба вазъи корҳо дар корхонаи мизоҷ мувофиқат менамояд, боварии оқилонаро таъмин намояд.

Низоми назорати сифати аудит сиёсат ва амалҳои назорати сифати аудитро дар бар мегирад. Бино бар ин, хусусияти сиёсат ва амалҳое, ки ташкилоти аудиторӣ истифода мебарад, аз омилҳои гуногун вобаста мебошанд, масалан, аз андозаҳои ташкилоти аудиторӣ.

Ташкилоти аудиторӣ чунин унсурҳои низоми назорати сифатро дорад: масъулияти роҳбарият барои таъмини сифат дар дохили ташкилот, талаботи ахлоқӣ, қабули мизоҷ ва идома додани ҳамкорӣ бо вай, инчунин қабули супоришҳои мушаххаси санҷишӣ, ҳайати кормандон, иҷрои супориши санҷишӣ ва мониторинг.

Масъулияти асосӣ барои низоми дохилиташкилотии назорати сифати аудит ба роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ вогузор карда мешавад. Роҳбарони ташкилоти аудиторӣ ва намунаи рафторе, ки онҳо намоиш медиҳанд, ба фарҳанги кории дохилии ташкилоти аудиторӣ таъсири муҳим мерасонанд. Пешбарии фарҳанги кории дохилии барои ноилгардӣ ба сифат равонагардида аз амалҳо ва изҳороти возеҳ ва мунтазами намояндагони ҳама зинаҳои роҳбарии ташкилоти аудиторӣ вобаста мебошад. Ин гуна амалҳо ва изҳорот ба нигоҳ доштани фарҳанги корие мусоидат менамоянд, ки дар доираи он кори баландсифати аудиторон эътироф ва подош карда мешавад.

Амалҳои роҳбарият пеш аз ҳама бояд ба ҳавасмандкунии кори босифат равона шуда бошанд. Роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ бояд ба он диққат диҳад, ки сиёсати тиҷоратӣ ба таъмини сифати дохилиташкилотӣ барои иҷрои ҳама супоришҳои санҷишӣ нигаронида шуда бошад. Кормандоне, ки роҳбарияти ташкилоти аудиторӣ ба онҳо масъулияти низоми дохилиташкилотии сифатро вогузор намудааст, бояд дорои таҷрибаи басанда, малакаҳои мувофиқ ва ваколатҳои зарурӣ бошанд. Ташкилоти аудиторӣ бояд сиёсат ва амалҳо оид ба қабул кардани мизоҷ ва идома додани ҳамкорӣ бо вай, инчунин оид ба қабули супоришҳои санҷишии мушаххасро муқаррар намояд. Дар ҳолати мазкур ташкилоти аудиторӣ метавонад рафтор ва одоби мизоҷ ва набудани ахбор оид ба амалҳои бевиҷдононаи он, риоя гардидани талаботи ахлоқӣ, салоҳияти мутахассисони худ ва шумораи зарурии онҳоро муқаррар намояд. Ахбори мазкурро таҳлил намуда, ташкилоти аудиторӣ метавонад дар бораи бастани шартнома бо мизоҷи нав, идома додани ҳамкорӣ бо мизоҷи пешин ё оид ба иҷрои супориши нав барои ҳамин мизоҷ қарор қабул намояд.

Сиёсати таъмин намудани сифати санҷиши аудиторӣ истифодаи стандартҳои фаъолияти аудиториро дар рафти иҷрои санҷиши аудиторӣ, аз ҷониби гурӯҳи корӣ дарк шудани ҳадафҳои кори дарпешистода, ба ҷо овардани назораи иҷроиши супориши санҷишӣ, омодакунӣ ва омӯзиши кормандони корхона, тайёр намудани хулосаи кори иҷрошуда, баён намудани ақидарониҳои муҳими гурӯҳи аудиторӣ, нигориши ҳуҷҷатии кори аудиторҳо, инчунин муҳлатҳои гузаронидан ва ҳаҷми корҳои хулосавиро дар назар дорад.

Дар ташкилоти аудиторӣ ба шахсоне, ки дорои таҷриба ва ваколатҳои мувофиқ мебошанд, масъулият барои гузаронидани раванди мониторинг вогузор карда мешавад. Дар раванди мониторинг инҳоро бояд баҳо дод:

- оё низоми назорати сифат таҳия ва татбиқ шудааст;
- оё талаботи стандартҳои касбии аудиторӣ ва санадҳои меъёрӣ риоя карда мешаванд;
- оё сиёсат ва амалҳои зарурии назорати сифати кори ташкилоти аудиторӣ истифода мешаванд.

Ташкилоти аудиторӣ бояд шариконро оид ба камбудиҳои дар натиҷаи мониторинг ошкоршуда огоҳ намояд ва ба онҳо оид ба бартарафкунии ин камбудиҳо тавсияҳо диҳад. Агар натиҷаҳои мониторинг гувоҳӣ диҳанд, ки ҳисоботи молиявӣ ба вазъи корҳо дар корхонаи мизоҷ мувофиқ нест, пас ташкилоти аудиторӣ бояд амалҳои минбаъдаи худро

муайян намояд ва зарурати ба машварати ҳуқуқӣ мурочиат наммуданро баррасӣ кунад. Камаш як маротиба дар сол ташкилоти аудиторӣ бояд оид ба натиҷаҳои мониторинги назорати сифат ба роҳбарияти худ хабар диҳад.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ". – http://mmk.tj
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ". – http://mmk.tj
3. Каримов Б.Ҳ., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 444 с.
4. Кондрашова Н.Г. Институциональный подход к обеспечению и контролю качества аудита на уровне аудиторской организации: дисс. … канд. экон. наук / Кондрашова Наталья Генадьевна. – Москва, 2014. – 151 с.
5. Кондрашова Н.Г. Стандартизация как основа для организации внутреннего контроля качества аудиторской деятельности // Новая наука: теоретический и практический взгляд. - 2015. - № 5–1. - С. 96–101
6. Суворова С.П., Парушина Н.В., Галкина Е. В., Ковалева А.М. Основы внутрифирменной стандартизации аудиторской деятельности: учеб. пособие. - М.: Форум, ИНФРА-М, 2011. – 336 с.
7. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 582 с.
8. Шумилова И.В., Луговкина О.А. Организация контроля качества аудиторской деятельности // Азимут научных исследований: экономика и управление. - 2013. - № 1. - С. 35–38

**УДК-331.5**

**Бобоҷонова М.М.**

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ШУҒЛНОКӢ ВА АФЗОИШИ ДАРОМАДҲОИ МЕҲНАТӢ

Дар мақолаи мазкур танзими фаъоли шуғли аҳолӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии инсон дар мубориза барои ҷойи корӣ ба воситаи таҳсил, азнавтайёркунӣ, мусоидат барои шуғли мустақилона, фаъолияти инфиродии меҳнатӣ равона карда шудааст, сухан меравад.

Таъминоти ҷойи корӣ бояд бо назардошти даромади барои рӯзгузаронӣ кофӣ амалӣ карда шавад. Бинобар ин, дар шароити муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд нақши Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар таъмини даромади меҳнатии аҳолӣ аҳамияти назаррас дорад.

**Калидвожаҳо:** шуғли аҳолӣ, даромади меҳнатӣ, бозори меҳнат, кадрҳои баландихтисос, тайёркунӣ ва азнавтайёркунӣ, таъминоти эҳтиёҷот, ҷойҳои кории холӣ, захираҳои меҳнатӣ.

**Бободжонова М.М.**

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ ЗАНЯТОСТИ И РОСТА ТРУДОВЫХ ДОХОДОВ

В данной статье рассматривается активное регулирование занятости населения, направленное на повышение конкурентоспособности людей в борьбе за рабочее место посредством образования, переподготовки, поощрения самостоятельной занятости, индивидуальной трудовой деятельности.

Предоставление работы должно осуществляться с учетом дохода, достаточного для проживания. Следовательно, в современных условиях социально-экономического развития Согдийской области роль Агентства по труду и занятости населения играет важную роль в обеспечении доходов населения.

**Ключевые слова:** занятость населения, трудовые доходы, рынок труда, высококвалифицированные специалисты, подготовка и переподготовка, обеспечение потребностей, свободные рабочие места, трудовые ресурсы.

**Bobodzhonova M.M.**

## WAYS TO INCREASE EMPLOYMENT AND INCREASE LABOR INCOME

This article reviews the active regulation of employment, aimed at increasing the competitiveness of people in the struggle for a job through education, retraining, promotion of self-employment, individual labor.

Provision of the job should be carried out taking into account the sufficient living income. In other words, in the current conditions of socio-economic development of the Sughd region, the role of the Agency for Labor and Employment plays an important role in ensuring the income of the population.

**Key words:** employment, labor income, labor market, highly qualified specialists, training and retraining, meeting needs, free jobs, labor resources.

Key words: employment, labor income, labor market, highly qualified specialists, training and retraining, meeting needs, free jobs, labor resources.

Фаъолияти аҳолӣ дар бозори меҳнат баҳри ба даст овардани даромади меҳнатӣ аз натиҷаи фаъолияти сохторҳои давлатии шуғли аҳолиро танзимкунанда вобастагӣ дорад. Ба шумораи чунин сохторҳо одатан, марказҳо ва ё хадамоти шуғли аҳолӣ дохил карда мешаванд. Таъйиноти асосии ин хадамот дар баланд намудани самаранокии бозори меҳнат ва дар ин васила таъмин намудани кормандон бо даромади кофии меҳнатӣ иборат мебошад. Инчунин ба самтҳои фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ таҳлил ва паҳн намудани иттилоот оид ба ҷойҳои холии корӣ барои аҳолии бо кор таъминнабуда, амалисозии барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва амалигардонии чораҳои баланд намудани сатҳи шуғли аҳолӣ дохил мешаванд. Бо баробари рафти ислоҳоти иқтисодӣ, фаъолияи хадамоти шуғли аҳолӣ низ тағйиротро дар сохтор ва вазифаҳои иҷрокунанда аз сар мегузаронанд. Агар дар ибтидои давраи гузариш вазифаи асосии онҳо ин нигоҳдории ҷойҳои корӣ бошад, дар шароити муосир ин вазифа ба мусоидат намудан ба таъминоти аҳолӣ ва иттилоот ба аҳолӣ оид ба ҷойҳои корхи холӣ ва фаҳмондадиҳии қоидаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ иборат мебошад. Ба ғайр аз ин, дар чорчӯбаи фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ тайёркунӣ ва азнавтайёркунии аҳолии бо кор таъминнабуда ва мувофиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ васеъ ба роҳ монда шудааст.

Дар шароити муосири тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ хадамоти шуғли аҳолӣ асосан чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- коркард ва амалигардонии барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳисоби захираҳои меҳнатии бо кор таъминнабуда ва расонидани кумаки амалӣ ба таъминоти ҷойи корӣ;
- ташкили тайёркунӣ ва азнавтайёркунии касбии аҳолии бекор;
- расонидани ёрии амалӣ ба ташкилот ва корхонаҳо барои интихоби коргарон;
- муттасил додани иттилоот оид ба мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ;
- амалигардонии ҷубронпулиҳо оид ба бекорӣ, расонидани кумаки моддӣ ба бекорон;
- назорат аз болои истифодабарии мақсадноки воситаҳои фонди давлатии шуғли аҳолӣ;
- назорат аз болои риоя намудани қонуният оид ба шуғли аҳолӣ аз тарафи корхонаҳо ва ташкилотҳо.

Ба ҳама кӯшишҳо нигоҳ накарда, тағйироти бамиёномада ба дигаргуниҳои ҷиддии дар фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун инфрасохтори зарурии бозори меҳнат мусоидат накард. Воқеияти аслии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки новобаста аз баландшавии доимии нақши хадамоти меҳнат ва таъсири самараноки он ба фаъолияти бозори меҳнат дар ҷодаи таъминоти аҳолӣ бо даромадҳои меҳнатӣ такомули ҷиддиро талаб менамояд. Мураккабии ин масъала бо он асос меёбад, ки шуғли аҳолӣ ва таъминоти даромади меҳнатии аҳолӣ муаммоҳои ҷиддии ҷамъият ба ҳисоб рафта, шиддатёбии номутаносибии сохторӣ, сатҳи пасти даромади аҳолӣ, афзоиши сатҳи бекорӣ ва шуғли ғайрирасмӣ, муҳоҷирати берунаи танзимнашаванда, фаъолият накардани корхонаҳои калон ва як қатор дигар мушкилотро дар бар мегирад.

Дар вилояти Суғд ҳамчун минтақаи кишвар амалигардонандаи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл Хадамоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилоят ба ҳисоб меравад. Сифати амалигардонии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо, асосан, аз фаъолияти ин хадамот вобастагӣ дорад.

Дар шароити муосир сиёсати давлат оид ба тайёркунии касбии кадрҳо бояд ба ҳалли ду масъалаи ба ҳам алоқаманд мусоидат намояд:

- таъминоти эҳтиёҷоти бозори меҳнат бо қувваи кории тахассуси мувофиқ дошта;
- паст намудани сатҳи бекорӣ ба воситаи амалигардонии барномаи тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии қувваи корӣ.

Бояд қайд намуд, ки тайёр намудани кадрҳои баландихтисос маҷмӯи чораҳоро ифода мекунад, ки ба баланд намудани муттасили дараҷаи касбии ба талаботи кордиҳанда ҷавобгӯ буда мусоидат менамояд. Дар ин ҷода сатҳи даромаднокии кадрҳо низ эътибори зарурӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки барои таъмин намудани даромади меҳнатӣ дар сатҳи кофӣ бояд хизматрасонии таълимӣ бо мақсади тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо мувофиқи эҳтиёҷоти бозори меҳнат, кордиҳанда, ба инобат гирифтани манфиатҳои шахсӣ ва қобилияти касбии худи кормандон чораи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади афзун намудани даромади меҳнатӣ ҳар як коргар ва шахси бекормонда бояд бо таълими касбӣ фаро гирифта шавад. Барои мутахассисон пешкаш намудани хизматҳои таълимотӣ ҷараёни тайёркунӣ ва азнавтайёркуниро бо назардошти омӯзиши таҷрибавӣ дар назар дорад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар вилояти Суғд шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол аз сол тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли таҳсили 2018-2019 теъдоди онҳо ба 21,7 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2012-2013 79,3% афзоиш ёфтааст. Инчунин шумораи муҳассилини мактабҳои олӣ дар вилоят рӯ ба афзоиш ниҳода, дар соли таҳсили 2018-2019 нисбат ба соли таҳсили 2012-2013 ба 38,1% зиёд шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Шумораи хонандагон аз рӯйи намудҳои таълим дар вилояти Суғд (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Соли таҳсил | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 |
| Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 7,1 | 6,6 | 6,5 | 6,7 | 7,7 | 7,8 | 7,7 |
| Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 12,1 | 13,8 | 16,6 | 18,9 | 20,7 | 20,3 | 21,7 |
| Дар муассисаҳои олии касбӣ | 31,2 | 32,6 | 34,2 | 37,9 | 40,7 | 40,0 | 43,1 |

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд – 2018. С. 42

Дар ҳақиқат, афзоишёбии шумораи муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои олии касбӣ барои инкишофи бозори меҳнат ва таъминоти даромади меҳнатии аҳолӣ таъсири мусбии худро мерасонад. Зеро корманди тахассуснок ва маълумоти олидошта нисбат ба коргарони одӣ даромади зиёдтарро ба даст меорад. Лекин аз тарафи дигар, аз рӯйи таҳлили сохтори таълимгирандагон дар ин муассисаҳои таълимӣ бармеояд, ки аксарияти онҳо (зиёда аз 50%) барои фаъолият дар соҳаи маориф 29% барои фаъолият дар соҳаи ҳуқуқ ва иқтисодиёт ва танҳо 18,7% барои соҳаҳои саноат таҳсил намуда истодаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар иқтисодиёти вилоят ҷараёни коҳишёбии талабот ба мутахассисони соҳибмаълумот ба назар расида истодааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри соли 2018 қайд шудааст, ки “Ҳар фарди ҷомеа бояд касбу ҳунаре дошта бошад, ки бо истифода аз он зиндагии худро пеш барад”. Дар ин радиф алоқаманд намудани сатҳи малакаи корӣ, ҳунармандӣ ва қобилиятҳои касбӣ бо таъминоти даромади меҳнатӣ яке аз самтҳои муҳимми тараққиёти минтақаҳои мамлакат ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин, такмили фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар назар дорад, ки дастраскунии некуаҳволии аҳолӣ бе ҳалли муаммои шуғли аҳолӣ ғайриимкон аст.

Мақсади асосии фаъолияти марказҳои шуғли аҳолӣ дар миқёси вилоят ин мусоидат намудан ба шуғли самараноки аҳолӣ мебошад. Бо баробари таъмин намудани шуғли самаранок ин марказҳо ба таъминоти даромади меҳнатии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Дар ин ҷода ду намуди танзими шуғл ба воситаи марказҳои шуғли аҳолӣ маъмул аст: фаъол ва ғайрифаъол. Сиёсати ғайрифаъол чунин чораҳоро дар бар мегирад: бақайдгирии нафарони бо ҷустуҷӯйи ҷойи корӣ машғулбуда, муайян намудани ҳаҷми кумакпулиҳо барои бекорон, ташкил намудани низоми пешкаш намудани кӯмакпулиҳо барои бекорон, амалигардонии дастгирии бемаблағи бекорон ва аъзоёни оилаи онҳо ва ғайра.

Танзими фаъоли шуғли аҳолӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии инсон дар мубориза барои ҷойи корӣ ба воситаи таҳсил, азнавтайёркунӣ, мусоидат барои шуғли мустақилона, фаъолияти инфиродии меҳнатӣ равона карда шуда, аз он бармеояд, ки инсони солим бояд мустақилона воситаҳои рӯзгузарониро барои нигоҳубини оилаи худ дарёфт намояд. Дар ин масъала давлат танҳо ба шаҳрванд имконият ва шароитро фароҳам меорад.

Дар давраи муосир тағйироти сифатӣ дар нақши хадамоти шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат ба назар мерасад, ки бо ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ асос меёбанд. Дар чорчӯбаи ислоҳоти хадамоти давлатӣ принсипҳои нави

баҳамтаъсиррасонии муассисаҳои давлатӣ ва истеъмолгарон таъсис ёфта истодаанд. Мантиқи кори онҳо бо чунин тарз ифода шуданаш мумкин аст: муносибати ҳолати самаранок ба пешниҳоди хизматҳои босифати давлатӣ. Мувофиқан, масъалаҳои хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ташаккул меёбанд. Самти умумии онҳо ҳангоми фаъолият бо аҳолӣ ин гузариш аз таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи шаҳрвандон ба дастрасии қонеъгардонии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва манфиатҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳангоми чунин муносибат шаҳрвандон ба сифати нав ҳамчун истеъмолкунандагони супориши иҷтимоӣ ба хизматҳои давлатӣ баромад мекунанд. Дар ин васила бояд принсипҳои баҳамтаъсиррасонии кордиҳандагон ва коргарон дигаргун шавад. Ҳамкории кордиҳандагон бо хадамоти шуғли аҳолӣ танҳо дар ҳолате фоидаовар мегардад, ки агар бо коҳишёбии хароҷот, тарзи ба даст овардани хизматҳо ва сарфаи вақт алоқаманд бошад, ки бешубҳа, дар сатҳи рақобатпазирии субъектони чунин муносибат инъикос меёбад.

Ҳолати соҳаи шуғл, танзими даромадҳои аҳолӣ ба дигаргуниҳои куллӣ ниёз дорад. Пешравиҳои назаррас дар ҳолати ҳалли муаммоҳои зерин имконпазир аст:

- амалигардонии азнавсозии сохтории иқтисодиёти вилоят ва таъйиноти он барои инкишофи соҳаҳои аслии иқтисодиёт. Баланд намудани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ бояд ба шуғлнокӣ равона карда шавад;
- таъминоти аҳолӣ барои имконият бо ҷойи корӣ таъмин шудан, таъмини шароити шуғли самаранок ва даромаднокии кофии аҳолӣ;
- таъсис додани истеҳсолоти муосир бо ҷойҳои нави кории рақобатпазир, баланд намдани маҳсулнокии меҳанат;

Инкишофи соҳаи меҳнат аз ҷиҳати иқтисодӣ афзалиятнок барои дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо роҳи амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок, сиёсати қарзӣ ва андозӣ ниёз дорад. Дар ин ҷода фаъолгардонии соҳибкории хурду миёна бо роҳи мусоидат ба соҳибкории фоидаовар ва манфиатнок аз эҳтимол дур нест.

Аз ин ҷо бармеояд, ки вазифаҳои асосии барномаҳои сиёсати фаъолгардонии шуғли аҳолӣ гузариш ба модели хадамоти манотиқии мусоидат ба шуғлро талаб менамояд. Хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ, ки хизматрасониҳои иҷтимоиро ба аҳолӣ пешкаш менамояд, муассисаи таъминоти иҷтимоӣ набуда, он бояд ба амалигардонии мақсадҳои сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асоси мусоидат намудан ба шуғли самаранок ва фаъолияти бозори меҳнат мусоидат намояд.

Бо баробари васеъшавии уҳдадориҳои мақомоти минтақавӣ ин мақсадҳо аз хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дигаргуниҳоро дар бозори меҳнат талаб менамояд. Аз ҷумла, васеъ намудани номгӯйи хизматрасониҳо, васеъшавии аудиторияи мақсаднок, такомули технологияи фаъолият ва ғайраҳо. Барномаҳои фаъоле, ки аз тарафи хадамоти шуғли аҳолии вилоят амалӣ карда мешаванд, бояд барои баланд намудани самаранокии алоқамандкунии коргарон на танҳо бекорони бақайдгирифташуда ва ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнат таъйинот дошта бошанд.

Умуман, фаъолияти босамари хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ бояд самаранокии иҷтимоиро ба инобат гирад. Самаранокии фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ аз рӯйи чунин формула муайян карда мешавад:

$$\text{СФХДША} = \frac{\text{шумораи нафарони бо кор таъминшуда}}{\text{шумораи нафарони барои ҷойи корӣ таъмин шудан муроҷиаткарда}}$$

ки дар ин чо: СФХДША – самаранокии фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ;

Моҳияти ин нишондиҳанда дар он зоҳир мегардад, ки кадом қисми аҳолии ба хадамоти шуғли аҳолӣ бо масъалаи бо ҷойи корӣ таъмин шудан муроҷиат карда, аз тарафи ин хадамот бо кор таъмин карда шуданд. Маълум аст, ки чи қадаре ки ин

нишондиҳанда баланд бошад, ҳамон қадар самаранокии хадамоти меҳнат афзунтар мегардад. Бояд қайд намуд, ки аз рӯйи мантиқи математикӣ бузургии коэффитсиенти номбурда аз 0 то 1 майл мекунад. Чи қадаре ки коэффитсиенти самаранокии фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 1 наздик шавад, ҳамон қадар чунин фаъолият мувофиқи мақсад ва самаранок ба ҳисоб меравад.

Бо истифода аз маълумоти омори расмӣ дар ҷадвали 2 самаранокии фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳоли барои вилояти Суғд (Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд) ҳисоб карда шуд. Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 2 овардашуда маълум мегардад, ки самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд аз соли 2012 то соли 2018 тамоюли афзоишро дорад (ба ғайр аз соли 2013). Аз як тараф, чунин тамоюл марҳила ба марҳила баландшавии самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғдро нишон диҳад, аз тарафи дигар, ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин самт имконияти зиёд барои баланд намудани самаранокӣ вуҷуд доранд.

**Ҷадвали 3.2**

**Самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ шахсоне, ки барои кор муроҷиат карданд (ҳазор нафар) | 32,6 | 37,9 | 33,7 | 33,6 | 37,7 | 36,4 | 39,8 |
| Нафарони бо кор таъмин шуда (ҳазор нафар) | 9 | 9 | 9,3 | 9,6 | 10,7 | 13 | 16,6 |
| Самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | 0,27 | 0,24 | 0,28 | 0,29 | 0,35 | 0,36 | 0,41 |

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд – 2019. С. 80

Бояд қайд намуд, ки самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо аз фаъолияти зерсохторҳои он вобастагии калон дорад, зеро ҳар яки онҳо барои фаъолияти он саҳми муайяни худро дорад. Нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд барои тавсифи пурраи фаъолияти он ва муайян намудани тарафҳои қавӣ ва зинаҳои номустаҳками онро имкон намедиҳад. Бо мақсади муайян намудани тарафҳои қавӣ ва зинаҳои номустаҳками фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо баҳодиҳӣ аз рӯйи усулҳои зерин пешкаш карда мешавад:

- фоизи бо кор таъмин шудагон аз шумораи нафарони ҷойи кориро ҷустуҷӯкунанда;
- давомнокии миёнаи интизории ҷойи кории мувофиқ;
- вазни қиёсии бекорони дарозмуддат;
- сатҳи бекории пешгиришуда;
- диққатҷалбкунии самтҳои киро намудани коргарон.

Бешубҳа, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии пешкашшуда метавонад самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолиро дар минтақаҳо ифода намояд. Лекин ҳисоби ин нишондиҳандаҳо ниҳоят душвор ва дар баъзе ҳолатҳо имконнопазир мебошад, зеро дар маълумоти омори расмӣ маълумоти ибтидоӣ оид ба ин нишондиҳандаҳо вуҷуд надорад.

Бо ҳамин мақсад зарур мешуморем, ки барои фаъолияти самаранокии Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо чунин нишондиҳандаҳо ба инобат

гирифта шаванд. (Ҷадвали 2)

Нишондиҳандаҳои иловагии пешкашкардашуда барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо хусусияти универсалӣ дошта, метавонад дар ҳама сатҳҳо истифода шавад.

**Ҷадвали 2**

**Маҷмӯи нишондиҳандаҳо барои баҳогузории самаранокии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

| Номи нишондиҳанда | Қоидаи ҳисоб |
|---|---|
| Тағйирёбии шумораи бекорон нисбат ба солҳои гузашта | Тағйирёбии шумораи бекорон дар охири соли ҳисоботӣ нисбат ба соли гузашта бо ифодаи фоиз. |
| Дараҷаи иштироки хадамоти давлатии меҳнат дар амалигардонии барномаҳои шуғли мустақилона. | Таносуби шумораи шаҳрвандони ба воситаи хадамоти давлатии меҳнат бо кор таъминшуда ва шумораи нафароне, ки бо шуғли мустақилона бо ҷойи корӣ таъмин шудаанд |
| Дараҷаи фарогирии шаҳрвандон бо барномаҳои тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо. | Таносуби шумораи шаҳрвандони ба барномаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо ҷалбшуда ва шумораи умумии шаҳрвандони ба хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ мурочиаткарда. |
| Таносуби хароҷот барои нигоҳдории мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ва барои амалигардонии барномаҳои шуғли аҳолӣ, аз қабили тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо. | Ҷамъи хароҷот барои музди меҳнат, хизматҳои коммуналӣ, хароҷоти маъмурии Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо барои маблағгузории бекорон равонашаванда. |

Бинобар ҳамин, дар шароити муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иктисодии вилояти Суғд накши Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар таъмини даромади меҳнатии аҳолӣ аҳамияти зарурӣ дорад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки ҳангоми нақшагирии фаъолияти Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо ташаккулёбии даромади меҳнатии аҳолӣ низ ба инобат гирифта шавад. Зеро таъминоти ҷойи корӣ бояд бо назардошти даромади барои рӯзгузаронӣ кофӣ амалӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ

1. Водяхина С.А. Предпосылки реформирования системы подготовки и переподготовки населения // Профессиональное образование. Столица -№7, 2010-С.10
2. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, таҳти № 277 тасдиқ карда шудааст).
3. Горбачева Т.П. и др. Основные направления статистического наблюдения за уровнем заработной платы работающих // Вопросы статистики. 2005. № 10. С. 27-28.
4. Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд – 2018. С. 55
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе, 26 декабри соли 2018.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва касбӣ”.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 1 августи соли 2003, № 44.

УДК 657.01

**Давлатов А.А.**

## ҲИСОБОТ ОИД БА ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Ҳадаф аз таҳқиқоти зерин омӯзиши он аст, ки то чӣ андоза ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пули бонкҳо аз ширкатҳои ғайримолиявӣ фарқ дошта, сабаби истифода нашудани он муайян карда шавад. Таҳқиқот мавҷудияти стандарти баҳисобгириро барои бонкҳо, мушкилоти махсуси селаҳои пули бонкҳоро дарбар мегирад.

Таҳқиқоти мазкур барои ҷамъоварии далелҳо ва арзёбии сохтори баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо мақсади тасвири омилҳо ва шарҳи вазъияти низоми бонкии ватанӣ истифода мегардад. Ҳисоботи молиявии бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии хурди алоҳидаи ватанӣ, инчунин хулосаҳои аудитории нашршуда ба сифати объекти таҳқиқот интихоб шудаанд. Диққати махсус дар таҳқиқот ба масоили баҳисобгирии селаҳои пулӣ дар бонкҳо дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** воситаҳои пулӣ, ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ, бонкҳо, хароҷот, сармоягузориҳо, селаҳои пулӣ, муфлисшавӣ.

**Давлатов А.А.**

## ОТЧЕТ О ДВИЖЕНИИ ДЕНЕЖНЫХ СРЕДСТВ И БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Целью данного исследования является изучение того, как отчеты о движении денежных средств банков отличаются от нефинансовых компаний, чтобы понять, почему они не используются. Это включает в себя исследование того, как стандарт бухгалтерского учета функционирует для банков, и выявить особые проблемы денежных потоков в банках.

Данное исследование используется для сбора доказательств и оценок структуры бухгалтерского учета и финансовой отчетности с целью описания фактов и интерпретации ситуации с отечественной банковской системе. Финансовая отчетность отдельных отечественных банков и микродепозитных организаций, а также опубликованные аудиторские заключения выбраны в качестве объектов исследования. Особое внимание в данном исследовании уделяется вопросам учета денежных потоков в банках.

**Ключевые слова: денежные** средства, Отчет о движении денежных средств, банки, расходы, инвестиции, денежные потоки, банкротства.

**A.A. Davlatov**

## CASH FLOW STATEMENT AND THE BANKING SYSTEM: THEORETICAL ASPECTS

The purpose of this study is to investigate how the cash flow statement of banks are different from non-financial companies, to understand why they are not used. This includes examining how the accounting standard works for banks and identifying specific cash flow problems in banks.

This study is used to collect evidence and assessments of the structure of accounting and financial reporting in order to describe the facts and interpret the situation with the domestic banking system. The financial statements of individual domestic banks and microdeposit

organizations, as well as published audit reports, were selected as objects of research. Particular attention in this study is paid to the accounting of cash flows in banks.

**Key words:** cash, Cash flow statement, banks, expenses, investments, cash flows, bankruptcy.

**Введение**

Этот исследование исследует движение денежных средств и учет в банках. Это исследование рассматривает, как функционирует стандарты бухгалтерского учета в финансовом мире, и выявляет проблемные вопросы в отчетности банков о движении денежных средств. Отчеты о движении денежных средств обеспечивают один показатель ликвидности, который был проблемой в банковском секторе вовремя и после недавнего глобального финансового кризиса. Установленные ограничения выживания Минского [2] означает, что отток денежных средств, таких как расходы и инвестиции, должен быть меньше, чем приток денежных средств, таких как доходы и финансирование. Если финансирование равняется инвестициям, то операции должны быть положительными, чтобы субъект выжил. Отрицательный денежный поток является предупреждающим сигналом, а приток от операций является положительным признаком.

В свете проблем с ликвидностью и важности движения денежных средств, в исследовательском вопросе рассматривается, почему отчеты о движении денежных средств банков недостаточно широко используются.

Операции банков, по сути, связаны с этими потоками и трансформацией сроков погашения при несоответствии сроков платежей. Это делает их отчет о движении денежных средств более сложным, чем в других фирмах, а также затрудняет измерение ликвидности. Разделение потока клиентов через банк и собственный поток банка неясно. Денежный поток, полученный от операций другого денежного потока, проблематичен для определения, так как неттинг (Неттинг (англ. Netting) – это один из ключевых внутренних инструментов управления операционными и финансовыми рисками в крупных, чаще всего транснациональных, корпорациях. В корпоративных финансах термин неттинг используется для обозначения системы межфилиальных или внутрикорпоративных (для ТНК) платежей. Поэтому с этим понятием должен быть хорошо знаком каждый специалист по корпоративным финансам или казначей) является проблемой, а единица измерения совпадает с измеряемым объектом.

**Мотивация для исследования**

Хотя глобальный финансовый кризис, крупные банкротства банков и негативное влияние пандемии COVID19 послужили стимулом для начала этого исследования, наиболее крупнейшие банкротства нефинансовых учреждений как Enron, а также их влияние на стандарты финансовой отчетности вследствие мошенничества не являлись предметом исследования.

Бухгалтерский учет в банках в целом и правила учета денежных потоков в частности лежат в основе исследования. Бухгалтерские отчеты банков представляют доказательства того, что происходило в учреждениях финансовых рынков во время недавнего финансового кризиса - не только компаний-банкротов, но и компаний в обычных банках, в частности отчеты о движении денежных средств.

В условиях неопределенности, вызвавшей пандемии короновируса можно ожидать пересмотр требований к содержанию финансовой отчетности. Книги по теории бухгалтерского учета согласуются с целью отчетности о движении денежных средств. Отчет о движении денежных средств должен показать, где генерируются деньги (операции, финансирование или инвестиции), а также выявить потенциальные проблемы с ликвидностью. В долгосрочной перспективе отчет о прибылях и убытках и отчет о движении денежных средств связаны с одной и той же информацией, в краткосрочной перспективе они представляют различную информацию и разные концепции [1, 297].

Но общие бухгалтерские книги и теория игнорируют денежные потоки в банках как таковые, и, таким образом, обеспечивают еще одну мотивацию для данного исследования. Кроме того, регулирование денежных потоков не было частью упомянутых выше отчетов о реформировании.

**Модель учета банковского кредитования**

Кредитная операция при получении нового кредита не связана с поступлением денежных средств в банк или из банка, а только между счетами в учетной системе банка. Когда кредит используется, он может вытекать из банка. Это можно проиллюстрировать на простой модели, используя пример базового банка, см. Рисунок 1, описанный ниже.

Начальный баланс банка составляет 20000 у.е., где 2000 у.е. представляют собой денежные средства и резервы в центральном банке, а 18000 у.е. представляют собой активы в форме кредитов клиентам. Концептуально важно видеть, с точки зрения банка, как отражаются основные предметы. Ответственность клиента, кредит, является активом банка. Аналогичным образом, на пассиве баланса банка находятся депозиты клиентов, в данном случае 10000 у.е. Вклады, вложенные в банк, становятся его обязательствами - по сути, это ссуды банку от клиента. Дополнительные заимствования в других банках или финансирование через финансовые рынки составляют 8000 у.е., а собственный капитал - 2000 у.е. Это финансовое положение банка в начале периода показано в верхней части рисунка 1.

Финансовые результаты в виде прибыли или убытка представлены в отчете о прибылях и убытках во втором разделе рисунка 1. Операции за период состоят только из доходов от процентов по кредитам, а затраты включают финансирование и прочие операционные расходы. В этом простом случае клиенты выплачивают 10% -ную процентную ставку по всем кредитам в течение всего года, и в интересах упрощения в течение этого конкретного года погашение кредитов не производится.

Банк оплачивает 5% стоимости финансирования (в среднем по депозитам и облигациям).

Таким образом, чистый процентный доход составляет 900 у.е., исходя из общей суммы процентов в 1800 у.е., за вычетом расходов на финансирование в размере 900 у.е. Прочие операционные расходы банка составляют 600 у.е., что дает прибыль в размере 300 у.е. Единственным видом деятельности банка в этот период является один новый кредит в размере 1000 у.е., который предоставляется в последний день периода. Кредит используется заемщиком в качестве оплаты за дом, купленный у другого клиента в том же банке. Сделка влияет на балансы продавца и покупателя дома, но здесь мы смотрим только на баланс банка.

Чтобы проиллюстрировать движение денежных средств, простой отчет о притоке и оттоке представлен в третьем разделе модели на рисунке 1. Он начинается с прибыли года, выплачиваемой в виде дивидендов владельцам (наличными, а не их счетам). в этом банке) и приток на банковский счет продавца дома происходит от оттока нового займа заемщику. Эти входящие и исходящие потоки находятся между счетами в одном банке и никогда не покидают банка. В этом примере важно отметить, что банку не требовался третий клиент, приносящий новые сбережения для оплаты нового кредитования. Предоставление кредита создает новые депозиты, как показывает этот простой пример. В системе бухгалтерского учета есть только транзакции, нет движения денежных средств, только новые активы на собственном счете банка и увеличенный депозит при выдаче кредита заемщику. Платеж от заемщика продавцу происходит в системе банковских счетов, переводя депозиты между счетами.

**Модель учета: Кредитование**

Клиент получает ссуду в размере 1000 и оставляет ее себе или платит другому клиенту в том же банке

| **Отчет о финансовом положении на 01.01.** | **Активы** | **Обязательства** | | Запуск простого банка: |
|---|---|---|---|---|
| Денежные средства и резервы в центральном банке | 2000 | | | Денежные средства от акционеров |
| Депозиты от клиентов | | 10000 | | Деньги клиентов |
| Заимствования у других (банки / облигации) | | 8000 | | Первое межбанковское финансирование |
| Ссуды клиентам | 18000 | | | Ссуды полностью профинансированы выше |
| Капитал | | 2000 | 10,0% | Коэффициент собственного капитала |
| Баланс | 20000 | 20000 | | |

| **Отчет о прибылях и убытках** | **Расходы** | **Доходы** | | В первом периоде: |
|---|---|---|---|---|
| Доход по процентам | | 1800 | 10% | Проценты по кредитам |
| Расходы по процентам | 900 | | 5% | Проценты по вкладам |
| Операционные расходы | 600 | | 33% | Соотношение затрат и доходов |
| Чистый операционный доход | 300 | | 17% | Доля прибыли |

| **Отчет о движении денежных средств** | **Приток** | **Отток** | | **Потоки денег:** |
|---|---|---|---|---|
| Операционная прибыль | | 300 | | Выплаты в виде диведендов |
| Оплата дивидендов | 300 | | 15% | Рентабельность собственного капитала |
| Изменение депозитов | | 1000 | | Получение нового депозита |
| Изменение финансирования из банков / облигаций | | | | Новый займ |
| Изменение кредитования | 1000 | | | |
| Изменение денежных средств и резервов | 0 | 0 | | Без изменений |

| **Отчет о финансовом положении на 31/12** | **Активы** | **Обязательства** | | **После первого периода:** |
|---|---|---|---|---|
| Денежные средства и резервы в центральном банке | 2000 | | | Без изменений |
| Депозиты от клиентов | | 11000 | 100 | Получены денежные средства для займа |
| Заимствования у других (банки / облигации) | | 8000 | | Нет нового финансирования |
| Ссуды клиентам | 10900 | | 100 | Новый заем создает актив |
| Капитал | | 2000 | 9,5% | Более низкий коэффициент собственного капитала |
| Баланс | 21000 | 21000 | | |

**Источник:** составлен автором

**Рисунок 1: Модель учета кредитования в банке**

Новый кредит создает вклады без внешнего финансирования

Баланс банка на конец периода, показанный в четвертом разделе, увеличился на сумму нового кредита с 20000 до 21000 у.е., поскольку новый кредит является активом, а денежный депозит - новая ответственность банка. Собственный капитал такой же, как и резервы наличности в центральном банке, но коэффициент собственного капитала несколько снизился. Банки регулируются на основе коэффициента собственного капитала и резервных требований, но в этом случае для упрощения ограничения не достигаются.

Картина усложняется, когда добавляются другие банки и начинаются транзакции между банками. Затем вновь созданный кредит должен финансироваться, когда он течет между банками. Но когда денежные средства движутся в обоих направлениях, неттинг уменьшает финансирование, и банки также могут кредитовать друг друга.

Таким образом, банк не является кредитором денег, который сначала приобретает, а затем размещает средства. Приобретение активов в любой конкретный день, в частности, предоставление кредитов, является результатом постоянных и продолжающихся деловых отношений; банк сначала ссужает или инвестирует, а затем «находит» наличные, чтобы покрыть любые возникающие потери. В некоторых обстоятельствах эти денежные средства могут быть обнаружены в избытке денежных средств в кассе, в других - путем продажи или залога принадлежащих им активов за наличные, а в других случаях денежные средства приобретаются путем выпуска новых обязательств.

Приведенная выше модель может быть распространена на большее количество банков, где два банка увеличивают кредитование в равной степени, а клиенты распределяются равномерно, ведя равный бизнес между банками. Это приводит к взаимозачету платежных операций между банками, поэтому финансирование не требуется. В более продвинутой модели с более низким дивидендом увеличенные резервные требования покрываются большим доходом, а нераспределенная прибыль теоретически может поддерживать коэффициент собственного капитала постоянным. Это указывает на теоретическую возможность постоянного непрерывного роста кредитования без финансирования, вопрос только в том, с какой скоростью и как ее контролировать. На практике финансирование потоков между различными банками также становится проблемой. Межбанковский рынок является одним из аспектов этого, и взаимное кредитование и заимствование между банками решает значительную часть финансирования их кредитования клиентов с созданием нового кредита и тем самым еще больше увеличивает рост кредитования.

**Банковская и бухгалтерская история**

Обычно предполагается, что цель фирм - зарабатывать деньги своей деятельностью. Роль бухгалтерского учета состоит в том, чтобы регистрировать, измерять и сообщать финансовые результаты, полученные в результате этих операций.

Отличие банков от других фирм не было утверждено в качестве причины для освобождения банков от отчетов о движении денежных средств в действующем стандарте бухгалтерского учета [3]. Уже более ста лет известно, что банки отличаются от других видов бизнеса. Банковское дело выгодно, главным образом потому что банк ссужает больше, чем имеет или занимает, и при этом может создавать новый кредитный портфель.

Это кристаллизует, чем прибыльность банков отличается от прибыльности коммерческих фирм, и поднимает вопрос о том, как учитывается денежный поток от создания кредита. Деловые фирмы прибыльны, потому что их инвестиции, частично финансируемые за счет займов, генерируют больше денежных потоков от операций, чем затраты. Фирмы не могут инвестировать больше, чем они имеют или могут занять, в отличие от банка. В международной системе бухгалтерского учета стандартов движения денежных средств, похоже, не нашлось места для рассмотрения создания кредитов банками.

Равенство бухгалтерской идентичности должно быть истинным; активы должны равняться сумме обязательств и капитала. Точно так же денежные средства в начале периода плюс изменения в денежных средствах в течение периода должны равняться денежным средствам в конце периода. Но когда денежные средства увеличиваются за счет нового кредитования, может быть трудно определить, сколько денежных средств генерируется от операций в банке, а сколько от создания кредита при росте кредитования [4].

Бухгалтерский учет также основан на оценке и суждениях и, следовательно, регулируется как правилами, так и принципами. Банки как финансовые учреждения подлежат большему регулированию, чем другие фирмы, из-за их уникальной роли в обществе и из-за поддержки со стороны центрального банка как кредитора последней инстанции.

Часть риска банкротства банка ложится на налогоплательщиков из-за гарантий вкладчиков и финансовой помощи «слишком крупным, чтобы обанкротиться» учреждениям. Поэтому бухгалтерский учет в банках играет важную роль в привлечении менеджеров к ответственности за операции и в получении информации о финансовом состоянии учреждений [5].

Банковское дело лежит в основе капитализма. Предоставляя новые кредиты, банки создают денежные средства для своих клиентов. Система двойной записи - это часть того, что позволяет банковскому делу и капитализму изменить мировую экономику.

**Ликвидность и потоки денег**

Многие центральные банки мира держат процентные ставки близкими к нулю, чтобы побудить банки предоставлять ссуды и способствовать ликвидности. Все программы, финансируемые государством, были нацелены на поддержку финансовой системы, особенно в отношении облегчения доступа к дешевому финансированию и обеспечения финансовой ликвидности. Потребность в финансируемом государством финансировании банковской системы является противоречивым ответом на господствующий рыночный капитализм последних трех десятилетий. Тогда упор делался только на устранение государственного вмешательства на финансовый рынок.

| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 35175 | 44051 | 92989 | 96764 | 126825 | 138378 | 123379 | 142044 | 149774 | 322,4 % |
| Ҳамагӣ | 162348 | 193262 | 215078 | 236441 | 263598 | 284529 | 275612 | 301296 | 317931 | 155,9 % |

**Маъхаз:** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. – с. 206-211; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – с. 206-213.*

Мавриди зикр аст, ки шумораи соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда 109,8% афзоиш ёфта, нисбат ба соли 2010 теъдоди онҳо 33001 адад зиёд гардидааст. Мувофиқи маълумоти ҷадвали овардашуда аз соли 2010 то соли 2018 теъдоди корхонаҳои амалкунанда, ки мақоми шахси ҳуқуқиро соҳиб гардида, ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ машғул буданд, ба миқдори 8134 адад зиёд гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди макроиқтисодӣ ва зиёдшавии ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат алоқамандии зич дорад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ, сарфи

назар аз тамоилҳои манфии солҳои охир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъсири номатлуби онҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ беҳтар гардида, рушди босуботи иқтисодӣ таъмин карда мешавад

Тақрибан 15,1 % ба саноат, аз ҷумла ба энергетика рост меояд. Афзоиши ҳиссаи саноат ва энергетика дар муқоиса бо соли 2016 тақрибан 2,3%-ро ташкил мекунад. иЧуноне ки аз расми 2 маълум мегардад, дар давраи мавриди баррасӣ маблағи сармоягузориҳои асосӣ ба соҳаҳои саноат дар соли 2017 нисбат ба соли 2010 зиёда аз 3 маротиба зиёд гардидааст.




**Расми 2. - Динамикаи сармоягузориҳои асосӣ ба соҳаи саноат дар солҳои 2010-2018, ҳазор сомонӣ**

**Маъхаз:** Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ]: Режим доступа: http://www.stat.tj/macroeconomic-indicators/ (Дата обращения: 16.06.2019)

Мавриди зикр аст, ки мақсади асосии ҷалб ва истифодаи воситаҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани самарабахшии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, ташаккули низоми комили дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ чунин тадбирҳоро бояд дар бар гирад:

– мукаммалсозии заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, ки шароити мусоидро барои фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ муқаррар мекунад;

– мукаммалсозии механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ;

– мукаммалсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ки таҳия ва татбиқи амалии сиёсати давлатиро оид ба дастгирии соҳибкории саноатӣ таъмин менамояд;

– ташаккули низоми дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, ки дар асоси механизми шарикии давлатию хусусӣ бунёд ёфтааст.

Ҳамасола пайваста аз тарафи мақомоти давлатӣ бахри рушди касбият ва баланд бардоштани малакаву маърифати ҳуқуқиву молиявии соҳибкорон тадбирҳои судманд амалӣ шуда истодаанд. Дар соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди соҳибкорӣ (бизнес) миёни давлатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи 126 – ро касб намудааст, ки дар ин бора расми зер шаҳодат медиҳад.




**Расми 3. – Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ тӯли солҳои 2014-2019**

**Сарчашма:** Исследование Всемирного банка: Ведение бизнеса за 2014-2019 гг. [Электронный ресурс] Режимдоступа: URL: https://www.worldbank.org/content/dam/ doingBusiness/media/Annual-Reports/English/DB2019-report_web-version.pdf (Дата обращения: 19.07.2019)

Воқеан, маълумоти расми дар боло овардашуда ба он водор месозанд, ки дар мамлакат ҳарчӣ зудтар бояд шароитҳои зарурӣ баҳри пешбурди фаъолияти соҳибкории саноатӣ фароҳам оварда шавад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир соҳибкорон кафили устувории иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа мебошанд. Имрӯз соҳибкорон ҷойҳои нави корӣ фароҳам месозанд, буҷети давлатро ғанӣ мегардонанд, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакатро афзун мегардонанд ва ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии мамлакат мусоидат менамоянд. Тавре зикр гардид, имрӯз дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ аҳамияти махсус дода мешавад, зеро фаъолияти соҳибкорӣ ба тағйирдиҳии сохтори соҳавии иқтисодиёт, фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи бозори истеъмолӣ, баландбардории иқтидори содиротии мамлакат, истифодаи самараноки иқтидорҳо ва захираҳои ашёвии мамлакат, баландбардории сатҳи фарҳангии ҷомеа, ташаккули арзишҳо ва ғояҳои нав мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар стратегия ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар мамлакат масоили истифодаи самарабахши дороиҳои миллӣ, аз ҷумла сармояи инсонӣ самтҳои калидӣ маҳсуб меёбанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои охир ҷиҳати фароҳам сохтани муҳити созгори пешбурди фаъолияти соҳибкории саноатӣ ислоҳоти иқтисодиёти дар мамлакат пайваста амалӣ намуда истодааст. Аз тарафи буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ тариқи Фонди дастгирии соҳибкорӣ қарзҳои зиёд ҷудо карда мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки танҳо тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ зиёда аз 154 лоиҳаи тиҷоратӣ дар 49 шаҳру ноҳияи кишвар ба маблағи 200 миллион сомонӣ сармоягузорӣ гардидааст. Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари фароҳам омадани имкониятҳои молиявӣ ҳаҷми маблағҳоро барои Муассисаи давлатии Фонди дастгирии соҳибкорӣ ҳамасола афзоиш дода, сандуқи қарзии онро зиёд намуда истодааст.

Воқеан, инкишофи соҳибкории саноатӣ ба таъмини бозорҳои мамлакат бо молҳои ватанӣ, рушди иқтидори содиротӣ, таъмини сатҳи инкишофи ММД, тавсеаи тиҷорати байналмилалии кишвар мебошад.

Имконоти коркарди захираҳои бойи табиӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ на танҳо иқтидори содиротии мамлакатро зиёд мегардонад, балки иқтидори воридотивазкуниро низ афзун менамояд. Бинобар ин, дар Паёми Пешвои миллат зикр гардид, ки "ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани чараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳамияти махсус дода шуда, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот, истихроҷи маъдан, коркарди металлу сангҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд".

Самтҳои афзалиятноки иқтидори ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунандаи иқтисодиёти мамлакат, электроэнергетика, металлургияи ранга, саноати кимиё, саноати сабук ва соҳаи қишоварзӣ буда метавонанд, ки дар заминаи истифодаи васеи иқтидори захиравии маҳаллӣ ва инсонӣ ташаккул меёбанд. Инчунин, дар бахшҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ аз ҷониби соҳибкорон бояд бо истифода аз технологияҳои нави ҷаҳонӣ истеҳсоли молу хизматрасониҳои рақобатпазири ватанӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, қайд намудан зарур аст, ки андешидани тадбирҳои мазкур ба рушди соҳибкории саноатӣ дар мамлакат мусоидат намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус саноатикунонии босуръат мусоидат хоҳад намуд.

## АДАБИЁТ:

1. Исследование Всемирного банка: Ведение бизнеса за 2014-2019 гг. [Электронный ресурс] Режим доступа: URL: https://www.worldbank.org/content/dam/doingBusiness/media/Annual-Reports/English/DB2019-report_web-version.pdf (Дата обращения: 19.07.2019)
2. Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ]: Режим доступа: http://www.stat.tj/macroeconomic-indicators/ (Дата обращения: 16.06.2019)
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. – с. 206-211;
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – с. 206-213.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 – Режим доступа: URL: http://www.prezident.tj/node/21975 (Дата обращения: 26.12.2019)

УДК 330.115 (575.3)

**Назарова Н.С.**

## ТАСНИФОТИ ХАВФУ ХАТАРҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ корхонаҳои энергетикиро мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд намудааст, ки хавф эҳтимолияти дидани зарар ва ё аз даст додани фоида мебошад. Дар зери мафҳуми хавфи фаъолияти корхона имконияти ба вуҷуд омадани вазъи номусоид ва оқибатҳои он фаҳмида мешавад. Ба андешаи муаллиф ҳар як шакли ҷудогонаи ин қабил хавфҳоро, ки дар натиҷаи ба амал омадани ҳодисаҳои берунаву дохилӣ ба вуқӯъ мепайванданд. Хавфҳои энергетикӣ ин хавфҳои омехта буда, дар худ хавфҳои саноатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, захиравӣ ва намудҳои хавфи ташкилиро муттаҳид менамояд. Инчуни муаллиф хулоса намудааст, ки хавфҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби вобастагии иқтисодиёт, ноустувории қурби асъори миллӣ меафзоянд ва системаи идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар як қатор соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷумла корхонаҳои энергетикӣ тамоман ташаккул наёфтааст ё дар давраи аввали рушди худ қарор дорад. Қисми ҷудонашавандаи ин система идоракунии хавфи сармоягузорӣ ва таснифоти хавфу хатари сармоягузорӣ мебошад, он бевосита аз рӯи категорияҳои асосӣ, ба монанди сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: сармоягузорӣ, хатар, корхона, энергетика, таснифот, фаъолияти сармояузорӣ,эҳтимолият.

**Назарова Н.С.**

## КЛАССИФИКАЦИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РИСКОВ НА ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Автор в своей статье анализирует классификацию инвестиционных рисков и рисков энергетических компаний. Отмечено, что риск - это вероятность увидеть потерю или упущенную выгоду. Риск предприятия означает возможность неблагоприятной ситуации и ее последствий. По мнению автора, каждый из этих видов рисков является результатом внешних и внутренних событий. Энергетические риски - это смешанные риски, которые включают производственные, экономические, коммерческие, ресурсные и организационные риски. Автор также приходит к выводу, что риски в Республике Таджикистан растут из-за зависимости экономики, нестабильности национальной валюты и недостаточно развитой системы управления рисками инвестирования в ряд секторов национальной экономики, в том числе в энергетические компании. Неотъемлемой частью этой системы является управление инвестиционным риском и классификация инвестиционного риска, которая напрямую определяется основными категориями, такими как инвестиции, инвестиционная деятельность.

**Ключевые слова:** инвестиции, риск, предприятие, энергетика, классификация, инвестиционная деятельность, вероятность

**Nazarova N.S.**

**CLASSIFICATION OF INVESTMENT RISKS IN ENERGY ENTERPRISES**

In his article, the author analyzes the classification of investment risks and risks of energy companies. Noted that Risk is the probability of seeing loss or loss of profit. Risk of the enterprise means the possibility of unfavorable situation and its consequences. According to the author, each of these types of risks is the result of external and internal events. Energy risks are mixed risks that include industrial, economic, commercial, resource, and organizational risks. The author also concludes that the risks in the Republic of Tajikistan are growing due to the dependence of the economy, the instability of the national currency, and the risk management system of investment in a number of sectors of the national economy, including energy companies is underdeveloped. An integral part of this system is the management of investment risk and the classification of investment risk, which is determined directly by the main categories, such as investment, investment activity.

Keywords: investment, risk, enterprise, energy, classification, investment activity, probability.

Дар шароити муосир фаъолияти корхонаи энергетикӣ ҳангомиташкили бозори фуруши неруи барқ дар шакли чаканаи соҳаиэлектроэнергетика аз меъёрҳои техникӣ ба монанди тавоноӣ, махсусияти истеҳсолӣ ва қоидаҳои нархбандӣ алоқаманд мебошад. Шароитҳои нави таҳвил ва қоидаҳои корхона дар шароити БЧЭТ барои пайдоиши хавфҳои нави талафоти иқтисодӣ замина мегузоранд. Пеш аз баррасӣ намудани шаклҳои гуногун ва нисбатан нави хавфҳо (хавфҳои энергетикӣ) таърифи мафҳуми хавф ва методикаи арзёбии онро дида мебароем.

Хавф эҳтимолияти дидани зарар ва ё аз даст додани фоида мебошад[2,41]. Зери мафҳуми хавф дар фаъолияти хоҷагидории корхона имконияти ба вуҷуд омадани вазъи номусоид ва оқибатҳои манфии он фаҳмида мешавад.

Хавфҳои энергетикӣ ин хавфҳои омехта буда, дар худ хавфҳои саноатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, захиравӣ ва намудҳои хавфи ташкилиро муттаҳид менамояд. Ба андешаи Мятишкин Г.В. хавфҳои энергетикиро бо ёрии мониторинги доимӣ ва методҳои статистикӣ дар тарҳи системаи идоракунии хароҷоти энергетикӣ [3,77] идора кардан зарур мебошад.

Ба туфайли ин, дар мавриди воқеъ шудани ҳодиса – омили хавф дар ҳолати бартарияти ин ҳодиса ва ё дар мавриди нест шудани манбаи хавф он паст (бартараф) мегардад. Идоракунии босамари хавфҳо як қатор мушкилот, чунончи аз муайян намудани андозаи он шуруъ гардида то мониторинг ва арзёбии арзиши онро бояд ҳал намояд[5,29].

Хавфу хатарҳои корхонаҳои энергетикӣ, ки дар шароити БЧЭТ кор мекунанд, ба хавфҳои пасткунандаи сифати таъминоти энергия, хавфҳои эътимоднокии таъминоти энергия ва хавфҳои иқтисодӣ тасниф кардан мумкин аст (расми 1).

Ҳар як хавфи дар расми 1 нишондодашуда шаклҳои алоҳидаи хавфҳоро дар бар мегирад, ки онҳо ба истифодаи нодурусти энергия ва тавоноиҳо, паст шудани самаранокии энергетикӣ ва хароҷоти иловагии энергетикӣ боис мегарданд. Ҳар як шакли ҷудогонаи ин қабил хавфҳоро, ки дар натиҷаи ба амал омадани ҳодисаҳои берунаву дохилӣ ба вуқӯъ мепайванданд, муфассал дида мебароем.

1. **Хавфҳои эътимоднокии таъминоти энергия**

Хавфҳои эътимоднокии таъминоти энергия аз гурӯҳи хавфҳое иборат мебошанд, ки фаросии ҳодисаи табиати беруна ва дохилидошта боиси маҳдудияти таъминоти энергия гардида, хароҷоти барзиёди энергетикӣ (дар ифодаи арзишӣ)-ро ба вуҷуд меоранд ва ба чунин тарз тавсиф дода мешаванд.

Ба хавфҳои эътимоднокии таъминоти энергия ҳодисаҳои табиати берунӣ ва дохилидоштае мансубанд, ки боиси қатъ гардидан ва ё маҳдуд шудани интиқоли энергияи

электрикӣ ва тавонии таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ (то ба сатҳи талаботи пешбинишудаи технологӣ) ба корхона мегарданд, ки онро ба се қисм ҷуо намудан мумкин аст[4,233]:

- **Хавфу хатарҳои садамавӣ** - садама дар шабакаҳои тақсимотии корхона шакли хавфи дохилии талафоти молиявии корхонаи энергетикӣ, садама (пастшавии имкониятҳои техникӣ) дар дастгоҳҳои тақсимотӣ ва дар зеристгоҳҳои трансформаторӣ корхона ва садамаи таҷҳизоти қабулкунандаи энергия ба вуҷуд меояд.




**Таҳияи муаллиф**

- ***Хавфи қатъ шудани таъмини нерӯи барқ*** – дар ҳолатҳои вайроншавии тартиб ва қоидаи пардохт барои намудҳои энергия дар бозори фуруши он, саривақт пардохт

нашудани маблағи қувви барқ, вайроншавии қоидаи харидуфурӯш барои пешниҳоди қувваи барқ,қарздорӣ барои қувваи барқ, рух медиҳад.

- **Хавфи маҳдудияти берунаи таъминоти қувваи барқ** –ин ҳолати садамавии техногенӣ дар ноҳияи энергетикӣ (садама дар хатҳои интиқол, дар ДТ ва ЗТ, ғайриимкон гаштани интиқоли тавоноиҳо аз ноҳияҳои ҳамсоя) (қисман ва ё пурра қатъ гардидани интиқоли энергияи электр ва тавоноиҳо), расиши кӯтоҳ дар хатҳои интиқол ва тақсимотии ноҳияи энергетикӣ (дар ноҳияи ҷойгиршвӣ ва таъминоти корхона), ки боиси муваққатан паст шудани интиқоли энергияи электр ва тавоноиҳо ва ё қатъи пурраи он мегардад, ба вуҷуд омадани вазъияти садамавӣ дар шабакаҳои тақсимотии ноҳияи энергетикӣ, ки дар натиҷаи он ҳолати форсмажорӣ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он интиқоли энергияи электр ва тавоноиҳо қатъ мегардада.

2. **Хавфу хатарии сифати таъминот дар корхонаҳои энергетикӣ – ин х**авфҳои сифати таъминоти энергетикӣ,гурӯҳи хавфҳое мебошад, ки фарорасии ҳодисаҳои хусусияти дохилӣ ва берунидоштаро тавсиф менамояд, ки онҳо аз сабаби кори нодурусти таҷҳизот боиси талафоти моддӣ мегарданд, ки он аз чуин қисм иборат мебошад[6,64]:

- Хатари номувофиқати таҷҳизоти қабулкунандаи барқ - ин **х**авфи майлкунии нишондиҳандаҳои сифатии энергияи электрикӣ ки аз тарафи таъминкунандагон пешниҳод мешавад сар задани онҳо ба омилҳои зерин алоқаманд мебошад:

➢ майлкунӣ дар сифати коркарди энергияи электрикӣ ва тавоноиҳо дар истеҳсолкунандаҳои минтақавӣ;

➢ садамаҳои техногенӣ, аз кор баромадани таҷҳизоти таҷҳизоти истеҳсолкунанда ва бадшавии сифати нақли энергияи электрикӣ ва таоноиҳо дар шабакаҳои тақсимотии ноҳияи энергетикие, ки дар он корхона ҷой гирифтааст;

➢ садама, аз кор баромадани таҷҳизоти истеҳсолкунанда ва бадшавии сифати нақли энергияи электрикӣ ва тавоноиҳо дар шабакаҳои тақсимотии ноҳияи энергетикие, ки дар он корхона ҷой гирифтааст, дар натиҷаи ҳолатҳои форсмажории бартарафнашаванда ба амал омадаанд

➢ хӯрдашавии таҷҳизоти энергетикӣ;

➢ ҳасосияти электроникаи муосир ва таҷҳизот нисбат ба пасту баландшавии шиддат ва зудии ҷараёни электрикӣ;

➢ мавҷуд набудани таъмирҳои нақшавии пешгирикунандаи шабакаҳои тақсимотӣ, корхонаҳои энергетикӣ.

3. **Хавфу хатарҳои иқтисодӣ дар корхонаҳои энергетикӣ** -хавфҳои иқтисодӣ – гурӯҳи хавфҳое мебошанд, ки фарорасии ҳодисаҳои табиати дохилӣ ва берунидоштаеро тавсиф менамоянд, ки боиси хароҷоти иловагии энергетикӣ (бо ифодаи пулӣ) мегарданд, ки он ба қисматҳои зерин тақсим меаванд:

- **Хавфи сарфи иловагии хароҷоти энергетикӣ барои як 1 Квт соат-** ин дар натиҷаи аз меъёрҳои нақшавии дар зинаи бизнес-банақшагирӣ майлкунии истеъмоли энергия барои як воҳиди маҳсулот, ки бо воҳиди пулӣ ифода ёфтааст, ба амал меояд, номувофиқатии пайвасткунӣ (чудокунӣ)-и таҷҳизоти энергияистифодабаранда,бо мақсадҳои ғайриистеҳсолӣ ва ҳатто дуздӣ барои зарурати худӣ (шахсӣ) истифода шудани энергия, риоя нашудани реҷаи кори таҷҳизот (истеъмолкунандагони сех) дар натиҷаи аз равандҳои технологии истеҳсолӣ майлкунӣ ,аз нақша зиёд шудани нарх дар бозори фуруши барқ, пешгӯии ноаниқи нарх дар зинаи банақшагирии хароҷоти энергетикӣ ва нишондиҳандаҳои ба меъёрдарории сарфи хоси энергия барои як воҳиди маҳсулот, афзоиши нуқсони (браки) истеҳсолот, ки ба зиёдшавии вазни хоси истеъмоли энергияи электрикӣ ва тавоноиҳои барои як воҳиди маҳсулоти коршоям сарфшаванда боис мегардад

- **Хавфу хатари паставии фурӯши нерӯи барқ -** Афзоиши арзиши аслии маҳсулот ва вазни хоси хароҷоти барои 1 Квт, соат, Зиёд шудани таъсири хароҷоти энергетикӣ, иҷро нагардидани регламенти интихоби таъминкунандагони аз рӯи меъёри самаранокии энергетикии истеҳсолот ва ғайраҳо;

- **Хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ -** камавии фоиданокии лоиҳаҳо, маҳдудияти ҷараёни воридшавии пул ба лоиҳа, зиёд шудани муҳлатҳои хароҷотбарории лоиҳа,дар зинаи банақшагирӣ дар ҳисобу китоби иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ роҳ додан ба саҳву хато,нодуруст пешгӯишавии истеъмоли қувваи барқ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ категорияи муҳимтарини молиявию иқтисодӣ мебошад, ки равандҳои муосири рушди самаранок ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро муайян менамояд. Омӯзиши хавфҳои сармоягузорӣ ва таснифоти он дар корхонаҳои энергетикӣ мустақиман ба вазифаҳои амалии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст[1,133]. Аҳамияти ин масъалаҳо аз ҳисоби тағир ёфтани асосҳои консептуалии пешбурди тиҷорати молиявӣ дар шароити вобастагии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, тағир додани бозор, тақвият ва тавсеаи соҳаҳои худӣ, бозори дохилӣ ва инфрасохтори он афзоиш меёбад. Ҳамин тариқ, хавфҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби вобастагии иқтисодиёт, ноустувории қурби асъори миллӣ меафзоянд ва системаи идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар як қатор соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷумла корхонаҳои энергетикӣ тамоман ташаккул наёфтааст ё дар давраи аввали рушди худ қарор дорад. Қисми ҷудонашавандаи ин система идоракунии хавфи сармоягузорӣ ва таснифоти хавфу хатари сармоягузорӣ мебошад, он бевосита аз рӯи категорияҳои асосӣ, ба монанди сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Бақоев Ш.С.Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ //дисс. барои дарёфти дараҷаи илмӣ. Бохтар, 2020. С.133.
**2.** Мирсаидов А.Б., Саидмуродов Ш.М. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) 9// Журнал «Кишоварз» (Земледелец) Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 2014г. №3 (63). С. 40-42.
3. Мятишкин Г.В. Внедрение системы управления энергозатратами на промышленных предприятиях // Самарский научный центр РАН, Известия Самарского научного центра РАН, Специальный выпуск “Технологии управления организацией. Качество продукции и услуг”. 2008. Выпуск 8. С. 77.
4. Леонтьев В.Е., Ахтямова Г.Д., Кагилев А.В. Механизмы привлечения инвестиций в рамках реформы электроэнергетики России // Вестник Ивановского государственного энергетического университета. 2007. Вып. 1. - с.250.
5. Саидмуродов Ш.М.Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ// дисс. барои дарёфти дараҷаи илмӣ. Душанбе, 2018. С.29.
6. Тарасова Е.В. Инвестиционное проектирование: конспект лекций. - М.: «Издательство «ПРИОР», ИВАКО Аналитик, 1998. - 64с.

УДК 657.1

Розиев Д.А.

## ХУСУСИЯТҲОИ ИСТЕҲСОЛОТИ БОФАНДАГӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ

Имрӯз масъалаи ташкили дурусти низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳо аҳамияти муҳим пайдо намудааст. Аз дурустии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо бо баҳисобгирии хусусиятҳои технологияи истеҳсолӣ дар ниҳоят бунёдшавии нишондиҳандаҳои васфкунандаи натиҷаҳои молиявӣ ва самараонкии фаъолияти корхона вобаста мебошад.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъсири хусусиятҳои технологии истеҳсолоти бофандагӣ ба методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирии идоракунии ҳаракат ва истифодабарии ашёи хом дар раванди истеҳсоли газвор дар корхонаи мушаххас таҳқиқ шудаанд. Раванди тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои ҳисоботии асосии дар баҳисобгирии идоракунии корхонаи мазкур бунёдшаванда таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми идоракунии корхона, масрафҳои истеҳсолӣ, идоракунии масрафҳо, таҳлили масрафҳо, хусусиятҳои технологии истеҳсолот, арзиши аслӣ, талафоти истеҳсолӣ, ҳисоботи арзишҳисобкунӣ.

Розиев Д.А.

## ОСОБЕННОСТИ ТЕКСТИЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ОРГАНИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА

Сегодня особое значение приобретают вопросы правильной организации системы управленческого учета и анализа затрат на предприятиях. От правильности организации управленческого учета и анализа затрат с учетом особенностей технологии производства в конечном итоге, зависит формирование болӣшинства показателей, характеризующих финансовые результаты и эфективность деятельности предприятия.

В данной данной статье рассмативаются вопросы влияния особенностей технологии текстильного производства на методику организации управленческого учета и анализа затрат.

Изучены особенности управленческого учета движения и использования сырья в процессе изготовления ткани на конкретном предприятии. Анализирован процесс составления основных отчетных форм, формируемых в управленческом учете данного предприятия.

**Ключевые слова:** система управления предприятием, производственные затраты, управление затратами, анализ затрат, особенности технологии производства, себестоимость, производственные потери, калькуляционный отчет.

Roziev D.A.

## FEATURES OF TEXTILE PRODUCTION AND THEIR INFLUENCE ON THE METHODOLOGY OF MANAGEMENT ACCOUNTING

Today, the issues of the correct organization of the management accounting system and cost analysis at enterprises are of particular importance. Ultimately, the formation of the majority of

indicators characterizing the financial results and efficiency of the enterprise depends on the correct organization of management accounting and cost analysis, taking into account the peculiarities of production technology.

This article examines the influence of the peculiarities of the technology of textile production on the methodology for organizing management accounting and cost analysis.

The features of management accounting for the movement and use of raw materials in the process of fabrication at a particular enterprise have been studied. The process of drawing up the main reporting forms formed in the management accounting of a given enterprise is analyzed.

**Key words:** enterprise management system, production costs, cost management, cost analysis, peculiarities of production technology, cost price, production losses, calculation report.

Бухрони молиявӣ тарзҳои муомилаи методиро ба равандҳои идоракунии корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муҳим дигаргун намуд. Ҳалли масъалаҳои фурӯши маҳсулот, идоракунии фаъолияти зараровар, таъмини фоидаи устувор зарурати корбурди идоракунии зиддибуҳронии молиявиро ба миён оварданд, ки ин кор дар корхонаҳо метавонад танҳо тавассути идоракунии масрафҳо ба даст ояд. Бешубҳа, асоси фаъолияти бомуваффақонаи корхонаҳои бофандагии муосир ин идоракунии босамараи масрафҳо мебошад.

Корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд кӯшиш намоянд, ки захираи устувории молиявии худро бо роҳи нигоҳ доштани андозаҳои муносиби масрафҳои истеҳсолӣ таъмин намоянд, то таъсири паёмадҳои буҳронро ба қадре бошад ҳам бартараф намоянд. Ин масъала танҳо дар шароити мукаммалгардонии низоми идоракунии корхона, ки яке аз самтҳои ҷадиди он густариши имконоти баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳои истеҳсолӣ мебошад, ҳалли худро ёфта метавонад. Дар ин маврид роҳандозӣ намудани методикаи мукаммали ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо шарти муҳимтарини ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхона мебошад.

Ҳоло самти таҳқиқи хусусиятҳои технологии истеҳсолот, таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо на танҳо дар соҳаи истеҳсолоти бофандагӣ, балки дар ягон соҳаи саноат дар адабиёти илмии ватанӣ ба таҳқиқи зарурӣ фаро гирифта нашудааст. Дар интишороти мавҷудбуда танҳо ҷиҳатҳои умумии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо баррасӣ гардидаанд.

Боиси таассуф аст, ки дар амалияи муосири ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷии идоракунӣ амалҳои баҳисобгирии идоракуниро ба хусусиятҳои технологияи истеҳсоли маҳсулот кам алоқаманд менамоянд. Тарзҳои муомилаи ҳамамақбул ба ташкили баҳисобгирии истеҳсолот татбиқ шудаанд, вале онҳо бештар ба ҳисобкунии арзиши истеҳсолии ниҳойии маҳсулот новобаста аз аломатҳои дигар нигаронида шудаанд. Қонеъ нашудан ба чунин тарзҳои муомила аллакай дар амалияи ватании идоракунӣ дар асри пешин, он замоне ки “дар амалия ба дақиқии ҳисобкунии арзиши аслӣ камтар диққат медоданд, бештар тақсимкунии миёнакардашудаи масрафҳоро дар байни маҳсулоти алоҳида ба кор мебурданд” [1, с. 65], ба миён омада буд.

Дар шароити муосир дарк кардани масъалаи ташкили дурусти низоми баҳисобгии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо аҳамияти муҳимро касб намудааст. Аз дурустии гузориши масъала дар корхонаҳои истеҳсолӣ бо баҳисобгирии хусусиятҳои соҳавии истеҳсолот дар ниҳоят бунёдгардии нишондиҳандаҳои иқтисодии зиёди корхона вобаста мебошанд, ки ба зумраи онҳо нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ, фоида ва даромаднокӣ дохил мешаванд. Дар умум аз он ки низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона ба чӣ андоза муносиб сохта шудааст ва ба чӣ андоза вай фаъолияти хоҷагидории корхонаро воқеъбинона инъикос мекунад, раванди самаранокии идоракунии корхона вобаста аст.

Соҳибкории рақибона дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва хоса дар корхонаҳои соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав рағбатро ба амалҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки имкони ҳарчӣ наздик шудан ба нархбунёдкунии воқеъбинона, бунёди

хулосаҳо оид ба фоиданокии маҳсулотро ба миён меоранд, эҳё намуд. Дар натиҷа дар таҳқиқотҳои илмӣ як қатор тарзҳои муомила ба бунёди арзиши аслии маҳсулот ҷудо гардиданд, ки боис ба маҳакҳои нави ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо шуданд:

1. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз пуррагии моддаҳои масрафҳо ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслии объектҳои баҳисобгирӣ вобаста мебошад, ки имкон медиҳад, то арзиши аслии пурра ва касркардашуда бунёд карда шавад [2, 84].

2. Ҳангоми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо майл кунонидан ба фаврияти бунёдгардии арзиши аслӣ метавон тариқаи меъёрӣ ё воқеии арзиши аслиро истифода бурд [3, с. 128].

3. Вобаста аз шаклҳои алоқамандии байниҳамдигарии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ яке аз тариқаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ нисбат ба арзиши аслӣ – муттаҳидгардида ё мухтор имкон дорад [4, с. 70].

4. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ вобаста аз технологияи истеҳсоли маҳсулот интихоби яке аз усулҳои имконии ҳисобкунии арзиши аслиро пешбинӣ менамояд, чун: фармоишӣ, марҳилавӣ ё равандӣ, ки ҳамчунин ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона таъсир мерасонад [5, с. 158].

Ҳангоми амсилабандии дастаи қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ин самт пешниҳодҳо оид ба истифодабарии объектҳои гуногуни баҳисобгирӣ барои ҳисобкунии арзиши аслӣ, ки бештар натиҷаи ниҳойиро дар ин ё он технологияи истеҳсолӣ тавсиф медиҳанд ва камтар ба натиҷаҳои мобайнии истеҳсолот нигаронида шудаанд, маъмул мебошанд. Масалан, дар шароити истеҳсоли инфиродӣ объекти баҳисобгирӣ дар намуди фармоиш, ки дар он паиҳам арзиши аслии ниҳойии объекти истеҳсолот ҷамъ карда мешавад, маъмул аст.

Дар шароити истеҳсолоти оммавии маҳсулоти яксон, ки дар технологияи конвейерӣ тайёр карда мешавад, инчунин объектҳои баҳисобгирии истеҳсолот дар намуди равандҳо, ки имрӯз чун объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ эълон гардидаанд, маъмул мебошанд. Соҳаҳои саноати коркард, чун бофандагӣ, ки он ҷо хомаҳо ҳам барои истифода дар худи корхона ва ҳам барои фурӯш (масалан, калобаи ришта, нахи абрешим, матои пахтаи тоза) истеҳсол карда мешаванд, ба корбурди марҳилаҳои истеҳсолӣ дар намуди объектҳои баҳисобгирии истеҳсолот нигаронида шудаанд.

Аммо объектҳои номбаршудаи баҳисобгирӣ ба мо аз замони банақшагирии марказонидашуда маълум мебошанд ва ҳоло дар баҳисобгирӣ тамаркузи онҳо ба назар намерасад, ки ин вазъро масъалаҳои муосири идоракунии масрафҳо ба миён овардаанд. Ҳама ин бо мукаммалгардонии доимии технологияи менеҷмент алоқаманд аст, ки ҳам ба муттаҳидкунии як қисми равандҳо ва ҷудогардии равандҳои дигар, ҳам ба пайдошавии технологияи нави тақсимкунии хароҷоти идоракунӣ меоварад ва ҳар ду ин унсур дорои хусусиятҳои идоракунӣ дар муҳосиботи истеҳсолӣ мебошанд.

Қоидаи калидии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо интихоби объектҳои баҳисобгирии бонизом, инчунин интихоби усули бо он алоқаманди ҳисобкунии арзиши аслии объектҳои номбаршуда мебошад. Ҳар чӣ қадаре, ки дастаи объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ муфассал бошад, ҳамон қадар “арзиши аслии” ахбор барои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории дар “амсилаи ҳамсонкардашудаи баҳисобгирӣ-ахбории дар асоси бонизомӣ амалкунанда” босифаттар мебошад [6, с. 98].

Мо саъй мекунем, ки хусусиятҳои технологии ба исетҳсоли маҳсулоти бофандагӣ хоси ташкили баҳисобгирии истеҳсолотро равшан кунем. Ба ин хотир, маълумоти лозимиро аз раванди фаъолияти хоҷагидории ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии насоҷии тоҷик” истифода мебарем.

Пеш аз он ки ба кушода додани масъалаи мазкур шуруъ кунем, равандҳои асосии истеҳсолии дар корхонаи мазкур баҷоовардашавандаро тавсиф медиҳем. Раванди истеҳсолии аввалӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ин корхона истеҳсолоти ресандагӣ мебошад.

Ресандагӣ марҳилаи аввалии раванди технологии коркарди нахи пахта ва ба матои пахтагӣ ё матои пахтагии бо дигар намудҳои нах омехташуда табдил додани он мебошад. Маҳсулоти ниҳойии раванди истеҳсолоти ресандагӣ ришта мебошад. Ришта ин ресмоне мебошад, ки аз наххҳои калобабасташуда ё ширешкардашуда таркиб ёфтааст.

Ду намуди низомҳои ресмони дар истеҳсолоти ресандагӣ таҳияшаванда мавҷуд аст. Яке аз онҳо, ки қад-қади бари газвор ба таври амудӣ мегузарад, асосӣ ном дошта, дигараш, ки дар тарафи кундалангии газвор ҷойгир аст – риштаи уфуқӣ (ба истилоҳ уток) ном дорад. Умуман раванди технологии истеҳсолоти бофандагӣ чунин марҳилаҳои (шуъбаҳои) коркарди ашёи хом ва ба газвор табдил додани онро дар бар мегирад: омодакунии ашёи хом – омодасозӣ; омехтасозӣ ва молиш (маҳинсозӣ) – омехтасозӣ; гирифтани газвор – ҳамвора, бофандагӣ.

Масрафҳои асосӣ ва омилҳои ба ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ таъсиррасонанда инҳо мебошанд:

- ашёи хом ва мавод, нарх ва сифати онҳо, чунки сатҳи маводғунҷоиши истеҳсолоти бофандагӣ ниҳоят баланд аст, бино бар ин, дар корхонаи саноати бофандагӣ – онҳо масрафҳои мустақим ва тағйирёбанда мебошанд;
- сарватҳои меҳнатӣ, дараҷаи касбият ва самаранокии истифодаи онҳо;
- бино ва иншоот, мусоидии ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо нисбат ба манбаъҳои ашёи хом ва харидорони маҳсулоти тайёр, инчунин сатҳи омодагӣ ба корҳои истеҳсолӣ;
- таҷҳизот, иқтидори таъмин намудани коркарди босамараи ашёи хом ва мавод, ҷиҳозонӣ ва азнавҷиҳозонии техникии ҳамешагӣ ва мукаммалгардонии раванди технологӣ, инчунин бунёд намудан ва истифодаи технологияҳои нави истеҳсоли маҳсулот.

Акнун хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирии идоракунии (истеҳсолии) ҳаракат ва истифодабарии мавод (ашёи хом)-ро дар раванди истеҳсоли газвор дар ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии насоҷии тоҷик” таҳқиқ мекунем.

Асоси баҳисобгирии идоракунии истеҳсоли газворро дар корхонаи мазкур ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом ва ҳисоботи “Баромади ришта аз омехта” ташкил медиҳанд. Вобаста аз ин мақбул аст, ки тамоми корҳои таҳлилии дар истеҳсолоти мазкур бурдашаванда бо мақсади таҳқиқот шартан ба ду марҳила ҷудо карда шаванд:

1. Омодасозӣ ва тартибдиҳии ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом.
2. Тартиб додани ҳисоботи “Баромади ришта аз омехта”.

Таъиноти асосии ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом ин муайян кардани миқдори ашёи хоми коркардшудаи ба шуъбаи омехтакунӣ додашуда ва назорати ҳифзи он мебошад.

Дарҳол бояд аниқ кард, ки баҳисобгирии ашёи хом (пахта) дар саноати бофандагӣ бо ду вазн ба ҷо оварда мешавад: аслӣ ва кондитсияшуда. Ин аз сабабест, ки ҳама гуна нах (ришта), аз ҷумла нахи пахта дорои хосияти дигар кардани вазн вобаста аз шароити атмосфера мебошад. Зимнан вазни кондитсияшуда гуфта он вазнеро меноманд, ки вобаста аз фоизи намнокии кондитсияшаванда муайян карда шудааст. Нишондиҳандаи “вазни кондитсияшуда” асоси баҳисобгирии арзиширо дар соҳаи саноати бофандагӣ ташкил медиҳад.

Умуман арзиши аслии ашёи хоми коркардшудаи ба шуъбаи омехтакунӣ додашуда дар ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии насоҷии тоҷик” ин тавр ҳисоб карда мешавад: ба арзиши бақияҳои ашёи хом дар аввали моҳ арзиши ашёи хоми дар давоми моҳ ба шуъбаи омодасозии коргоҳ воридшуда зам карда мешавад ва арзиши ашёи хоми ба анбор баргардонидашуда, партовҳои истеҳсолот ва арзиши ашёи хоми дар охири моҳ боқимонда тарҳ карда мешавад.

Бақияҳои ашёи хоми дар истеҳсолоти нотамом қарордошта дар охири моҳ дар асоси маълумоти барӯйхатгирии дар шуъбаи омодакунӣ дар аввали ҳар моҳ баҷоовардашуда муайян карда мешаванд.

Лаҳзаи нисбатан мароқовар ҳангоми тартибдиҳии ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом ин муайян кардани бузургии талафоти истеҳсолӣ (ғуборҳои бебозгашт) мебошад. Пеш аз он ки ба методикаи ҳисобкунии бузургии мазкур гузарем, ба пиндори мо мақбул аст, ки умуман партовҳои истеҳсолии коргоҳи бофандагиро баррасӣ кунем. Партовҳои коргоҳи бофандагӣ ҳиссаи ашёи хом мебошанд, ки дар истеҳсоли маҳсулот иштирок накарда ва қисман ба таркиби маҳсулот нагузаштаанд.

Дар коргоҳи мазкур партовҳои истеҳсолӣ ба партовҳои намудор ва ноаён ҷудо карда мешаванд. Партовҳои ноаён (ғубор) он ҳиссаи вазни ашёи хом мебошанд, ки қисман дар намуди намӣ бухор шудаанд. Дар навбати худ партовҳои намудор ба партовҳои баргарданда ва бебозгашт ҷудо мешаванд. Ба партовҳои баргарданда дар коргоҳи бофандагӣ рехтаҳои ҳамвора (матоъ), нӯгҳои сахт, шонарезаҳо, тибитҳо, хокрӯбаҳо мансуб мебошанд. Дар шуъбаи омодасозӣ партовҳои баргарднада хокрӯбаҳои аз таги мошинаҳои риштатозакунӣ рехташуда мебошанд. Партовҳои истеҳсолии дар шуъбаи омодасозӣ гирифташуда ва дар давоми моҳ дар асоси борхат-дархостҳо ба анбор супоридашуда дар ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом инъикос карда мешаванд.

Дар раванди тартибдиҳии ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом дар коргоҳи бофандагӣ муайян кардани бузургии ғуборҳои бебозгашт – талафоти ашёи хом лаҳзаи муҳим мебошад. Талафоти истеҳсолӣ дар соҳаи ашёи хоми коргоҳи бофандагӣ бо чунин формула муайн карда мешавад:

$$Т = (Б_{ав} + В) - (А + Б + П_и + Б_{ох}), \qquad (1)$$

дар ин ҷо: Т – талафот (ғуборҳои бебозгашт);

$Б_{ав}$ – бақияи ашёи хом дар аввали моҳи ҳисоботӣ;

В – воридшавии ашё аз анбор ба истеҳсолот;

А – ашёи хоми ба анбор супоридашуда;

Б – ашёи хоми коркардашудаи ба шуъбаи омехтакунӣ додашуда;

$П_и$ – партовҳои истеҳсолӣ;

$Б_{ох}$ – бақияи ашёи хом дар охири моҳи ҳисоботӣ.

Дар баробари ҳисобкунии бузургии ғуборҳои бебозгашт бо ифодаи миқдорӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба хотири назорати истифодабарии сарватҳои моддӣ дар истеҳсолоти бофандагӣ бузургии мазкур бо таносуби фоизӣ низ ҳисоб карда мешавад.

Фоизи воқеии талафот (ғуборҳои бебозгашт) бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\%_{воқ.} = (Т \div В) \times 100, \qquad (2)$$

дар ин ҷо:

$\%_{воқ.}$ – фоизи воқеии талафот (ғуборҳои бебозгашт);

Т – талафот (ғуборҳои бебозгашт);

В – воридшавии ашё аз анбор ба истеҳсолот.

Муқоиса кардани фоизи воқеии бадастомадаи талафот бо бузургии пешбинишудаи он имкон медиҳад, ки дар бораи натиҷаҳои коркарди босамара ё бесамараи ашёи хом дар шуъбаи омодасозии коргоҳи бофандагӣ дар давраи ҳисоботӣ, инчунин доир ба сарфаи начандони ашёи хом аз ҳисоби беҳгардонии реҷаи технологии коркарди ашёи хом хулоса бароварда шавад.

Маълумоти ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом дар шуъбаи омодасозӣ минбаъд барои тартиб додани ҳисоботи арзишҳисобкунии маҳсулоти коргоҳи бофандагӣ ба кор бурда мешавад.

Марҳилаи дуюми кори таҳлилӣ дар коргоҳи бофандагӣ ин тартиб додани ҳисоботи "Баромади ришта аз омехта" мебошад. Хусусияти муҳими тартибдиҳии ҳисоботи мазкур ин гузаронидани вазни аслии (воқеии) ришта ба вазни кондитсионӣ мебошад. Бузургии вазни аслии риштаи коркардшуда бо роҳи баркашидани он муайян карда мешавад. Азбаски асоси баҳисобгирии арзишӣ дар соҳаи мазкур нишондиҳандаи вазни кондитсияшуда мебошад, пас мақбулии амалиёти мазкур возеҳ аст. Барои муайян кардани вазни кондитсионӣ бояд намнокии воқеӣ ҳисоб карда шавад. Фоизи воқеии намнокии ришта дар озмоишгоҳи

корхона ҳисоб карда шуда, ба муҳосибот дода мешавад. Гузаронидани вазни аслии ришта ба вазни кондитсионӣ бо чунин формула ба ҷо оварда мешавад:

$$Q_k = Q_в(100 + Н_к) \div (100 + Н_в), \quad (3)$$

дар ин ҷо:

$Q_k$ – вазни кондитсионӣ;

$Q_в$ - вазни воқеӣ;

$Н_к$ - %-и намнокии кондитсионӣ;

$Н_в$ - %-и намнокии воқеӣ.

Лаҳзаи нисбатан мураккаб ва ҳамзамон мароқовар ҳангоми пуркунии ҳисоботи мазкур ин тақсим кардани партовҳои истеҳсолӣ (баргарданда) дар байни артикулҳои риштаҳои истеҳсолшаванда мебошад.

Ҳамин тавр, ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунии истифодабарии ашёи хом дар корхонаи саноати бофандагӣ имкон медиҳад, ки захираҳои камкунии талафоти ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва пасткунии арзиши аслии он ошкор ва сафарбар карда шаванд, ки ин яке аз шартҳои рушди босуръати ҳаҷми истеҳсол мебошад, илова бар ин, имкон медиҳад, ки умуман даромаднокии корхона баланд ва талабот ба воситаҳои гардон паст карда шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Керимов В.Э. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. / 5-е изд., изм. и доп. - М.: Дашков и К, 2009. - 477 с.
2. Бортников А.П. Нормативный учет затрат в промышленности. — М.: Финансы и статистика, 1982. - 64 с.; Николаева С.А. Принципы формирования и калькулирования себестоимости. - М.: Аналитика-Пресс, 1997. - 144 с.
3. Зеленов В.В. Нормативный метод планирования, калькулирования затрат на производство ремонтных работ экономических субъектов // Духовная ситуация времени. Россия XXI век. -2015. - № 2 (5). - С. 41–43; Николаева С.А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система “директ-костинг”. Теория и практика. - М.: Финансы и статистика, 1993. - 128 с.
4. Бодяко А.В. Концептуальная характеристика роли бухгалтерского учета и контроля в иерархии корпоративной системы управления // Сибирская финансовая школа. - 2015. - № 3 (110). - С. 68–74
5. Бодяко А.В. Мониторинг средств внутреннего контроля экономических субъектов // Вестник ИПБ (Вестник профессиональных бухгалтеров). - 2015. - № 6. - С. 3–5; Шашурин Ю.С., Черезов А.В. Себестоимость в оперативном управлении предприятием. - М.: Дека, 2000. - 212 с.
6. Шароватова Е.А. Системное моделирование управленческой деятельности на основе базовых инструментов учета в сфере управления // TERRA ECONOMICUS. - 2011. - № 3. - т. 9, ч. 2. - С. 96-104

УДК 339.1

**Сарабекова И.З., Бахтиёри Раҷабмурод**

## СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ КЛАСТЕРҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур стратегияи идоракунии кластерҳои саноатӣ хӯроквории минтақавӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки кластер ҳамчун ҷанбаи рақобатпазири корхонаҳои истеҳсолӣ бо системаи махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ дар доираи якчанд корхонаҳо чӣ истеҳсолӣ, молиявӣ, хизматрасон ва истеъмолгарону фурушандагон алоқаманд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки кластери санотиро ҳамчун шакли ҳамҷояшавии муосири корхонаҳо, ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳо баррасӣ намуда, қайд намудан мумкин аст, ки ҳамкории иштирокчиён хусусияти шабакавӣ дорад. Ба роҳ мондани чунин алоқаҳо ғункунии ҷуғрофии корхонаҳоро барои кам намудани хароҷотҳои транссаксионӣ талаб менамояд.

Бо таъсиёбии кластерҳои саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад иқтидори истеҳсолии маҳсулотҳои КАС, саноати истеҳсолии хӯрокворӣ, саноати коркардро зиёд намуда, ҷанбаҳои рақобатпазирии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, таъмини талаботи бозори дохилӣ ва содироти маҳсулотҳоро зиёд намояд. Бо назардошти хусусиятҳои ташкили кластерҳои минтақавӣ дар бахши саноати хӯрокворӣ, рушди интенсивии истеҳсолот нақши асосӣ дорад. Махсусан интихоби тахассусӣ дар рушди кластерҳои иқтисоди КАС ва саноати хӯрокворӣ, ки мақсаднокии молистеҳсолкунандагон, ва муҳити тиҷоратиро мустаҳкам мекунад, тақвият дода мешавад.

**Калидвожа:** стратегияи идоракунии кластер, кластерҳои саноатӣ, саноати хӯрокворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, кластери минтақавӣ, мутаҳидшавии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, принсипҳои ташаккулдиҳии кластер, корхонаҳои сстеҳсолии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, механизми идоракунии кластер, сиёсати кластерӣ, ҷанбаҳои кластерӣ.

**Сарабекова И.З., Бахтиёри Раджабмурод**

## СТРАТЕГИЯ УПРАВЛЕНИЯ ПИШЕВЫХ ПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье изучается стратегия управления регионального пищевого кластера. Необходимо отметить, что кластер как аспект конкурентоспособности производственных предприятий с специализированным производством в рамках нескольких предприятий связанных с производством, финансами, услугами, потребителями и продовецы .

Нужно отметить,что в статье изучается промышленный кластер как форма современных интегарицонных предприятий ,организаций на уровне регионов,а партнёрство участников имеет сетевой характер.

С созданием промышленных кластеров в РТ может увеличится производственный потенциал товаров АПК,пищевой промышленности, перерабатывающей отрасли,аспектов республиканской,региональной конкурентоспособности,обеспечение потребностей внутренного рынка и экспорт товаров.С усмотрением организации региональных кластеров особенно в пищевой отрасли интенсивный рост производства может увеличится.Особенно квалифицированный выбор в развитии экономических кластеров в АПК и пищевой отрасли может увеличить целесообразность товаропроизводителей и коммерческой среды.

**Ключевые слова:** стратегия управления кластерами, промышленный кластер, пищевая промышленность, продовольственная продукция, региональний кластер, объединение производства пищевой продукции, принципы формирования кластера, предприятия производымые селскохозяйственную продукцию, механизмы управления кластерами, кластерная политика, кластерные аспекты.

**Sarabekova I.Z., Bakhtiyori Rajabmurod**

**MANAGEMENT STRATEGY OF TISHING INDUSTRIAL CLUSTERS IN REPUBLIC OF TATARSTAN**

This article explores the management strategy of a regional food cluster. It should be noted that the cluster as an aspect of the competitiveness of manufacturing enterprises with specialized production within the framework of several enterprises related to production, finance, services, consumers and sellers.

It should be noted that the article examines the industrial cluster as a form of modern integration enterprises, organizations at the regional level, and the partnership of the participants is networked.

With the creation of industrial clusters in the Republic of Tatarstan, the production potential of agricultural products, food industry, processing industry, aspects of republican and regional competitiveness, meeting the needs of the domestic market and export of goods can increase. With the discretion of organizing regional clusters, especially in the food industry, intensive production growth can increase. Especially qualified the choice in the development of economic clusters in the agro-industrial complex and the food industry can increase the feasibility of commodity production Iteli and commercial environment.

**Key words:** cluster management strategy, industrial cluster, food industry, food products, regional cluster, integration of food production, cluster formation principles, agricultural production enterprises, cluster management mechanisms, cluster policy, cluster aspects.

Дар шароити муносибатҳои бозории мукаммалёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо яке аз савлҳои мубрам баҳисоб меравад. Яке аз маҳакҳои муҳими таъмин рақобатпазирӣ ин афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ки ба коркарди қарорҳои самараноки таъминкунандаи инкишофи он дар асоси ҷоринамоии стратегияи инноватсионӣ дар ҳама сатҳи идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб қайд кардан мумкин аст, ки мубориза и рақобатӣ ҳамчун ҷанбаи калидӣ барои ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ ҳисоб меёбад. Аниқ аст, ки назарияе, ки дар он кластрео ташаккул меёбад дар иқтисодиёт пешво мебошад.

Назарияи ташаккулёбии кластерҳо дар корҳои олимони зиёд аз қабили А. Вебер, Ҷ. Шумпетер, С. Розенфелд, М. Портер ва дигарон дарҷ ёфтааст.

М. Портер ҷараёни ташаккулёбии кластерҳоро дар назарияи афзалиятҳои рақобатӣ дарҷ намуда ба хулоса омад, ки онҳо тамоюлро ба ҳамгироӣ ва иқтисодиёти ҷамъиятро инъикос намуда, барномаи нави менеҷмент ва нақши нав барои ҳукумат ба ҳисоб меравад [7, 3].

Кластерҳои саноатӣ-ин маҷмӯи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки дар соҳаи саноат кору фаъолият мекунанд, ки бо якдигар дар соҳаи муайян ҳамбастагӣ дошта, аз рӯи нишонаҳои ҷуғурофи бо якдигар наздик мебошанд [3, 2].

Аз рӯи андешаи Федорова В.К., механизми ташкилии фаъолияти кластер бояд вазифаҳои зеринро ҳал намояд: [1, 2]

- интихоби намуди ташкили идоракунии истеҳсолии кластер;
- интихоб ва ташаккули сохтори кластер, системаи ташкилии идоракунии он;

- муайяннамоии робита ва алоқа байни унсурҳои сохтории кластер ва ҳамбастагии онҳо;
- муайяннамоии фуксияи ҳар як унсури сохтории кластер, ки барои ташкил ва дастгирии фаъолияти муътадили корхонаҳои иштироккунандаи занҷираи кластери зарур мебошад;
- тақсимкунии функсияҳои асосии идоракуни байни зерсохторҳои кластер ва ҳайати кормандони чараёни идоракунӣ;
- таъмини зарурияти ҳамоҳангӣ ва розигии фаъолияти зерсохторҳои кластер;
- интихоб, ва ҷобачокунии ҳайати кормандон;
- Назорат ва баҳодиҳии сифат самаранкии фаъолияти зрсохторҳои идоракунии чараёни ташаккули кластер;
- ташаккули механизми ҳамбастагӣ байни дигар созмонҳо.

Бояд қайд кард, ки стратегияи ташаккулдиҳии кластерҳои саноатӣ нақши муҳимро дар рушди истеҳсолоти ватанӣ ва таъмини ҷанбаҳои рақобатпазирӣ он дар бозори байналхалқӣ мебозад. Кластерҳои саноатӣ бо барномаи истеҳсолӣ, логистикаи маҳсулот, нархгузорӣ, фурӯш, коммуникатсия ва ба истеъмолгари охирон рафта расидани маҳсулотҳо такя мекунад, ки дар натиҷа гурӯҳи мақсадноки истеъмолгарон аз баҳодиҳии дараҷаи сифатии молу хизматрасонӣ огоҳ мешаванд.

Аз ин рӯ масъалаҳои ҳалталаби идоракунии фаъолияти кластерии корхонаҳо дар занҷираи ҳамбасатгӣ вобаста аз самти мураккабшавии вазъияти бозорӣ шумораашон меафзояд ва талабот нисбати таъсиррасониашон ҷиддӣ мегардад.

Дар атрофи идоракунии кластер ва таъмини натиҷаҳои самараноки тиҷоратӣ то ба имрӯз корҳо ва амалиётҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аммо но вобаста аз кӯшишҳои кардашуда мушкилотҳои иқтисодиву истеҳсолии ширкатҳои кластерӣ дар ҳар як марҳилаи амалисозии амалиётҳои тиҷоративу истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд.

Рушди кластеҳо- ин равиши муосир оид ба рушди саноат ва соҳаи хизматрасониҳо дар иқтисодиёти глобалӣ ба воситаи минтақаҳои алоҳида мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳое, ки дар доираи муттаҳидии ягонагӣ ё кластерӣ ҷой доранд иқтидори зиёди тағирпазирии иқтисодӣ ва истеҳсолиро дар бозори дохилӣ ва берунӣ пешво дар таъмини рақобатпазирии масулотҳо ва бозоргирии маҳсулотҳоро дар муддати кӯтоҳ таъмин карада метавонанд.

Дар амалияи идоракунии фаъолияти кластеҳои саноатӣ асосан ду намуди стратегияи ҷудо карада мешавад:

- тратегия барои баландбардорӣ истифодабарии донишҳо дар кластерҳои мавҷудбуда.
- стратегия барои сохтани шабакаи нави ҳамкори дар дохили кластерҳо [3, 3].

Дар вобастагии стратегияҳо рушди кластерҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин мебошад:

1. Кластери инфрасохтори-инноватсионӣ, ки дар доираи он сисистемаи кафолатноки истеъмолоти маҳсулотҳо ва истифодаи инфрасохтори алакай мавҷудбуда бо истифодаи принсипҳои навини технологяи истеҳсолот ва коркарди маҳсулотҳо ташаккул меёбад.
2. Кластери инноватсионӣ дар асоси принсипи нави инфрасохтори минтақа ташаккул меёбад, ки то ҳол амали нагаштааст. Дар кластери мазкур баҳисобгирии талаботҳо ба маҳсулотҳои кафолатнок гайриимкон мебошад ва ташаккулёбии ингуна кластерҳо танҳо бо дастгирӣ ва кафолати давлат мумкин мебошад.




Расми 1. Стратегияи рушди кластерҳои саноатӣ

Бо мақсади рушди кластерҳои саноати минтақавӣ системаи амалишавии манбаҳои молиявӣ ва стратегияи рушди минтақа дар асоси кластерҳо коркард шавад, ки аз чунин зерсохтор иборат мебошад, ки дар расми 1 оварда шудааст.

Дар баробари ин бояд кайд кард, ки мохият ва мақсади ташкили консепсияи кластерҳои саноати хӯроквории минтақавӣ ин пеш аз ҳама ташаккул додани механизми истеҳсолӣ, коркард, банду баст ва содироти маҳсулотҳои саноати хӯрокворӣ мебошад.

Раванди идоракунии кластерҳои саноати хӯрокворӣ бо системаи марказонидашудаи мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва шӯрои ҳамоҳангии шабакавии минтақавӣ вобата буда, дарҷаи ташкилии он аз онҳо вобастагӣ дорад.

Дар таҷрибаи хоҷагидорӣ 4-намуди афзалиятҳои рақобатии кластерҳои саноатиро ҷудо мекунанд:

1. ***Камшавии хароҷотҳои истеҳсолии корхонаҳо***. Пеш аз ҳама камшавии хароҷотҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби коркарди қарордодҳои самараноки дарозмӯддат байни корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои соҳаи молиявӣ-қарзӣ, ташкилкунандагони савдо, ташкилотҳои илмӣ ва инноватсионӣ вобаста мебошад. Иҷроиши чунин функсияҳои умумии марказонидашуда, мутаносибии истифодаи технология, системаи хизматрасонӣ, мисол хизматҳои нақлиётӣ дар дараҷаи муйян хароҷотҳоро кам мекунад. Ҷоринамоии системаи умумии иттилоотӣ-таҳлилӣ дар дохили кластер барои тезонидани мубодилаи иттилоотӣ байни иштирокчиён ва инчунин барои истифодаи самараноки захираҳои рушди занҷираи кластер мусоиддат менамояд.

2. ***Имконияти таъмини афзалиятҳои рақобатӣ дар назди рақибон.*** Чорабиниҳо оид ба мутаносибгардонии сифат, нархгузории маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо кластер, ва инчунин пардохтпазирии маснуот, стратегияи дарозмуддати фаъолияти иштирокчиёни

кластер, технологияи истеҳсолӣ, фаъолияти инноватсионӣ, коркарди чорабиниҳои ҳавасмандкунандаи харидорон ва ғайра метавонад дараҷаи рақобатпазириро таъмин кунанд. Дар ин ҳолат диққати махсусро ба коркардҳои инноватсионӣ, ҷоринамои ва ихтирои маҳсулотои нав, сатҳи баланди хизматрасониҳо стратегияи баромадан ба бозори байналхалқӣ ва ғайра равона намоем.

3. ***Васеънамоии нақши ташаккулёбии кластер дар бозори дохила ва беруна.*** Натиҷаи мазкур дар асоси сиёсат ва стратегияи содиротии корхонаҳои иштироккунандаи занҷираи кластерӣ, пурзурнамоии системаи маркетингӣ, баландбардории нуфузи кластер дар сатҳи маҳалӣ ва байналхалқӣ, PR ва реклама асос меёбад.

4. ***Мустаҳкамнамоии шабакаи иштирокчиёни занҷираи кластерӣ.*** Ташкили алоқа дар дохили кластер ва инчунин байни секторҳои алоҳида бо тариқи қарордодҳо бо ташкилотҳои кластерӣ дар минтақа ва хориҷа, рушди алоқаҳои корпорптгивӣ бо шарикони хориҷӣ, рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои рушд асос меёбад.




Расми 2. Тартиби идоракунии кластер

Таҷрибаи хориҷӣ ва татқиқотҳо исбот менамояд, ки идоракунии кластери иқтисодӣ аз тарафи вакили шабакавӣ мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҳол ҳайати мақомот, сохтор ва вазифаҳои вакили шабакавӣ аз вазифаҳои дар назди онҳо истода алоқамандӣ дорад. Ба сифати ҳайати воҳидии вакили шабакавӣ метавонад, яке аз намояндагони иштирокчиёни кластер баромад кунад, ки вазифаҳои монандро иҷро менамоянд. Дар расми 2 тарзи имконпазири таъсиси низоми идоракунии кластер бо иштироки вакили шабакавӣ оварда шудааст.

Низоми идоракунии кластерҳои саноатӣ асосан аз тарафи давлат бо роҳу усулҳои мушаххас ба танзим дароварда мешавад, ки аз тарафи он мақомотҳои дахлдор дар

минтақаҳо бо мақсади назоратӣ ҳамаҷонибаи фаъолияти онҳ датгирӣ ва ҳавасмандсозии иштирокчиён кафолати фаъолияти онҳо равона шудааст.

Ҳукумат бо мақсади идоракунӣ ва батанзимдарории фаъолияти занҷираи кластери саноатӣ стратегия ва барномаи алоҳидаи рушди минтақавии кластерӣ таҳрезӣ шавад ва вакили ҳамоҳангсозанда ва назораткунандаи фолияти кластерӣ дар назди мақомотҳои иҷроия таъсисис дода шавад.

## АДАБИЁТ

1. Бойцов А.С., Костяев А.И. К вопросу о теории кластеров и кластерном подходе // Экономика с.-х. и перераб. предприятий. - 2009.
2. Карпова Д.П. Использование кластерного подхода в управлении региональной экономикой // Региональная экономика и управление: электр. науч. журн. - 2007. - 4.
3. Мигранян А. Теоретические аспекты формирования конкурентоспособных кластеров в странах с переходной экономикой. - М., 2002.
4. Михеев А.А. Развитие кластеров в региональных экономических системах: преимущества, проблемы, пути поддержки // Проблемы современной экономики. -2008. - 3. - С. 355–358.
5. Портер Майкл Э. Конкуренция. - М: Изд. дом «Вильямс», 2005.
7. Цихан Т.В. Кластерная теория экономического развития // Теория и практика управления. - 2003. - 5.
8. Ялов Д.А. Кластерный подход как технология управления региональным экономическим развитием: [Электронный ресурс]. www. subcontract. ru.

**УДК 338.22:004**

**Тӯлиев М.С., Ҷурабоев Ғ.**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАСОИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки атрофи мафҳуми мазкур нуқтаҳои назари гуногуни илмӣ ҷой доранд. Аз нигоҳи муаллиф чунин асоснок карда мешавад, ки иқтисодиёти рақамӣ – ин татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои гуногуни дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар речаи вақтии воқеӣ буда бо истифодаи васеи интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пурра гардида, барои алоқамандии субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз минтақаҳои ҷойгиршавӣ мусоидат менамояд. Муқаррар гардид, ки иқтисодиёти рақамӣ равиши ниҳоят нави илмӣ буда дар сурати пурра амалишавии он иқтисодиёти аз нигоҳи техникӣ пешрафта ба вуҷуд меояд. Инчунин ҳангоми таҳқиқ муайян гардид, ки барои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёти рақамӣ зарурият пеш меояд, ки вобаста ба шароити имрӯза низоми қонунгузорӣ такмил додашуда бо ин восита таъминоти ҳуқуқии субъектҳои иқтисодии ба шакли электронӣ амалунанда кафолат дода шавад. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи васеи маводҳои илмии ба таҳқиқи мавзӯъ бахшидашуда як қатор монеаҳо вобаста ба ҳолати имрӯза муайян карда шудааст, ки бартараф намудани онҳо дар марҳилаи аввали барқарорсозии иқтисодиёти рақамӣ зарур мебошад.

**Вожаҳои калидӣ.** иқтисодиёти рақамӣ, интернет, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, равандҳои тиҷоратӣ, тиҷорати электронӣ, прогресси илмӣ- техникӣ, Саноат 4.0, хизматрасониҳои электронӣ, маҳулоти рақамӣ.

**Тулиев М.С., Джурабоев Г.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье исследованы теоретические аспекты развития цифровой экономики. В процессе исследования выяснилось, что существуют разные научные взгляды на это понятие. По мнению автора, цифровая экономика - это применение цифровых технологий в деятельности различных хозяйств, действующих в народном хозяйстве и государственных структурах, в режиме реального времени, дополненное широким использованием Интернета и информационно-коммуникационных технологий вне зависимости от районов расположения. Было установлено, что цифровая экономика - это совершенно новый научный подход, и, если он будет полностью реализован, он создаст технически продвинутую экономику. Исследование также выявило, что для комплексного развития цифровой экономики необходимо обеспечить правовые гарантии хозяйствующих субъектов, действующих в электронной форме, тем самым совершенствуя законодательную систему. В результате обширного изучения и исследования научных материалов, посвященных изучению данной темы, был выявлен ряд препятствий для сложившейся ситуации, которые необходимо устранить на ранних этапах создания цифровой экономики.

***Ключевые слова:*** цифровая экономика, Интернет, информационно-коммуникационные технологии, бизнес - процесс, электроннная коммерция, научно-технический прогресс, Индустрия 4.0, электронные услуги, цифровые продукты

**Tuliev M.S., Dzuraboev G.**

## THEORETICAL BASIS OF THE PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY

The article examines the theoretical aspects of the development of the digital economy. During the research, it turned out that there are different scientific views on this concept. According to the author, the digital economy is the use of digital technologies in the activities of various economies operating in the national economy and government structures, in real time, supplemented by the widespread use of the Internet and information and communication technologies, regardless of the location. The digital economy has been found to be a completely new scientific approach, and if fully implemented, it will create a technically advanced economy. The study also revealed that for the integrated development of the digital economy, it is necessary to provide legal guarantees for business entities operating in electronic form, thereby improving the legislative system. As a result of extensive study and research of scientific materials devoted to the study of this topic, a number of obstacles to the current situation were identified that need to be eliminated in the early stages of the digital economy recovery.

***Keywords:*** digital economy, Internet, information and communication technologies, business process, e-commerce, scientific and technological progress, Industry 4.0, e-services, digital products

Дар шароити муосир технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ зуд рушд намуда дастгоҳи муҳим, барқарорсозанда, ташкил ва ташаккулдиҳандаи низомҳои гуногуни

соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан омили асосии рақамикунонии иқтисоди миллӣ гардид. Дар натиҷаи истифодаи васеъи навъҳои гуногуни технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳо экосистемаҳои рақамӣ ба вуҷуд омаданд. Хусусияти муҳими ин раванд дар он зоҳир мегардад, ки гузариш ба инқилоби чоруми саноатӣ ва давраи шашуми инкишофи техникӣ ба вуҷуд омад.

Ин гуфтаҳо бори дигар исбот намуданд, ки масоили гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, таҳқиқи ҷанбаъҳои гуногуни он аҳамияти рӯзмарра касб намудааст. Масоили мазкур соли 2018 бори нахуст аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси олӣ мавриди назар карда шуд. Дар паёми минбаъда ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019 бошад, иброз доштанд, ки «мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд». Инчунин барои амалӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ масъалагузорӣ намуданд, ки «Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд» [12].

Мувофиқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2019 «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид. Дар ҳақиқат, яке аз санадҳои муҳиме, ки рушди иқтисодиёти рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Консепсияи мазкур бо такя ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида амалишавии он се марҳила: марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм 2026-2030 ва марҳилаи сеюм 2031-2040-ро фаро мегирад. Мақсади умумии консепсия татбиқи технологияҳои рақамӣ ва табодули экосистемаи рақамӣ, ки гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иқтисодиёти рақамӣ тақозо менамояд, ташкил медиҳад. Консепсияи мазкур дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва имкониятҳои бавуҷудовардаи он амалӣ гардонида мешавад [8].

Боиси қайд аст, ки рушди иқтисодиёт дар доираи тарҳҳои муосири «иқтисоди электронӣ-рақамӣ» зина ба зина ташаккул меёбад. Ин тағйиротҳо дар заминаи татбиқи хизматрасониҳои электронӣ ва моделҳои нави иқтисодӣ ба вуҷуд омада боиси ташаккули бозорҳои нави хизматрасониҳо дар миқёси иқтисоди миллӣ мегардад. Таҳовулоти ба вуқӯъ пайваста имконият медиҳад, ки талаботи ҷомеа тағйир ёфта барномаҳои нави иқтисодӣ тарҳрезӣ карда шавад.

Ба ақидаи мо хизматрасониҳои электронӣ имконият ба вуҷуд овард, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ба таври мусбат рушд намуда рақобати комил барои расидан ба ҷомеаи аз лиҳози иқтисодии пешрафта дар муҳити маҷозӣ рӯйи корояд. Дар ин марҳила боло рафтани мавқеи хизматрасониҳои электронӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи рушди иқтисодиёт дар асри нав мебошад.

Барои баррасии монеаҳои ҷойдошта дар зер чунин ҳадафҳо пеш гузоштааст:

- таҳлили адабиёти илмии ба таҳқиқи мавзӯи мазкур бахшидашуда ва асоснок намудани мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ;
- бо такя ба таҳлили васеи адабиёти ба таҳқиқи мавзӯъ бахшидашуда муқаррар намудани монеаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати ҳалли онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамикунонӣ унсури муҳими иқтисодиёти муосир буда имконият медиҳад, ки рушди муътадили соҳаҳои истеҳсолӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва рақобати комили хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти милли фаъолияткунанда таъмин карда шавад. Аз нигоҳи равишҳои технологӣ хусусияти муҳими дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ-

иҷтимоӣ ба рушди маданияти аҳолӣ, омодагии электронии шаҳрвандон ва тараққиёти технологӣ марбут мебошад.

Таҳқиқи адабиётҳои иқтисодии ба ташаккули соҳа равонагардида дар шароити имрӯза шаҳодат медиҳанд, ки аксар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ (ИМА, кишварҳои Иттиҳоди Авупо, Чин) дар марҳилаи воридшавӣ ба инқилоби чоруми саноатӣ Саноат 4.0 (Industry 4.0) ва давраи шашуми инкишофи техникӣ қарор доранд. Дар ин марҳила таркиби бунёдии рушди соҳаҳоро биотехнология, нанотехнология, фотоника, оптоэлектроника, нерӯи сунъӣ, микромеханика, генияи муҳандисӣ, технологияи квантӣ, технологияи пешрафтаи кайҳонӣ ташкил медиҳад [14].

Таҳлили ҳолати муосир ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки технологияи рақамӣ панҷоҳ соли пеш ба вуҷуд омада, мукаммал ва паҳн гардида, дар шароити имрӯза батадриҷ инқилоби чоруми саноатиро пурра менамояд.

Муҳақиқони соҳа дар раддабандии инқилоби технологӣ ба хулосае омадаанд, ки рушди босуръати иқтисодиёти рақамӣ солҳои 2010 – 2060 – ро фаро хоҳад гирифт. Тамоюли рушди иқтисодиёти рақамӣ ба марҳилаи аввали инқилоби чоруми саноатӣ рост омада тараққиёти шашуми инкишофи техникиро мукаммал мегардонад [4, С. 65-72].

Таҳлили васеи адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки бори аввал ибораи рақамикунонӣ дар таҳқиқоти муҳақиқи америкоӣ Роберт Вакхалове соли 1971 истифода гардидааст. Соли 1994 Дон Тапскот маводи арзишманди илмиеро бо номи иқтисодиёти рақамӣ (digital economy) ба нашр расонид, ки дар он оид ба низоми хоҷагидории маҷозӣ сухан мерафт [14, С. 342]. Муҳақиқи дигари америкоӣ Николас Негропонте бошад, соли 1995 дар таҳқиқоти монографиаш Рақамӣ будан «Being Digital», ба тарҳрезии «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ» диққат дода муайян намудааст, ки ҳаракати (метафора) атомҳо ба битҳо гузариш ба иқтисоди электронӣ-рақамиро ба вуҷуд овард [18, С. 7-8; 13; 89].

Таҳқиқи васеи корҳои илмии ба масоили барқарорсозӣ, ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ бахшидашуда нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза оид ба фаҳмиши мафҳуми мазкур нуқтаи назари гуногуни илмӣ ҷой доранд:

Аз он ҷумла, дар таҳқиқотҳои илмии Гасанов Г.А., Гасанов Т.А. зери мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ «низоми институтсионалии гурӯҳҳо дар иқтисодиёт, ки ба дастовардҳои пешрафта ва пешқадами технологӣ, пеш аз ҳама технологияи иттилоотию коммуникатсионии рақамӣ ва амалишавии самтҳое, ки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятиро афзун гардонида, рушди иқтисодиётро дар баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти аҳоли нигоҳ медоранд», мавриди назар намудаанд [6].

Мирзоахмедов Ф., Сафоев Н. иқтисоди рақамиро «навоварии динамикии иқтисодие меноманд, ки ба татбиқи васеи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ асос ёфта, имконияти боло бурдани самарнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳои ҷудогона ва сифати ҳаёти аҳолиро фаро мегирад» баҳо додаанд [11, С. 182-188].

Муҳаққиқони тоҷик Ашурова Т.А., Бадалов М.Т. дар таҳқиқоти худ муайян намудаанд, ки иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти иқтисодиест, ки дар он омили асосии истеҳсолот маълумоти рақамӣ, коркарди миқдори калони иттилоот ва истифодаи натиҷаҳои таҳлил аст ва дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии навъҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизот, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқоли мол ва хизматрасониро фароҳам орад [2].

Крюкова А.А., Мехаленко Ю.А. муайян намудаанд, ки иқтисодиёти рақамӣ фарогири бахшҳои гуногуни иқтисодӣ ва татбиқи дастовардҳои техникӣ ва шабакаю системаҳои иттилоотӣ мебошанд [10, С. 108-111].

Иқтисодиёти рақамӣ – ин иқтисодиёте мебошад, ки фаъолияти он ба татбиқи технологияҳои компютери - рақамӣ ва тиҷорат тавассути шабакаи интернет, торанкабуди умумиҷаҳонӣ асос ёфтааст, номида мешавад [19].

Иқтисодиёти рақамӣ – ин соҳаи алоҳида набуда, моҳиятан имконият медиҳад, ки моделҳои сифатии тиҷорат, савдо, ҳамлу нақл, истеҳсолот, маориф, тандурустӣ, идоракунии давлатӣ, иртиботи аҳолӣ рӯйи кор омада, шохаи нави рушди давлат, иқтисодиёт ва ҷомеа ба вуҷуд оварда шавад [9, С. 21].

Рақамикунонӣ ин таҳияи маҳсулоти нав дар шакли рақамӣ мебошад. Маллифи мафҳум қайд менамояд, ки намудҳои маҳсулот минбаъд танҳо дар заминаи технологияи рақамӣ ба вуҷуд омада, имконият медиҳад, ки дар рақобат ба таври қатъӣ ҷаҳиши бузурге ба вуҷуд аяд [1, С. 8].

Василев Н.В. дар мақолаи худ таҳти унвони «Иқтисодиёти рақамӣ, консепсия ва ҳақиқатгаройӣ» се унсури ташаккулдиҳандаи иқтисоди рақамиро ҷудо намудааст:

- инфрасохтор, ки ба он навсозии воситаҳо, дастгоҳи таъминоти барномавӣ, телекоммуникатсионӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд;
- амалиёти электронӣ, фарогирандаи равандҳои тиҷорат, амалинамоӣ бо воситаи шабакаи компютерӣ дар чаҳорчубаи ҳамкории мутақобила дар муҳити маҷозӣ байни субъектҳо;
- созмон додани тиҷорати электронӣ, пешниҳоди молу маҳсулот бо воситаи интернет мебошад, ки дар шароити имрӯза яке аз шохаҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ пазируфта шудааст [5, С. 147-151].

Иқтисодиёти рақамӣ – фаъолияти хоҷагидориест, ки омили асосиаш истеҳсоли маҳсулотҳои рақамӣ буда, имконияти коркарди ҳаҷми калони маълумотҳо бо истифодаи технологияҳои пешқадами рақамӣ таъмин мегардад [13].

Воқеан ҳам, дар иқтисодиёти рақамӣ коркарди натиҷаи таҳлили маълумоти иқтисодӣ дар муқоиса бо шакли анъанавии фаъолияти хоҷагидорӣ ба кулли фарқият дошта барои баланд бардоштани сифати истеҳсолот, технология, нигоҳдорӣ, фуруш, дастрасӣ ба молу хизматрасониҳо аз технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мегардад.

Евтянова Д.В., Тиранова М.В. зери мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ «автоматикунонии идоракунии хоҷагиҳо дар асоси технологияҳои иттилооти пешқадам, механизме, ки ба истифодаи самараноки иттилоот, идоракунии мақсадноки низомҳои истеҳсолот замина мегузорад» ибрози андеша намудаанд [7].

Тибқи андешаи муҳаққиқони рус О.В. Чистякова, А.В. Бабкин иқтисодиёти рақамӣ ин шабакаи умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва иҷтимоии тариқи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ амалишавандаест, ки имконияти барқарор намудани робита байни ширкатҳо, бонкҳо, ҳукумат ва аҳолиро густариш дода, робитаҳои анъанавии миёнаравон, аз он ҷумла, дар муомилоти хариду фуруш, қарздиҳӣ, иҷорадиҳӣ, пардохти андоз, ситонидани ҷарима, дигар ҳисобҳо ва пардохтҳоро аз байн мебарад. Аз рӯйи, нишондоди онҳо ҷузъи муҳими иқтисодиёти рақамӣ: тиҷорати электронӣ, бонкдории электронӣ, пардохтҳои электронӣ, интернет-таблиғ, интернет-контент мебошад. Ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ имконият медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ кам ва самаранокии меҳнат афзоиш ёбад, ҳамзамон дараҷаи талаботи беинтиҳои ҷамъиятӣ қонеъ гардонида шавад. Иқтисодиёти рақамӣ муҳаррики муҳими навовариҳо дар самти таъмини рақобатнокии комил дар корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо мебошад [16, С. 116-132]. Аз таҳқиқоти онҳо бармеояд, ки навовариҳои технологӣ дар шароити имрӯза имконият медиҳад, ки соҳаҳои рақамӣ ба вучуд оянд ва барои васеъ гардонидани доираи фаъолияти дилхоҳ иштирокчии муносибати иқтисодӣ самарабахш бошанд.

Дар маҷмӯ қайд намудан мумкин аст, ки муҳаққиқони соҳаи иқтисодиёт иқтисоди имрӯзаро аз лиҳози истифодаи захираҳои технологӣ иқтисоди баъдисаноатӣ, донишбунёд, инноватсионӣ, электронӣ, шабакавӣ, иттилоотӣ номгузорӣ намудаанд.

Аз нуқтаи назари А.В. Бабкин оғози асри XXI боиси ба вуҷудоӣ ва рушди технологияи рақамӣ, инқилоби иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ гардид. Аз ҳама муҳимаш иттилоот дар ин давра ба сифати унсури хоҷагидорӣ ва захираи иқтисодӣ

пазируфта шуд. Ҳаёти инсоният дигаргун шуда, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ марҳила ба марҳила ба олами маҷозӣ ворид гардидаанд [3, С. 9-25].

Дар ҳақиқат иқтисодиёти рақамӣ равиши баландсуръати иқтисодиёт буда дар сурати ташаккули он ҷомеаи рақамӣ ба вуҷуд меояд ва сифати ҳаёти аҳолӣ боло меравад.

Ба ақидаи Р. Мешеряков оид ба фаҳмиши иқтисодиёти рақамӣ ду нуқтаи назар ҷой дорад. Якум, «классикӣ», ки мувофиқи он иқтисодиёти рақамӣ ин иқтисоде мебошад, ки ба ҷоринамоии технологияи рақамӣ, хизматрасонӣ ва маҳсулоти электронӣ такя менамояд. Мисоли васеи шакли классикии иқтисодиёти рақамӣ: телетиб, таҳсилоти фосилавӣ, фуруши контентҳо (кино, ТВ, фуруши китобҳои электронӣ ва ғайраҳо). Дуюм, «васеъгардонишуда» мебошад, ки мувофиқи он иқтисодиёти рақамӣ – ин истеҳсолоти неъматҳои моддӣ бо истифодаи технологияи рақамӣ, мебошад. Аз нигоҳи муҳақиқон дар шароити имрӯза ба шакли «васеъгардонишуда» пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳо бо истифодаи васеи интернет, Саноат 4.0, корхонаҳои ҳушманд, шабакаи насли панҷум, таҳияи хизматрасонӣ (engineering) вобаста аз соҳаи истифодабарӣ ва ғайраҳо мебошад.

Муҳаққиқи дигар А. Энговатов чунин меҳисобад, ки иқтисодиёти рақамӣ ин истифодаи усулҳои нав: коркард, нигоҳдорӣ, интиқоли маълумот тавассути технологияи комютерии рақамӣ мебошад. Дар чаҳорчӯбаи ин тарҳи иқтисодӣ мубодилаи босуръати моделҳои бозории тиҷорат, модели арзиши дуҷониба ташаккул ёфта, шумораи миёнаравон дар ҳама зинаҳои иқтисодӣ аз байн меравад. Ба ғайр аз ин, аҳамияти муносибатҳои инфиродӣ дар ташаккули маҳсулот ва хизматрасониҳои навъи электронӣ боло меравад [15].

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти рақамӣ - ин иқтисодиёти ҷомеаи баъдисаноатӣ буда, бо истифодаи воситаҳои муосири технологӣ, каналҳои нави рақамӣ ва нерӯи зеҳнии *қавӣ* дар ҳамаи бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ба истифодаи васеи донишҳои иқтисоди алоқамандии зич дорад. Дар заминаи рушди донишҳои иқтисоди истеҳсолоти ғайримоддӣ ба вуҷуд омада талаботи аъзоёни ҷомеа қонеъ гардонида мешавад.

Ба андешаи мо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавқеи технологияи рақамӣ дар ташаккули фаъолияти соҳибкории электронӣ ниҳоят калон мебошад. Ин шакли фаъолият хароҷотҳоро ҳангоми гузаронидани амалиётҳо поин оварда даромади корхонаҳо афзоиш меёбад. Арзиши хизматрасониҳо дар муҳити онлайн нисбати иқтисодиёти анъанавӣ кам мебошад. Аз ин лиҳоз, хизматрасониҳои гуногуни тиҷоратӣ ва давлатӣ барои шохаи васеи истифодабарандагон дастрас мебошад. Аз лиҳози дигар, таъсири қавии технологияҳои рақамӣ боис мегардад, ки сохтори корхонаҳо кулан тағйир ёбанд пешниҳоди хизматрасониҳо ва дастрасӣ ба он дар асоси принсипи эътимоднокӣ ва бехатарӣ анҷом ёбад. Ба ғайр аз ин, дар шароити иқтисодиёти рақамӣ маҳсулот ва хизматрасониҳои электронӣ ба зудӣ ба бозори байналмилалӣ ворид гардида, барои шохаи васеъи эҳтиёҷмандон дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон дастрас мегарданд. Хусусияти дигари ин низоми иқтисодӣ дар он аст, ки маҳсулоти пешниҳодгардида, ки дар натиҷаи коркарди иттилоотҳои дақиқ ва бо бовари асоснокёфтаи илмӣ-техникӣ ба вуҷуд омадааст ба зудӣ ба талаботи истифодабарандагон мувофиқ гардонида мешавад.

Бо назардошти хусусиятҳои закргардида чунин мешуморем, ки рушди иқтисодиёти рақамӣ ба иттилоотҳои дақиқ бо бовари асоснокёфтаи илмӣ-техникие такя менамояд, ки дар натиҷаи татбиқи он тағйироти ҷиддӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ба вуҷуд меояд.

Дар раванди идоракунии корхонаҳо равандҳои тиҷоратӣ дар муҳити маҷозӣ бо ёрии низоми муташаккили иттилоотӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин хотир иқтисодиёти рақамӣ шакли нав, модели комилан нави равандҳои тиҷоратиро ба вуҷуд меоварад, ки дар заминаи он ҷойҳои кории нав кушода мешавад. Зарур шуморида мешавад, ки роҳҳои амалишавии равандҳои тиҷорат дар муҳити маҷозӣ таҳқиқ гардида корхонаҳо фаъолияташонро дар реҷаи вақти воқеӣ (on-line) ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ба роҳ монанд. Технологияҳои рақамӣ дар чунин шароит ба сифати унсури муҳим ва тағйирдиҳандаи равандҳои тиҷоратӣ истифода мегарданд.

Иқтисоди рақамиро аз лиҳози ҷалби захираҳои меҳнатӣ нисбат ба иқтисоди анъанавӣ самаранок номидан мумкин аст. Чунин асоснок мегардад, ки маҳсулот ё хизматрасониҳое, ки дар заминаи технологияи рақамӣ ва захираҳои меҳнатӣ тавлид мегардад, метавонад дар давраи дуру дароз барои доираи васеи эҳтиёҷмандон дастрас ва фоидаовар бошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар иқтисодиёти рақамӣ на танҳо низоми идоракунӣ тағйир меёбад, балки фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ куллан дигар шуда ба намуди электронӣ – рақамӣ мубаддал мегардад. Барои ҳамин иқтисодиёти рақамӣ имконият ба вуҷуд меорад, ки равандҳои тиҷоратӣ фаъолияти худро пурра дар муҳити on-line ба роҳ монанд. Мисоли воқеии низоми идоракунии самараноки равандҳои тиҷоратӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар муҳити on-line шартномаҳои мувофиқатӣ, ҳисобгирии муҳосибӣ, равандҳои ҳамлу нақли маҳсулот, бақайдгирии дархостҳо, хариду фуруш, ҳамгироии корханаҳо ва мувофиқнамоии амалиётҳо бо муштариён бидуни миёнаравон ва сарфаи ками вақт сурат гирифта хароҷоти ниҳоят камро тақозо менамояд. Аз ин рӯ дар баробари татбиқи системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии пешрафта зарур мешуморем, ки ба маданияти ташкилии корхонаҳо, ки ба стратегия ва консепсияи махсус такя менамояд, диққат дода шавад.

Барои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ зарур мешуморем, ки диққати асоси ба омоданамоии мутахассисон, ки минбаъд ба офаридани маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамӣ машғул мешаванд муҳим мебошад. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ки ба фаъолияти озод, кушода, бозори меҳнати рақамӣ, истифодаи технологияи бисёрвазифагӣ дар истеҳсолот асоснок мегардад, имконият медиҳад, ки дурнамои рушди устувори иқтисодиёт таъмин карда шуда аз шакли анъанавиаш ба кулли фарқ намояд. Дар маҷмӯъ, мавриди назар менамоем, ки иқтисодиёти рақамӣ имконият медиҳад, ки на танҳо соҳаҳои иқтисодӣ балки маданият ва рафтори ҷамъиятӣ низ шакли нав гирифта ҷомеаи аз лиҳои техникӣ пешрафта ба вуҷуд ояд.

Таҳқиқи мафҳумҳои болозикр доир ба фаҳмиши иқтисодиёти рақамӣ нишон медиҳанд, ки «иқтисодиёти рақамӣ» раванди мураккаб, бисёрпаҳлӯ ва баҳсталаби илми иқтисодӣ мебошад. Дар таҳқиқот мутмаин гардидем, ки доир ба рушди «иқтисодиёти рақамӣ» нуктаҳои назари гуногун ва ҷолиби илмӣ ҷой доранд. Таҳқиқи васеи адабиёти ба мафҳум ва моҳияти иқтисодиёти рақамӣ бахшидашуда имконият ба вуҷуд оварданд, ки самтҳои афзалиятнок ва омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуданд. Барои гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ амалисозии бандҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

- татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дар ин замина муттаҳид намудани бозорҳои дар низоми иқтисоди миллӣ фаъолияткунанда бахусус аз шакли моводӣ ба бозорҳои вертуалӣ;
- табдили фаъолияти корхонаҳои ба шакли анъанавӣ фаъолияткунанда дар муҳити маҷозӣ;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонии фаъолияти хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда инчунин кам кардани мавқеи инсон дар раванди идоракунии хоҷагиҳо;
- дар натиҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ аз байн бурдани монеаҳои географӣ ва барқарор намудани робитаҳои телекоммуникатсионӣ байни субъектҳои иқтисодӣ;
- синхроникунонии воситаҳои технологияи иртиботӣ дар реҷаи вақти воқеӣ ва амалисозии равандҳо тариқи шабакаи интернет;
- бо роҳи татбиқи пойгоҳи додашудаҳои бузург (big data) амалӣ намудани синхроникунонӣ ва тағйири маълумотҳо дар реҷаи вақтии воқеӣ;
- ташаккул додани низомҳои интиқолдиҳандаи иттилооти босифат;
- таъмин намудани субъектҳои иқтисодӣ бо интернети баландсуръат;
- истифодаи васеъ ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва компютерӣ дар раванди ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагидорӣ корхонаҳо, ширкатҳо ва мақомотҳои давлатӣ.

Дар заминаи таҳлилу омӯзиши адабиёти ба таҳқиқи мафҳум бахшидашуда аз нигоҳи муаллифон фаҳмиши зерини иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод карда мешавад. Иқтисодиёти рақамӣ – ин татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои гуногуни дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар реҷаи вақтии воқеӣ буда бо истифодаи васеи Интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пурра гардида, барои алоқамандии субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз минтақаҳои ҷойгиршавӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо марҳилаи аввали гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ истифодаи технологияҳои пешқадам ва нерӯи зеҳнии қудратманд дар раванди идоракунии субъектҳои иқтисодӣ ва интихоби платформаи рақамӣ мебошад.

Марҳилаи дуюми рушди иқтисодиёти рақамӣ бошад, ба татбиқи консепсияҳо, стратегияҳо, ки гузариш ба иқтисоди рақамиро аз лиҳози ҳуқуқӣ таъмин менамояд, фаҳмида мешавад.

Марҳилаи сеюми рушд ба рақамикунонии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайраҳо алоқаманд аст.

Марҳилаи чоруми рушди иқтисодиёти рақамӣ ба тақвият бахшидани сармояи инсонӣ вобаста буда, барои рушди минбаъдаи он ҷалби иқтидорҳои кадрии пуриқтидор зарур мебошад.

Ҳаминтариқ гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти рақамӣ муҳим буда, барои кишвари мо низ аз лиҳози таъминоти бехатарӣ, рушди устувори иқтисодиёт, таъмини амнияти иттилоотӣ ва кибербехатарӣ, табдили шакли фаъолияти хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти милли амалкунанда ба фазои маҷозӣ муфид мебошад.

Таҳлили корҳои илмии ба ташаккули иқтисодиёти рақамӣ бахшидашуда нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеаҳои зиёд ҷиҳати гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ҷой дорад. Аз ҳамин хотир мо дар раванди таҳқиқот монеаҳоеро муайян намудем, ки бартараф намудани онҳо дар марҳилаи аввали гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ зарур мебошад:

1. Бархурдор набудан аз кафолати ҳуқуқӣ (соҳибкороне, ки ба намуди электронии фаъолият машғуланд);
2. Эътимоднок набудани хизматрасониҳое, ки тариқи воситаҳои электронӣ пешниҳоди аҳолӣ ва дигар ниёзмандон қарор дода шудааст;
3. Истифоданагардидани имкониятҳои муосири технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, ки дар натиҷаи таҳаввулоти илмӣ техникии муосир фароҳам омадааст;
4. Ниҳоят кам будани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ;
5. Сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ;
6. Сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон;
7. Аз меъёри воқеӣ кам будани даромади аҳолӣ;
8. Суст рушд кардани навъҳои гуногуни бизнеси электронӣ тариқи интернет;
9. Фаъол набудани шабакаҳои миллӣ ва маҳалии интиқоли маҳсулоту хизматрасонӣ дар шакли электронӣ;
10. Шакли мураккаб гирифтани ташкили тиҷорат тавассути интернет;
11. Ҷалби ками сармоягузориҳо ба рушди инфрасохтори платформаи рақамӣ;
12. Норасоии мутахассисони баландихтисос ва ғ.

Рушди устувори бозори хизматрасониҳои электронӣ ва амалишавии иқтисодиёти рақамӣ ба ҳалли мушкилоти зикргардида вобаста буда аз ташкили шакли нави корхонаҳои дар муҳити маҷозӣ фаъолияткунанда, тиҷорати электронӣ, алоқаманд мебошад. Дар баробари истифодаи васеи имкониятҳои мавҷудаи техникӣ ва технологӣ, нерӯи зеҳнии қавӣ дар истеҳсолот рушди минбаъдаи иқтисодиёти рақамӣ ба консепсия, стратегияи мушахаси илмӣ такя менамояд.

Шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти рақамӣ пайванди усулҳои нави идоракуни татбиқи навовариҳо дар истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, ки самтҳои гуногуни

фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад. Омӯзиши ҳолати имрӯза, татбиқи навовариҳо дар иқтисодиёт, унсурҳое, ки гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок мегардонанд нишон медиҳад, ки аз рӯйи баъзе принсипҳои амалишавӣ таҳқиқи масоили танзими давлатии рушди иқтисодиёти рақамӣ муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ иқтисодиёти рақамӣ, яъне табдили хоҷагиҳои дар низоми иқтисоди миллӣ фаъолияткунанда ба шакли нав буда, барои ноил гардидан ба низоми пурраи электронӣ ё рақамӣ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мувофиқ ба раванди таҳқиқот мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Андреева Г.Н., Бадальянц С.В. и др. Развитие цифровой экономики в России как ключевой фактор экономического роста и повышения качества жизни населения: Г.Н., Андреева, В.С., Бадальянц коллектив авторов / Нижний Новгород: издательство «Профессиональная наука», 2018. С.8
2. Ашурова Т.А., Бадалов М.Т. Идоракунии тағйирот дар ташаккул ва рушди мутахассисони касбӣ барои кадрҳои иқтисодиёти рақамӣ Захираи электронӣ: https://www.hgu.tj/ru/news/media/item/192.html (вақти даромад 22.01.2020)
3. Бабкин А.В., Буркальцева Д.Д. и др. Формирование цифровой экономики в России: сущность, особенности, техническая нормализация, проблемы развития/ А.В. Бабкин, Д.Д. Буркальцева, Д.Г. Костень, Ю.Н. Воробьев // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. 2017. Т.10, №3, С. 9-25.
4. Василенко В. Технологические уклады в контексте стремления экономических систем к идеальности/ В. Василенко // Соціально-економічні проблеми і держава. - 2013. - Вип. 1 (8). - С. 65 - 72. Электронный ресурс: http://sepd. tntu.edu.ua/images/stories /pdf/2013/13vvoski.pdf. (дата обращения 19.02.2020)
5. Василенко Н.В. Цифровая экономика: концепции и реальность // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика: труды научно-практической конференции с международным участием 17–22 мая 2018 года / под ред. д-ра экон. наук, проф. А.В. Бабкина. – СПб.: Издательство ПУ, 2018. – 147-151 с
6. Гасанов Г.А., Гасанов Т.А. Цифровая экономика как новое направление экономической теории. Электронный ресурс: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-ekonomika-kak-novoe-napravlenie-ekonomicheskoy-teorii. (дата обращения 12.02.2020)
7. Евтянова Д.В., Тиранова М.В. Цифровая экономика как механизм эффективной экологической и экономической политики // Науковедение. – 2017. – Т. 9. – №6.
8. Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.12.2019, №642
9. Крутиков В.К. Цифровая экономика: проблемы и возможности. Калуга: Изд-во АКФ «Политоп», – 2018. С. 21
10. Крюкова А.А., Мехаленко Ю.А. Инструменты цифровой экономики. // Карельский научный журнал. 2017. Т. 6. № 3 (20). С. 108-111
11. Мирзоахмедов Ф., Сафоев Н. Аналитический обзор цифровой экономики зарубежом и в Таджикистане//Цифровая экономика в социально-экономическом развитии России: взгляд молодых: сборник статей и тезисов докладов XV международной научно-практической конференции студентов, магистрантов и аспирантов (26 февраля 2019 г.) / УФУ. – Москва: Издательство «Перо», 2019. С. 182-188
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019: Захираи электронӣ: www.prezident.tj (вақти даромад 15.02.2020)
13. Стратегии развития информационного общества в Российской Федерации на 2017–2030 годы. Электронный ресурс: http://static.kremlin.ru /media/acts/files/0001201705100002.pdf (дата обращения 19.02.2020)

14. Технологический уклад. Электронный ресурс: https://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения 21.02.2020)
15. Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин: Электронный ресурс http://prof-ras.ru/index.php?option= com_k2&view=item&id=888:tsifrovaya-ekonomika-kak-spetsialisty- ponimayut-etot-termin (дата обращения 19.02.2020)
16. Шамина Л.К. Методы государственного регулирования инновационной деятельности в условиях становления цифровой экономики //Тенденции развития экономики и промышленности в условиях цифровизации / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина. – СПб: Издательство Политехнического университета, 2017. С.116-132
17. Don Tapscott The Digital Economy: Promise and Peril In The Age of Networked Intelligence, McGraw-Hill, 1995 - 342p.
18. Negroponte N. Being Digital / N. Negroponte. – NY: Knopf, 1995. – 256 p.
19. Usman W. Chohan. Some Precepts of the Digital Economy. Productivity, Innovation & Technology eJournal. Social Science Research Network (SSRN). Accessed 27 January 2020.

**УДК 338.482.22**

**Аминов И., Гадойбоева Н. Б.**

## О НЕОБХОДИМОСТИ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье обосновывается, что в Республике Таджикистан имеются огромные возможности и резервы для развития туризма. На основе анализа вклада туристической индустрии в формирование ВВП и занятость населения в развитых и развывающихся странах мира аргументируется роль туризма в развитии экономики. Путем сопоставления вклада туризма в развитие экономики государств, имеющих аналогичные Таджикистану условия для туризма, подчеркивается необходимость развития туризма в стране.

**Ключевые слова:** туризм, Республика Таджикистан, рельеф, климат, водные источники, ресурсы, развитые страны, развивающиеся страны, ВВП, занятость, коронавирус.

**Аминов И., Гадойбоева Н. Б.**

## ОИД БА ЗАРУРИЯТИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола асоснок карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бораи рушди сайёҳӣ имкониятҳо ва захираҳои зиёд мавҷуданд. Дар асоси таҳлили саҳми индустрияи сайёҳӣ дар ташаккули маҷмӯъи маҳсулоти дохила ва шуғлнокии аҳолӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққиниҳода, накши сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёт далелнок карда шудааст. Тавассути муқоисаи саҳми сайёҳӣ дар тараққиёти мамлакатҳое, ки барои рушди он шароитҳои бо Тоҷикистон монанд доранд, зарурияти рушди сайёҳӣ дар кишвар қайд карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, релйеф, иқлим, сарчашмаҳои обӣ, захираҳо, мамлакатҳои мутараққӣ, мамлакатҳои рӯ ба тараққиниҳода, маҷмӯъи маҳсулоти дохила, шуғлнокӣ, коронавирус.

**Aminov I., Gadoiboeva N.B.**

**ABOUT THE NECESSITY OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article substantiates that the Republic of Tajikistan has huge opportunities and reserves for the development of tourism. Based on the analysis of the contribution of the tourism industry to the formation of GDP and employment of the population in developed and developing countries of the world, the role of tourism in the development of the economy is argued. The author underlines the need for the development of tourism in the country by comparing the contribution of tourism to the development of the economy of states that have similar conditions for tourism like in Tajikistan.

**Key words:** tourism, the Republic of Tajikistan, relief, climate, water sources, resources, developed countries, developing countries, GDP, employment, coronavirus.

Республика Таджикистан относительно небольшая страна по территории и населению в Центральной Азии. В ней имеются значительные резервы для развития туризма. Ее территория составляет 143,1 тыс. кв. км., из нее 7% занимают равнины, 93% – горы, 8% покрыты озерами [1, с. 7]. В ней расположены крупнейшие горные хребты Памира, Тянь-Шаня, Гиссарско-Алая, 300 ледников. Горная местность республики экзотическая, на Памире расположен один из самых высоких пиков мира, самая высокая точка бывшего Советского Союза – пик Сомониен с высотой 7495 м [2]. По водным ресурсам страна занимает второе место в СНГ после Российской Федерации [1, с. 7]. По ней протекают три большие реки (Амударья, Сырдарья и Зарафшон) и сотни средних и маленьких рек, речушек. Озера Каракуль, Искандеркуль и Сарез, водохранилища Кайракумское и Нурекское, строящееся – Рогунское очень привлекательны. По ресурсам пресной воды республика занимает одно из передовых мест в мире. В республике зарегистрировано свыше 200 источников холодных и очень горячих лечебных вод – углекислые, сероводородные, йодо-бромные, кремнистые, радоновые и т.д. [3]. Горячий источник Биби Фотимаи Зухро находится на Памирском тракте высоко в горах, где кругом ледники и прохладная погода, химический состав воды минерального источника включает натрий, калий, кальций, магний, железо, гидрокарбонат хлориды, кремневую и метаборную кислоты. Этот источник эффективен при лечении урологических и гинекологических заболеваний, проблем с пищеварением и так далее. Круглый год температура воды держится выше 40°С. Считается, что купание в этой воде помогает сохранить женское здоровье и лечит бесплодие [4]. Другой источник – Чилучор Чашма (сорок четыре родника), расположенный в 12 километрах от поселка Шаартуз. Вода из источников является целебной. Она хорошо помогает от выпадения волос, заболеваний костей, гипертонии, мигрени, псориаза и многих других недугов [4]. Недалеко от города Исфары, что в Согдийской области Таджикистана, расположен живописный курорт «Зумрад». Эта курортная зона ежегодно принимает огромный поток людей, которые приезжают лечиться от болезней нервной системы, органов сердечно-сосудистой системы, органов мочевыводящей системы; травм костно-мышечной ткани и других болезней. Природа с разноцветными горами и зелеными насаждениями на них, красивые здания в зоне санатория, чайхана, украшенная резьбой по дереву и штукатурка, расписанная в лучших традициях таджикского зодчества, являются очень привлекательными [5]. Вода реки Сиёма, расположенная в 50 километрах от Душанбе, в живописном Варзобском ущелье, согласно многократным тестам, считается одной из лучших в мире. Согласно исследованиям, вода реки оказывает положительное воздействие на живой организм, особенно полезна для работы мышц, кишечника, системы пищеварения и очищения организма. На международном конкурсе питьевой воды, который проходил в 2001 году в

США, эта вода вошла в десятку лучших вод на земле [6]. Таких примеров можно продолжить.

Климат республики субтропический умеренного пояса. Температура летом составляет в среднем +30°С, на равнинах 35-45°С и чем выше по горам, тем она уменьшается и снижается, и доходит даже до минусовой отметки [1, с. 7]. Обобщая всё вышеизложенное можно привести высказывание Президента страны Эмомали Рахмона в своем послании Маджлиси Оли страны от 22 декабря 2016 года: «Наш райский Таджикистан является страной цивилизованного и гостеприимного народа, сладких фруктов, по климату, погоде, пейзажам, высоким горам, громадным ледникам, лечебным водам, озерам, чистым родникам, животному и растительному мирам, народным обычаям и традициям является неповторимой в мире и уникальным местом для путешествия и отдыха» [7].

Таким образом, республика располагает реальными предпосылками и достаточными возможностями для развития туризма как внутреннего, так и всемирного масштаба. Однако они пока еще остаются недостаточно реализованными. Необходимость развития туризма в Республике Таджикистан обосновывается тем, что как показывает мировой опыт, т.е. опыт как самых развитых стран, так и развивающихся стран мира как стран с морскими побережьями, так и стран без морских побережий, он позволит превратить его в один из ведущих и устойчивых отраслей экономики страны. В перспективе туристическая индустрия может внести достойный вклад в умножение внутреннего валового продукта, уровня занятости и жизни населения республики.

Мировая статистика и опыт показывают, что в современных условиях туризм превратился в один из основных отраслей мировой экономики. В 2019 году в мире зарегистрировано 1,5 млрд международных туристических поездок [8]. Годом ранее приведенный показатель был равен на 1,4 млрд поездок [9], то есть на 6,0% или на 100,0 млн меньше. Исследования Всемирного совета по туризму и путешествиям (WTTC) показали, что на этот сектор в 2018 приходилось 10,4% мирового ВВП и 319 миллионов рабочих мест, или 10% от общей занятости в году. Именно в секторе туризма за последние пять лет было создано 20% новых рабочих мест [9]. Большая часть расходов путешественников приходилась на рынок досуга, который составил 78,5% от общего объема по сравнению с 21,5% - на деловые расходы. На сектор туризма приходилось 6,5% от общего объема мирового экспорта и 27,2% от общего объема мирового экспорта услуг [10].

В мировом объеме экспорта в мире туризм находится на 5 месте после товаров нефтяной, химической, пищевой промышленности и автомобилестроении [11].

Мировой опыт показывает, что развитие туризма имеет важное значение для экономики практически всех стран как развитых, так и развивающихся стран. Так, к десяти самым конкурентоспособным туристическим странам мира по их рейтингу относятся именно страны с развитой экономикой (промышленностью, сельским хозяйством, банковской сфере, транспортом и т.д.), такие как США, Франция, Германия, Япония, Великобритания, Испания, Австралия, Италия, Канада и Швейцария [12]. В этих странах удельный весь общего вклада туризма в ВВП составляет от 7,4 до 14,6%, а в обеспечении занятости – от 6,9 до 14,9%. Эти страны, учитывая доходность туризма, на его развитие обращают первостепенное значение [11].

В мире существуют и страны, вся экономика и инфраструктура которых направлена на туристскую индустрию. Это, в основном, страны с морским побережьем, с теплым климатом и теплыми морями. В таких с Вануату транах, как Макао, Сейшельские острова, Мальдивы, Сен-Китс и Невис, Гренада, Кабо Верде, Багамы удельный весь общего вклада туризма в ВВП составляет от 40,0 до 72,2%, а в обеспечении занятости -от 30,8 до 66,7%[12].

Говоря о странах с развитым туризмом и с морским побережьем, можно отметить Филиппины, где удельный вес общего вклада туризма в ВВП составляет от 24,4%, а в

обеспечении занятости -26,4 %., Кипр – соответственно – 21,9% и 22,0 %, Сингапур – 10,0% и 8,8%, Болгарию – 9,3% и 11,0% и десятки других стран [12].

Мировой опыт показывает, что туризм высокими темпами развивается и в странах, как и Таджикистан, без морского побережья. К ним можно отнести Швейцарию, Чехию, Австрию, Бельгию и др.

Применительно к целям нашей статьи, в качестве примера, приводим страны с более похожими по рельефу, природе, климату показателям. Швейцария, как и Таджикистан, не имеет выхода к морю. Площадь её территории составляет 41,3 тыс. км. 58,5 % общей площади территории страны занимают Альпийские горы и 10% – горы Юра. Центральную часть страны занимает Швейцарское плато с высокой плотностью населения и развитой промышленностью, сельского хозяйство и скотоводство. В стране сконцентрировано 6 % запасов пресной воды Европы. Реки страны, как и реки Таджикистана. не имеют судоходного значения. В Швейцарии насчитивеется большое количество озёр, имеющих ледниковое происхождение. Воды страны, по показателям чистоты соответствует минеральной воде и в 1000 раз дешевле [2]. Большинство зарубежных гостей, посетивших Таджикистан, называют его второй Швейцарией. Напомним, что Швейцария относится к первой десятке стран с развитой туристической индустрией. В 2018 г. общий вклад туризма в ВВП составил 60,4 млрд долл. США или 8,5%, а занятости населения – 555,8 тыс. человек или 11,2% [12].

К странам с развитой туристической индустрией без морского побережья, как и Таджикистан, наряду со Швейцарией можно отнести и Чехию, Австрию, Бельгию и Венгрию, которые расположены в центральной Европе. В Чехии преобладает холмистый характер рельефа, занимающий 39% её территории, а равнины, расположенные преимущественно вдоль рек Эльбы и Моравы, занимают 20% от её общей площади. Возвышенности занимают 30% территории страны. Чехия богата на реки: Эльба, Влтава, Огрже, Морава, Сазава, Одра, Беруонка и другие более мелкие реки. В плане значения туризма для страны без достаточных запасов нефти и газа уместно привести слова Ян Гергет, директора CzechTourism, который справедливо отметил, что «в развитых странах добыча нефти или газа не вредит окружающей среде или местным жителям. Это правило должно касаться и туризма у нас» [13]. Интерес вызывает также его цитата «с туризмом надо работать очень мудро, это наша чешская нефть [13]. В 2017 году в туристической индустрии работали 239 тыс. чел., и ее доля в ВВП Чехии составила 2,9%. Для сравнения доля сельского хозяйства составила 2,8% ВВП и в нем работали вдвое меньше рабочих. В Чехии в 2018 г. удельный вес туризма в ВВП составил от 40,0 до 72,2%, а в обеспечении занятости – от 30,8 до 66,7% [12].

Австрия – одна из самых экологически чистых стран Европы и похожа по природно-климатическим условиям на Таджикистан, занимает площадь 83 876 км. Около 75% территории страны занимают Восточные Альпы, около 11% – высокогорные плато, 14% равнины. В горах Австрии находится более 900 пиков, высота которых превышает 3000 метров. В наивысшей точке страны – горах Grossglockner (Гроссглокнер), которые находятся на высоте 3797 м., расположен один из самых крупных в Европе ледников – Пастерце. Австрия, как и республика Таджикистан, страна с ярко выраженным горным рельефом, с разнообразными климатическими условиями, зависящими от высот, направления и силы ветров, облачности и других параметров [2]. Лето, как правило, очень теплое. На юге страны климат почти средиземноморский. В высокогорьях снег держится 7-8 месяцев. Страна обладает богатейшей историей и культурными традициями. Австрия покорит вас роскошью и изысканностью архитектуры столицы государства – Вены. В стране чистейшие озера и десятки водные горячие минеральные источники, В замечательные горнолыжные трассы с развитой сетью разнотипных подъемников и лифтов. Наличие снежного покрова на трассах ежегодно привлекает значительное количество горнолыжников.

Республика Таджикистан, как и вышеприведенные страны, имеет значительные ресурсы для развития туризма. В последние годы внимание развитию туристической индустрии возрастает. По данным мировой статистики и расчетам, в 2018 году в республике общий вклад туризма в ВВП страны, составил всего лишь 0,6 млрд долл., что составляет 0,99% к уровню аналогичного показателя Швейцарии, 0,86% – к уровню Австрии, 2,11 % – к уровню Бельгии, 3,13% – к уровню Чехии, 4,56% – к уровню Венгрии и т.д. [расчеты по данным: 12]. В 2018 г. в Республике Таджикистан в сфере туризма было занято 186,6 чел., что составляет 33,4 % к уровню аналогичного показателя в Швейцарии, по 40,0%, к уровням Австрии и Чехии, 47,0% к уровню Венгрии, 60,0% к уровню Бельгии и т.д. [расчеты по данным: 12]. Если провести анализ показателя по общему вкладу туризма в ВВП в расчете на 1 жителя страны, то он в Республике Таджикистан составляет 65,72 долл., а в Швейцарии 6902,85 долл., в Австрии – 7930,12 долл., в Бельгии – 2282,5 долл., в Венгрии – 1358,03 долл. и т.п. [расчеты по данным: 12].

Анализ показывает, что в последние годы в республике туризм постепенно развивается. В 2013-2018 гг. количество иностранных граждан, въехавших в страну по данным главного управления пограничных войск страны увеличилось в 2,56 раза, численность иностранных граждан, въехавших в страну в качестве туристов по данным главного управления пограничных войск (в соответствии с международными рекомендациями по статистике туризма Всемирной туристической организации (ВТО) возросла в 2,41 раз, число действующих туристических компаний – в 1,6 раз, численность иностранных туристов, въехавших в страну через туристические компании – 1,52 раза, доходы от предоставленных туристических услуг (без НДС) в национальной валюте (сомони) – 1,86 раза [расчеты по данным: 1, с. 171-172]. Однако приведенные данные в абсолютных показателях остаются незначительными. В тоже время, принятый в последние годы правительством страны курс на всестороннее развитие туризма даёт надежды на ускоренные темпы его развития в будущем.

Подводя итоги, следует отметить, что в 2020 г. в Республике Таджикистан, как и во всем мире пандемия коронавируса привела к катастрофическим последствиям в развитии индустрии туризма во всех показателях (в денежном исчислении, потере рабочих мест и т.д.). Но по мере искоренения коронавируса необходимо пристальное внимание уделить развитию туризма как одного из важнейших источников пополнения бюджета страны и обеспечения занятости населения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Статистический ежегодник Республики Таджикистан -2019. Агенства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Издательство ООО «ТоРУС», 2019. – 478 с.
2. Википедия – свободная энциклопедия [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 5.08.2020 г.).
3. Минеральный воды Таджикистана [Электронный ресурс] // Информационный портал «Tajik Development Gateway». – URL: https://www.tajik-gateway.org/wp/geography/mineralnye-vody-tadzhikistana/ (дата обращения: 5.08.2020 г.).
4. Целебная и святая вода: самые известные термальные источники Таджикистана [Электронный ресурс] // Информационное агентство Спутник. – URL: https://tj.sputniknews.ru/health/20190827/1029735522/lechebnie-istochniki-tajikistan.html (дата обращения: 5.08.2020 г.)
5. Где в Таджикистане можно лучше отдохнуть и восстановить здоровье? [Электронный ресурс] // Информационный портал Мбулак. – URL: https://www.molbulak.ru/news/chaykhana/gde-v-tadzhikistane-mozhno-luchshe-otdokhnut-i-vosstanovit-zdorove/ (дата обращения: 5.08.2020 г.).

6. ВОДА СИЁМЫ — В ДЕСЯТКЕ ЛУЧШИХ ВОД МИРА! Таджикистан экспортирует её в качестве национального бренда в арабские государства и Европу [Электронный ресурс] Информационный портал «Today News». – URL: http://today.tj/ekonomika/27259-voda-siemy-v-desyatke-luchshih-vod-mira-tadzhikistan-eksportiruet-ee-v-kachestve-nacionalnogo-brenda-v-arabskie-gosudarstva-i-evropu.html (дата обращения: 5.08.2020 г.).
7. Послание Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2016 года [Электронный ресурс] // Сайт Президента Республики Таджикистан. – URL: http://president.tj/ru/node/13747 (дата обращения: 5.08.2020 г.).
8. По данным Всемирной туристской организации, в 2019 году в мире зарегистрировано 1,5 миллиарда международных туристических поездок [Электронный ресурс] // Информационный портал «TOHOLOGY». – URL: https://www.tohology.com/hospitality/industry/unwto-statistika-mezhdunarodnyh-poezdok/ (дата обращения: 5.08.2020 г.).
9. Шилова А. Российскую туриндустрию оценили [Электронный ресурс] // Газета Ведомости. – URL: https://www.vedomosti.ru/business/articles/2019/09/27/812212-rossiiskuyu-turindustriyu (дата обращения: 5.08.2020 г.).
10. Жилина Е. Индустрия туризма в 2018 году: основные цифры [Электронный ресурс] // Национальный туристический союз. – URL: https://rusunion.com/industriya-turizma-v-2018-godu-osnovnye-cifry/ (дата обращения: 5.08.2020 г.).
11. Рассохина Т.В., Лебедев К.А. Реализация принципов устойчивого развития в целях оптимизации системы конкурентоспособности туристских дестинаций // Сервис в России и за рубежом. – 2016. – Том 10. – № 2. – С. 87-100. – URL: https://naukaru.ru/ru/nauka/article/11915/view (дата обращения: 5.08.2020 г.).
12. Мировой атлас данных [Электронный ресурс]. – URL: https://knoema.ru/atlas/topics (дата обращения: 5.08.2020 г.).
13. Кириченко А. Названы самые популярные у туристов места в Праге и во всей Чехии [Электронный ресурс] // Информационный портал о Чехии. – URL: https://420on.cz/news/culture/57407-nazvany-samye-populyarnye-u-turistov-mesta-v-prage-i-vo-vsey-chehii (дата обращения: 5.08.2020 г.).

**УДК 338.4**

**Мирзоалиев А.А., Сафаров А.М.**

# НАҚШИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Аҳамияти таҳқиқот дар мақола аз он иборат аст, ки саноати сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод эътироф карда гардидааст. Таҳлили маълумоти оморӣ ва таҷрибавӣ аз афзоиши таваҷҷӯҳ ба маҳсулоти сайёҳии Тоҷикистон ва тамоюлҳои мусоиди тавсеаи бозорҳои фурӯш ва афзоиши шумораи сайёҳон шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар саҳми назаррас дорад.

**Калимаҳои калидӣ:** сайёҳат, ширкатҳои сайёҳӣ, иқтисодиёт, соҳибкорӣ, кадрҳо, стратегияи рушди сайёҳӣ, бозори меҳнат.

**Мирзоалиев А.А., Сафаров А.М.**

## РОЛЬ ТУРИЗМА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

Важность исследования в статье заключается в том, что индустрия туризма в Таджикистане признана государством как один из важнейших секторов экономики. Анализ статистических и экспериментальных данных показывает рост интереса к туристическим продуктам Таджикистана и благоприятные тенденции расширения рынков сбыта и увеличения количества туристов. Таким образом, туристический сектор вносит весомый вклад в развитие экономики страны.

**Ключевые слова:** туризм, туристические фирмы, экономика, бизнес, человеческие ресурсы, стратегия развития туризма, рынок труда.

**Mirzoaliev A.A., Safarov A.M.**

## THE ROLE OF TOURISM IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

The significance of the research in the article is that the tourism industry in Tajikistan is recognized by the government as one of the most important sectors of the economy. Analysis of statistical and experimental data shows an increase in interest in Tajikistan's tourism products and favorable trends in the expansion of sales markets and an increase in the number of tourists. Therefore, the tourism sector makes a significant contribution to the development of the country's economy.

**Keywords:** tourism, tourism companies, economics, business, human resources, tourism development strategy, labor market.

*«Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад».*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Чӣ тавре ба мо маълум аст, сарфи назар аз аҳамияти иқтисодии соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, консепсияи назариявии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар минтақаҳо ҳанӯз ба таври зарурӣ амалӣ нашудааст. Ин ҳолат ба бартарии дарозмуддати идеологияи иқтисодӣ вобаста аст, ки ба бартарии бечунучаро дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ асос ёфтааст. Бе шубҳа ба эътибори бунёдии ин мавқеъ, бояд таъкид кард, ки татбиқи он бояд бо истифода аз моделҳои нави фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, пешгирии пайдоиши деформатсияҳои сохторӣ дар маҷмааи ягонаи хоҷагии халқ анҷом дода шавад.

Сайёҳӣ ҳам падидаи иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ буда, ба сохтори иқтисод таъсири мусбат расонида метавонад. Аз як тараф, рушди он афзоиши истеҳсолотро дар соҳаҳои ҳамшафати иқтисодиёт (савдо, нақлиёт, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғ.) ҳавасманд мекунад, аз тарафи дигар, ба шуғли аҳолӣ таъсири назаррас дорад. Тағирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии рушди ин соҳаро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сайёҳӣ дар 15 соли охир босуръат рушд кардааст. Ҳатто дар шароити номусоиди бозор ва давраи бӯҳрони иқтисодӣ тамоюли мусбат дар соҳаи сайёҳии ҷаҳонӣ боқӣ монд.

Аммо, сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба натиҷаҳои назаррас ноил нашудааст ва танҳо дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Сатҳи пасти базаи моддӣ – техникӣ(инфрасохтор) дар соҳаи сайёҳӣ ва сатҳи пасти тахассуси кадрҳои сайёҳӣ ҳанӯз имкон намедиҳад, ки ҷараёни тавонои сайёҳӣ аз хориҷ ҷалб карда шавад ва бо ин ба рушди сайёҳии дохилӣ ва иҷтимоӣ ҳавасманд карда шавад.

Мушкилоти рушди сайёҳӣ ва ташкили маҷмааи муосири сайёҳиро ҳал кардан мумкин аст, ба шарте ки сиёсати давлатии ислоҳот амалӣ карда шавад ва онҳо ба барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳо дохил карда шаванд.

Тибқи маълумоти Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UWNTO), дар соли 2018 (расми 1.) 1,4 миллиард нафар одамон дар саросари ҷаҳон сайр кардаанд (+ 5,6% зиёдтар аз соли 2017). Гузашта аз ин, беш аз 60% ҷараёни ҷаҳонии сайёҳӣ ба дӯши 20 кишвари ҷаҳон рост омад.

Фаронса аз рӯи шумораи сайёҳони хориҷӣ пешсаф аст (93,2 миллион сайёҳ, + дар муқоиса бо соли 2017 + 7,2%). Ба TOP-5-и рейтинги ҷаҳонӣ инчунин Испания (82,8 миллион + 1,2%), ИМА (82,2 миллион, + 6,7%), Чин (62,9 миллион, + 3,6%) ва Италия шомиланд (62,1 миллион, + 6,5%.)




**Расми 1. Вазъи воридшавии сайёҳон ба кишварҳои ҷаҳон дар соли 2018 [10]**

Дар даҳгонаи беҳтарин кишварҳо Туркия аз ҷиҳати вуруд динамикаи бузургтаринро нишон дод, ки аз ҷои 8-ум дар соли 2017, тақрибан 22% афзоишро нишон дода, фавран бо нишондиҳандаи 45,8 миллион сайёҳ ба мақоми шашум гузашт. Мексика бо 41,4 миллион сайёҳ дар ҷои ҳафтум, дар ҷои ҳаштум - Олмон (38,9 миллион), нӯҳум "омад" Тайланд (38,3 миллион). Шикасти асосии даҳгонаи аввал Бритониёи Кабир аст (35,1 миллион), ки дар тӯли соли гузашта якбора се мавқеъро аз даст дод ва танҳо даҳум шуд.

Даҳ кишвари дуввум аз сабаби ҳузури Русия дар он ҷолиб аст. Федератсияи Россия бо нишондиҳандаи 24,6 миллион сайёҳи хориҷӣ (дар соли 2017 - 24,39 миллион) дар TOP-20 кишвари серодамтарини ҷаҳон дар ҷои 16-ум қарор гирифт.

Дар муқоиса бо соли 2017 мавқеи Федератсияи Россия дар рейтинги ҷаҳонӣ бетағйир монд. Ҳамсояҳои Русия дар "ҷадвал" Малайзия (ҷои 15-ум, 25,8 миллион нафар) ва Канада (ҷои 17-ум, 21,2 миллион нафар) мебошанд.

Ба бист минтақаи беҳтарини сайёҳӣ, ки шумораи зиёди сайёҳон доранд, инчунин Ҷопон (31,2 миллион) Австрия (30,8 миллион), Юнон (30,1 миллион), Гонконг (Чин) (29,3 миллион), Португалия (21,2 миллион) шомил буданд. ), Нидерланд (19 миллион) ва Макао (Чин) (18,5 миллион).

Бузургтарин афзоиши воридоти хориҷӣ (расми2) дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки дар он ҷараёни туристӣ дар соли 2018 якбора 190% афзоиш ёфтааст: аз 431 ҳазор дар соли 2017 ба 1,2 миллион нафар дар соли 2018. Аммо, ин асосан аз ҳисоби кушодани марз бо Узбекистон рух дод, яъне аксари ин афзоиш интиқоли марз аст, на сайёҳии классикӣ.

Аз рӯи динамикаи гардиши сайёҳӣ дар соли 2018 ба TOP-10 кишвари аз ҳама динамикӣ Миср (+ 36,8%) ва Тунис (+ 17,7%) низ дохил шуданд. Эквадор 51% афзоиши шумораи сайёҳонро нишон дод, Уганда, ки худро ҳамчун "гавҳари Африка" ҳисоб мекунад, 32% афзоиши шумораи сайёҳони хориҷиро ба қайд гирифтааст.

Тонга, як давлати ҷазиравӣ дар қисми ҷанубу ғарбии Уқёнуси Ором, ба сайёҳони хориҷӣ 28% илова кард, як давлати дигари микро Тувалу бо 11 ҳазор нафар аҳолӣ 35,5% бештар меҳмононро сабт кардааст. Непал қариб 25% афзоишро қайд кард, Словения 23,8% афзоиш ёфтани шумораи сайёҳонро қайд кард. Ветнам инчунин афзоиши муносиби шумораи меҳмонони хориҷиро (19,9%) мушоҳида кард ва онро ба яке аз кишварҳои сайёҳии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ табдил дод.




**Расми 2. Суръати афзоиши воридшавии сайёҳони хориҷӣ (бо %)**

Банақшагирии рушди сайёҳӣ метавонад дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шавад. Дар сатҳи байналмилалӣ, банақшагирии маҳдуд, масалан, Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ, ИА ва ташкилотҳои минтақавии сайёҳӣ амалӣ карда мешавад. Дар сатҳи миллӣ банақшагирии сайёҳӣ нақшаҳои рушди сайёҳиро дар маҷмӯъ барои кишвар дар бар мегирад, аммо онҳо бояд хусусиятҳои минтақаҳои алоҳидаро ба назар гиранд. Дар сатҳи минтақавӣ, нақшаҳои рушди сайёҳӣ нисбат ба нақшаҳои миллӣ муфассалтар ва мушаххас мебошанд ва аз ҳар минтақа фарқ мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар стратегияи рушди худуд ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Ин, пеш аз ҳама, ба мавқеи муосири геополитикии он, таърихи рушд ва таркиби мураккаби этникии аҳолӣ вобаста аст.

Иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ метавонад рушди комплекси истироҳатӣ-фароғатиро, ки дар заминаи иқлими беназири табиӣ ва чашмаҳои сершумор амал мекунад, дастгирӣ кунад, ки аз ҷиҳати таркиб ва сифат аз беҳтарин чашмаҳои минералии ИДМ ва Аврупо камӣ надоранд[11, С.234-239].

Дар айни замон, маҷмааи санаторию курортӣ ва туристии ҷумҳурӣ, сарфи назар аз иқтидори баланди сайёҳии худ, дар бозори хизматрасонии фароғатӣ дар ИДМ мавқеи ночизро ишғол мекунад.

Саноати сайёҳии муосири Тоҷикистон дорои иқтидори азим буда, ба потенсиали беназири табиӣ ва фарҳангӣ асос ёфтааст. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ, санъат, тарзи ҳаёти суннатӣ ва хоси мардум, этнография, манзараҳои нотакрори табиӣ бо минтақаҳои баландкӯҳи худ, ҷангалҳои беназири баргпӯш ва марғзорҳои баландкӯҳ, иқлими хушк, ҳавои тоза, кӯлҳо ва дарёҳо метавонанд ҳар як дархости сайёҳонро қонеъ кунанд ва таваҷҷӯҳи меҳмонони хориҷиро ҷалб кунанд. Аҳамияти таҳқиқот дар мақола аз он иборат аст, ки саноати сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод эътироф карда мешавад. Таҳлили маълумоти оморӣ ва таҷрибавӣ аз афзоиши таваҷҷӯҳ ба маҳсулоти сайёҳии Тоҷикистон ва тамоюлҳои мусоиди тавсеаи бозорҳои фурӯш ва афзоиши шумораи сайёҳон шаҳодат медиҳад.

Бо назардошти он, ки минтақаҳои анъанавии бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба иқтидори фароғатӣ расиданд ва зарурати васеъ ва нав кардани рӯйхати ҳудудҳои ташрифовардаи сайёҳон ба миён омадааст, Тоҷикистон имконият дорад, ки ба системаи сайёҳии байналмилалӣ ворид шуда, дар он ҷо ҷойгоҳи сазовори худро ишғол намояд. Тоҷикистони имрӯза кишвари кӯҳистонест, ки баландиҳои мутлақаш аз 300 то 7495 метр аз сатҳи баҳр баланд аст. 93 фоизи қаламрави ҷумҳуриро қаторкӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ба системаҳои кӯҳии Тиёншон, Ҳисор-Олой ва Помир тааллуқ доранд ва бо заминҳои ҳосилхез ва бойи водии Зарафшон, Фарғона, Ҳисор ва Вахш аз ҳам ҷудо шудаанд. Тақрибан нисфи қаламрави ҷумҳурӣ дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Гуногунии истисноии олами набогот ва ҳайвонот аз ҳисоби релефи мураккаб ва амплитудаи калони баландиҳои системаҳои кӯҳӣ вобаста аст [1]. Тоҷикистон сарзамини пиряхҳои пуриқудрат, қуллаҳои баландтарин, дарёҳои тезҳаракат, кӯлҳои беназири зебо, ҳайвоноти нодир ва набототи беназир аст. Манзараи кӯҳии ошёна беҳамтоӣ ва асолати табиати ҷумҳурӣ, боҳашаматии шаклҳо ва намудҳои онро, ки бо сабаби гуногунии минтақаҳои иқлимӣ пайдо шудаанд, муайян мекунад [2-3]. Дар Тоҷикистон, дар давоми якуним соат парвоз аз сардиҳои арктикии барфҳои абадии Помир, шумо метавонед ба гармии пурғавғои водии Вахш ворид шавед. Манзараҳои табиии Боғи Миллӣ, экологияи беназир ва ёдгориҳои табиӣ намуди аслии худро ҳифз кардаанд [4-5]. Намудҳои нодир ва дучори хатари ҳайвонот ва растаниҳои ба Китоби Сурх дохилшуда, ба монанди арқари кӯҳӣ (Марко Поло), мархор, сика охуи Бухоро, гӯсфанди кӯҳии Бухоро, хирси қаҳваранги Тяншон, паланги барфӣ, ғози кӯҳии ҳиндӣ, рахдор гиен ва дигарон низ ҳифз карда шудаанд. Дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 10 000 намуд ҳашарот, 84 намуди ширхорон, зиёда аз 365 намуди парандагон, 49 намуди хазандагон ва тақрибан 52 намуди моҳӣ ёфт шудааст. Олами набототи ҷумҳурӣ беш аз 5000 ҳазор намуди растаниҳои обӣ, аз ҷумла эндемикҳо бой аст. Ҳудуди боғи миллии Тоҷикистон 60 фоизи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 18 фоизи қаламрави кишварро дар бар мегирад, ки 2,6 миллион гектарро дар бар мегирад. Солҳои охир роҳбарияти Парки миллӣ барои беҳтар намудани вазъи экологӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи Помир ва рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ чораҳо меандешиданд [6].

Мавҷудияти ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ, манбаъҳои табиӣ ва рекреатсионии Тоҷикистон хусусияти маҳсулоти мавҷудаи туристии миллиро муайян мекунанд, ки татбиқ ва пешбурди он дар бозорҳои байналмилалии хизматрасонии сайёҳӣ гардиши сайёҳони хориҷиро ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад. Аз ин вазифа намудҳои муҳимтарини туризми байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешаванд:

- сайёҳии варзишии кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ, экологӣ;

- лижаронии кӯҳӣ, параплан паридан, рафтинг;
- табобат ва истироҳати санаторию курортӣ;
- сайёҳии таърихӣ, маърифатӣ ва этнографӣ;
- экотуризм.

Потенсиали сайёҳии мероси таърихию фарҳангӣ ва захираҳои фароғатӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бомуваффақият ба бозори туристӣ дохил шуда, ба рушди назарраси туризм дар кишвар ноил гардад, ки ин барои афзоиши устувори даромадҳо ва шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад, воруди сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ афзоиш меёбад ва рушди соҳаҳои марбут ба туризм [7-8]. Бо мақсади рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон, ҳукумати кишвар дар бораи содда кардани низоми раводид барои сайёҳони 80 кишвар, ки ҳоло санадҳои вуруд ба қаламрави ҷумҳуриро дар давоми се рӯзи корӣ коркард мекунанд, тасмим гирифт [3].

Помири боҳашамат ва подшоҳӣ, ки дар саросари ҷаҳон бо номи "Боми Ҷаҳон" маъруф аст, яке аз баландтарин баландкӯҳҳои ҷаҳон бо баландиҳои мутлақаш аз 2800 то 7000 метр аз сатҳи баҳр буда, дар Тоҷикистон ҷойгир аст [7-8]. Хатсайрҳои кӯҳнавардӣ ба яке аз қуллаҳои баландтарини Исмоили Самани ва Евгений Корженевский, ки дар баландии зиёда аз 6000 метр аз сатҳи бахр ҷойгиранд, мағораҳо, манзараҳои табиӣ, чашмаҳои минералии обҳои кремний ва карбон, хунук ва ҳароратӣ дар ин ҷо захираҳои бойи туристӣ мебошанд [9]. Ҳар сол дар кишвар экспедитсияҳои байналмилалии кӯҳнавардӣ баргузор мешаванд, ки кӯҳнавардон аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба қуллаҳои баландтарини ҷумҳурӣ мебароянд. Кӯҳнавардон аз тамоми ҷаҳон саъй доранд, қуллаи Исмоили Саманиро (7495 метр) - қутби баландкӯҳи Помирро фатҳ кунанд. Дар соли 2003 ин ба намояндаи Ҷопон Окучи Ҷунҷӣ муяссар шуд. Дар ҳайати аъзои Экспедитсияи байналмилалии кӯҳнавардӣ дар Тоҷикистон, ки ба Соли оби тоза бахшида шудааст, ӯ аввалин шуда ба баландтарин нуқтаи Помир баромад. Дар ҳамон сол, қуллаи баланди Помирро кӯҳнавардон аз Тоҷикистон, Русия, Шветсия, Испания ва Чехия низ бо тӯфон гирифтанд. Аксарияти олимон ва муҳаққиқони Помир онро ҳамчун сарзамини мураккабтарин асрори этнографӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии Осиё ва муқоисаҳои бемисл арзёбӣ карданд [12].

Дар қаламрави ҷумҳурӣ тақрибан 200 чашмаи обҳои гармӣ ва минералӣ мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо туризми табобатӣ-истироҳатӣ ва санаторию курортӣ рушд мекунад.

Машҳуртарини онҳо инҳоянд: истироҳатгоҳи "Хоҷа оби гарм", осоишгоҳҳои "Шоҳамбарӣ", "Зумрад", "Оби гарм", "Хаватаг" ва "Гарм чашма", ки дар он ҷо хидматҳо оид ба табобати бемориҳои роҳи нафас, системаи дилу рагҳо, системаи пешоб, системаи мушакӣ, бемориҳои рӯда ва ҷигар, бемориҳои пӯст ва занона. Дар чашмаҳои гарми осоишгоҳҳои "Гармчашма", "Башор" ва "Шохдара" конҳои оҳаки шакли сангпарто ба вуҷуд меоянд, ки онро травертинҳо меноманд, ки бо зебоии худ дар чашмаи Гармчашма дар 35-километрии шаҳри Хоруғ машҳуранд. Ин чашмаи гарми Гармчашма аз ҳисоби сафедии истисноии травертинҳо аз дур намоён аст ва дар баландии 2325 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо одамон боварӣ доштанд, ки об аз сангҳо дар нишебии қаторкӯҳи Шаҳдараи Помир ҷорист[2]. Аммо, таҳқиқоте, ки олимон дар ибтидои асри гузашта гузаронида буданд, хусусияти шифобахши обро шарҳ доданд. Аммо зоирон, ки ба Гармчашма омаданро идома медиҳанд, то ҳол ин обро муқаддас меҳисобанд ва ба онҳо фарқе надоранд, ки таъсири шифобахши он чист. Ба ғайр аз чашмаҳои гарм, Гарм-Чашма инчунин чашмаҳои хунуки маъданӣ дорад (Хосгунӣ, Чурш, Зунд) бо оби газдори нӯшокӣ (нарзан), ки ҳамчун оби шифобахши табобатӣ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дорои дорои сарватҳои беназири табиӣ ва фарҳанги қадимӣ барои рушди сайёҳӣ дар бозорҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дорои иқтидори бузурги амалишаванда мебошад [13]. Ва барои эҳсос кардан ва дидани экзотика ва манзараи Осиё арзанда аст, ки дар кӯчаҳои таърихии сояафкан дар шаҳрҳои қадимӣ сайругашт карда, ба бозорҳои гуногун ва бойи он бо фаровонии меваю сабзавоти сершумор ташриф оред, дар чойхонаҳо чойи сабзи хушбӯйро бо ороиши кушоди миллӣ бинед, сӯҳбат кунед бо одамон

кӯшиш кунед, ки ба фарҳанг, тарзи ҳаёт, анъанаҳои онҳо биомӯзед ва ҳикмат, табиати хуб, меҳмоннавозӣ ва бузургии ин халқро омӯзед.

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбии зикршуда, дар рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳалли мушкилоти зерин бояд таваҷҷӯҳи ҳамаҷониба зоҳир карда шавад:

1) такмил додани заминаи меъёрӣ ва ба итмом расонидани корҳо оид ба ташкили шаклҳои ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои курортӣ ва туристӣ;

2) фароҳам овардани шароит барои ҷолибияти сармоягузории ҷумҳурӣ ҳамчун минтақаи фароғатӣ, таҳияи механизмҳои ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ;

3) такмили сиёсати нархгузорӣ ва сифати хизматрасонии муассисаҳо, рушди минбаъдаи системаи баҳисобгирӣ ва назорати ҷараёни сайёҳӣ;

4) рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи сайёҳӣ, барқарорсозии истеҳсоли маҳсулоти хотиравӣ;

5) рушди шаклҳои ғайримуқаррарии хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани хатсайрҳои нави сайёҳӣ ва экскурсионӣ;

6) таъмини бехатарии будубош ва истироҳати меҳмонон дар қаламрави минтақаҳои фароғатӣ ва ба низом даровардани системаи бақайдгирӣ ва пардохти онҳо;

7) такмили сиёсати кадрҳо, ҷалби мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, сайёҳӣ, курортологҳо ва кормандони хадамоти сатҳи миёна, гузаронидани аттестатсияи кормандон.

Новобаста аз вазъи имрӯза, мо аминем, ки солҳои минбаъда соҳаи сайёҳӣ рушд намуда, ҳамчун яке аз соҳаҳои воқеан афзалиятдоштаи иқтисодиёти кишвар дар таъмини рушди устуворӣ иқтисодиёти миллӣ ҳиссаи назаррас хоҳад гузошт.

## АДАБИЁТ


1. Блиничкина Н.Ю. Развитие туризма как основа системы экономической безопасности республики Таджикистан // Азимут научных исследований: экономика и управление. 2015. № 4 (13). С. 11-14.
2. Гафуров Б. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. Душанбе1 изд. «Ирфон», 2009. С. 384.
3. Диловаров Р., Еров Дж. Основы Туризма: учебное I пособие: Ирфон изд., 2014. №10. С. 123.
4. Еров Дж., Сайфуллоев М. Рекреационные ресурсы как базовые основы туризма. Душанбе, 2015. С.113.
5. Канаев Е.А. Таджикистан край туризма Душанбе I: Ирфон, 1980. С.168.
6. Кодиров Ф.С. Туристские ресурсы // учеб пособие Таджикистана. Душанбе: изд. Ирфон, 2012. С. 47.
7. Кротов А.В. Таджикистан Памир: Практический и транспортный путе1водите1ль. Изд. Геб-МТ, 2011. С. 160.
8. Пагануцци Н. По горным тропам. Душанбе, Изд-во «Ирфон». 1983.
9. Патрунов Ф.Г. По Таджикистану. Москва, Профиздат.1987.
10. Статистический сборник. Госкомстат РТ, 2019.
11. Султонов З.С. Некоторые пути совершенствования сферы услуг в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2016. № 2/9(218). - С. 234-239.
12. Ширкин В. Тропами Памира и Тянь-Шаня. Душанбе, Изд-во «Ирфон», 1984.
13. Яценко В.С. В горах Памира: природа и животные. Москва: Государственное изд. географической литературы, 1950. С. 39.

**ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ**
**ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ**

**УДК :89.550-1**

**Ғафурова Ҷ. М., Казакова У.С.**

## УМДАТАРИН ХУСУСИЯТҲОИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII АВВАЛИ АСРИ XIX

Дар мақолаи мазкур умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷк дар нимаи аввали асри XVIII ва аавали асри XIX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур чунин андеша дорад, ки рушду тағйирот ва таҳаввули он ба раванди инкишофу пешрафти ҷамъият ва ҳолату авзои он сахт вобастагӣ дорад ва адабиёт ҳам мисли оинаест, ки тамоми ҳусну қубҳи манзараи муайянро метавонад дар худ акс намояд.

**Калидвожаҳо**: адабиёт, маданият, ашъор, тарз, хонигарӣ, ҳикоя,

**Гафурова Дж. М. Казакова У.С.**

## ВАЖНЕЙШИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ВТОРОЙ ПОЛОВИНЫ XVIII ВЕКА И НАЧАЛО XIX ВЕКА

В данной статье анализируются основные черты таджикской литературы первой половины XVIII века и начала XIX века. В этой статье автор считает, что развитие, изменение и эволюция общества тесно связаны с процессом развития и прогресса общества и его состояния, а литература как зеркалу, способному отражать всю красоту определенного ландшафта.

**Ключевые слова:** литература, культура, поэзия, стиль, ханство, рассказ

**Gafurova J.M. Kazakova U.S.**

## MAJOR TRENDS OF TAJIK LITERATURE IN THE SECOND HALF OF THE XVIII CENTURY AND THE BEGINNING OF THE XIX CENTURY

This article analyzes the main features of Tajik literature in the first half of the XVIII th century and the beginning of the XIX th century. In this article, the author believes that the development, change and evolution of society are closely related to the process of development and progress of society and its condition, and literature as a mirror that can reflect the beauty of a particular landscape.

**Keywords:** literature, culture, poetry, style, khanate, story

Адабиёт моҳияти иҷтимоӣ дорад. Рушду нумуъ, тағйироту таҳаввули он ба раванди инкишофу пешрафти ҷамъият ва ҳолату авзои он сахт вобастагӣ дорад ва адабиёт ҳам мисли оинаест, ки тамоми ҳусну қубҳи манзараи муайянро метавонад дар худ акс намояд.

Дар шароити асримиёнавии Шарқ аз ҷумла, дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX-и Осиёи Миёна асосан истеҳсолгарони неъматҳои модию маънавиро деҳқонону ҳунармандон, савдогарони майдаю миёнаи шаҳру деҳот ва зиёиёни пешқадами мамлакат ташкил мекарданд. Дар ин асос халқияти адабиёти давраи номбурдаро мо пеш аз ҳама бе тарзу усулҳои гуногуни адабию бадеӣ тасвир гардидани ҳаёт ва вазъи муҳиту зиндагии истеҳсолгарони майдаю миёнаи шаҳру деҳот ва зиёиёни пешқадам тасаввур карда наметавонем. Аз ин ҷост, ки дар адабиёт вазъи зиндагӣ, чигунагӣ ва аҳволи онҳо дар

шаклҳои шикваю шикоят ва носозӣ бо муҳити тира - шикоят аз гардиши фалаки каҷрави бераҳм, бар муқобили ҳашамату таҷаммули зиндагии табақаи ашроф таҷассум ёфтани аҳволи зиндагии бенавоён, ҳимояи манфиатҳои мазлумон, танкид, зулму ҷадолати табақаҳои ҳукмрон, танқиди афъоли зишт ва ахлоқи фурӯмояи фармонфармоён, танқиди ҳирсу оз ва молу зарпарастиҳои ашроф, танқиди кирдори аҳли хурофот, риёи дин, аз назари манфиатҳои халқӣ, тасвири сахтиҳои аҳволи шахси шоиру субъекти лирикӣ, тасвири хору залилиҳои аҳли фазлу хирад, ситоиши эҳсосоти ишқу муҳаббати поки инсонӣ, васфи манзараҳи зебои табиати кишвар, тарғиби фазилатҳои баланди инсонӣ ва амсоли инҳо ифода ёфтаанд.

Зотан адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX вобаста ба воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии Осиёи Миёна асосан дар сарзамини аморати Бухорову хонияи Хӯқанд парокандаву парешон ҷараён дошт. Ин парешонии қувваҳои адабӣ дар аморати Бухоро ба дараҷот зиёдтар буд. Дар ин доира аҳли адаб бар асари ба илму адабиёт ниҳоят ҳам рағбат доштани амирони аштархониву манғит ҳатто аз пушту паноҳ ва инъомҳои хурдтарин ҳам маҳрум буданд.

Адабиёти ин давраи тоҷик, ки онро муҳаққиқон «адабиёти давраи фоҷиа» [4] номидаанд, дар се хонигарӣ - Бухоро, Хӯқанд ва Хоразм ва чун доираҳои адабии пешин адабиёт дар ду равия - равняи дарборӣ ва равияи пешкадам ҷараён дошт. Инчунин дар ноҳияву вилоятҳои наздику дури аморатҳо низ доираҳои адабии маҳаллӣ вуҷуд доштанд [3].

Дар доираи адабии Хоразм шоирон ба тоҷикӣ асарҳо эҷод намуда, иддае аз он асарҳои бадеиву илмӣ аз забони тоҷикӣ ба забони узбекӣ тарҷума карда мешуданд [1].

Доираи адабии Хӯқанд аз доираҳои дигари адабӣ муташшаккилтару фаъолтар ҳисоб мешуд. Бештари қувваҳои адабии он замон ба Хӯқанд рӯ меоварданд, зеро амирони ин хонигарӣ ба адабиёт хондан таваҷҷуҳ доштанд ва бо роҳи ҷалби қувваҳои маънавӣ ному мақоми хешро мустаҳкам сохтан мехостанд. Амир Умархон шоир буд ва дар замони ҳукмрониаш ба ин доираи адабӣ сарвари мекард. Маҳз бо дастгириву таъсири ӯ илму адабиёт инкишоф меёфт.

Дар ҳоле ки дар аморати Бухоро таназзули сохти иктисоди рӯй дода буд, аз хусуси тараққиёту пешравии адабиёту санъат низ чизе гуфтан душвор аст. Аксари муҳаққиқони таъриху адабиёти ин давр бар он ақидаанд, ки дар натиҷаи буҳрони сахти иқтисодӣ дар Осиёи Миёна ва махсусан, аморати Бухоро барои ривоҷу равнақи адабиёт шароит вуҷуд надошт (мавҷуд набудани давлати мутамаркази устувор, оромию осудагӣ) ва баъдан қувваҳои адабӣ дар ҳолати парешониву парокандагӣ қарор доштанд. Инчунин рақобату задухурдҳои байни хонигариҳо, шуришу ошубҳои халқӣ, ҷудоихоҳиҳои бекигарихо ба рушду қувваҳои маънавӣ монеъ мегардиданд.

Шоирони доираи адабии Бухоро асосан тоҷикзабон буданд. Мақоми забони тоҷикиро дар ин айём академик Б. Ғафуров чунин арзёбӣ намудааст: «Забони тоҷикӣ дар ин давра ҳамоно аҳамияти аввалини худро дар дастгохи давлатӣ нигоҳ дошта, монанди собиқ ҳам дар риштаи адабиёт ва ҳам дар корҳои идоравӣ мавқеи асосиро ишгол мекард» [2].

Аҳли адаб ба ҷуз худи шаҳри Бухоро, ки дар хонаҳои шахсони бофазилат, аз чумла хонаи Муҳаммад Аминхоҷа ва дар китобхонаҳои мадрасаҳо ба мисли китобхонаи мадрасаи Кӯкалтош ҷамъ меомаданд. Ба ваҷҳи парокандагиву марказгурезиҳо ҳамчунин мухолифатнокии сиёсиву иҷтимоӣ боиси парешонии қувваҳои адаби шуда буд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда дар Бухоро ва гирду атрофии он доираҳои хурд-хурди адабӣ, инчунин ҷамъомадҳо дар Самарқанд, Ҳисор, Шаҳрисабз, Дарвозу Кӯлоб ва Бадахшон арзи вуҷуд доштанд, ки шоирони маҳаллиро мутаҳҳид мекарданд.

Парешону аз дарборҳо дур ва бевосита бо ҳаёти мардум наздик зистани аҳли адаб бештар сабаб мешуд, ки дар ашъори онҳо ногузирии вазъи зиндагӣ ва чигунагии аҳволи мардуми шаҳру деҳот зиёдтар инъикос ёбанд ва адабиёт ҳар чӣ зиёдтар ба завки зиндагӣ дараҷаи донишу доираи фикр ва тафаккури бадеии табақаи поёни ичтимоӣ наздик вокеъ

гардад. Мисоли барҷастаи ин мулоҳизаҳо девони ашъори Мирзо Атои Бухорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Мухаммадраҳими Ғарми, Нозили Хӯҷандӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Мирзо Сиддики Фано, Махмуди Махмур, мухаммасоти Маъдани Понғозӣ ва чанд девони шоирони дигаранд.

Ашъори ин шоирон сарфи назар бо баъзе маҳдудиятҳои таърихии худ, чунон ки гуфтем, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва шаклу тарзи баён манфиат ва завқи табақаи поёни ичтимоиро бештар ифода кардаанд. Чунончӣ, яке аз шоирони ин давра Мирзо Содиқ аз назари манфиати халқ касри подшоҳро тасвир карда, чӣ гуна сохта шудани он ва ҳангоми бинои ин қаср дар чӣ аҳвол будани вазъи аҳли мехнату хунарро ин тавр ба қалам овардааст:

Тарошид Фарҳод зери сутун,
Ба ҳар як сутуне яке бе сутун.
Сутунест дар сақфи айвони шоҳ,
Камандест афканда аз дуди оҳ.
Дил аст он ҳама санги зери сутун,
Ки ҳамчун сутун гашта оҳаш бурун.

Тартиби давлати зулмбунёди амири золим ва рафтори мансабдорони тороҷгари ӯро Носеҳи Хатлонӣ дар яке аз ҳикоятҳои маснавии «Ҳайратангез» бо нафрати бепоён маҳкум менамояд. Дар порчаи зерини шеър шоир ба амир муроҷиат карда мегӯяд:

Омилонат сагмиҷозу гургхӯй,
Ҷой карда дар раҳи саҳрою кӯй.
Моли мардумро ба ғорат мебаранд,
Туъмаҳо аз хони мардум мехӯранд.
Худ бидеҳ инсоф, ин чӣ сарварист?
Ин чӣ мирию раиятпарварист?

Дар бисёр шеърҳои шоирони ин давра аҳволи танги шахси шоир, субъекти лирикӣ ва табақаи поёнии ичтимоӣ ифода ёфтаанд. Чунончӣ, Мухаммадраҳими Ғармӣ дар бисёр шеърхояш аз сахтиҳои зиндагӣ ва душвориҳои рузгораш сухан меронад:

Кардаам аҳволи худро борҳо ман имтихон,
Ними ноне шуд насибам, ҳар куҷо як коса об.

Ин сухонро шоире мегӯяд, ки бо дарбори миру вазир ва бо табақаи ашроф ягон иртиботе надошт ва аз пайи зиндагии бечораҳолонаи худ буд. Вай дар ҷойи дигар боз аз ҳамин аҳволи бечорагӣ сухан мекушояд:

Чун тир даромад хунук аз равзани бомам,
Бигзашт зи ҷавшан ба ҳалокат танам имшаб.

Шоир ба воситаи образҳои анъанавӣ аҳволи ногувор ва азобҳои дар зимистон кашидаи худро баён кардааст. Яъне ӯ «хунук» боди сардро ба «тир» ва ҷомаи «пора-пора»-и худро ба «ҷавшан» ташбех намудааст. Ба тасвири аҳволи мардуми оддӣ бештар рӯй овардан ва ба забони гуфтугӯии онҳо хеле наздик ва ҳатто бо ин забони халқӣ шеър гуфтани шоирон ба адабиёти ин давра як навъ обу ранги тоза ва руҳи наве бахшидааст.

Дигар хусусияти намоёни халқияти адабиёти ин давра дар пайвастагии манфиат, талаботи руҳию маънавӣ ва завқи адабию эстетикии табақаи поёни иҷтимоӣ ба самтҳои фолклорӣ, оҳангҳои фолклорӣ, банду бастҳои фолклорӣ ва воқеаҳои таърихию ривоятҳои халқӣ муроҷиат кардани шоирони замон мебошад. Чунончи яке аз шоирони ин давра Мирзо Содиқи Муншӣ мегӯяд:

Ҷам рафту аз ӯ чун сухани ҷом намонд,
Аз Ҷоми Ҷам имрӯз ба ҷуз ном намонд.
Оғози замонаро саранҷоме буд,
Анҷом расиду он саранҷом намонд.

Ин ҷо шоир гуфтан мехоҳад, ки дар кишвари ӯ тартиботи одилонаи Ҷамшед кайҳо аз байн рафта, кунун амирони заҳҳоктабиат фармонфармоӣ доранд. Ба ҷуз ба образҳои

бостонӣ мурочиат кардани шоирон, ки аз он ҷо танҳо як далел овардем, онҳо дар заминаи сюжетҳои халқӣ асарҳои мустақиле эҷод кардаанд. Чунончӣ тарҳ ва композитсияи бадеии «Дахмаи шаҳон»-и Мирзо Содиқи Муншӣ дар заминаи банду баст ва сюжети ривоятии «Дахмаи шоҳон»-и мардуми эронзамин таълиф шудааст.

Мазмун ва сюжетҳои аксари ҳикоятҳои маснавиҳои «Маҷлисафрӯз», «Хайратангез», «Ҳаддиқат-ур-расул»-и Носеҳи Хатлонӣ низ ба эътибори ривояту қиссаҳои омиёнаи халқӣ таълиф ёфтаанд ва ин хусусияти халқӣ дар маснавиҳои номбурда ба хубӣ нигоҳ дошта шудаанд.

«Зарбулмасал»-и Гулханӣ ҳам дар ҳамин давраи адабиёт ба эътибори мақолу зарбурмасал ва нақлу ривоятҳои латифи халқию бузургони гузашта эҷод шудааст. Дар ин асари мустақил зиёда аз 300 маколу зарбулмасал қиссаю ҳикоятҳои зарифи ибратбахш бо ҳамдигар ба таври хосаи бадеӣ табақабанд шудаанд. «Ин асар - мегӯяд Носирҷон Маъсумӣ намунаи барҷастаи ҳаҷви тезутундест, ки дар асоси эҷодиёти даҳонакии халқ офарида шудааст».

Дар ҳамин давра Нозили Хӯҷандӣ «Рубоёти ирсол –ул – масал»-и худро таълиф кардааст, ки дар мисраҳои сеюм ва чоруми 33 рубоӣ ӯ бадоҳатан мақол ё зарбулмасалеро истифода бурдааст.

Чунончи:

Як номи накӯ зи сад ҳазор олам беҳ,
Аз ҷумла шоҳон Бироҳими Адҳам беҳ.
Хуш гуфт Тирозӣ ин суханро бишнав,
«К-овозаи Рустам бувад аз Рустам беҳ».

Дар феҳристи захираи зарбулмасалҳои фолклори тоҷик ин зарбулмасал дар шаш вариант бо андаке тағйир омадааст.

Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар маснавиёти Носеҳи Хатлонӣ низ хеле зиёд истифода шудаанд. Чунончи дар яке аз ҳикояҳои маснавии «Ҳайратангез» зарбумасали зерро овардааст:

Ҷавонро гуфт, эй фархунданоме,
Хӯрем аввал таом, он гоҳ каломе.

Ҳамаи ин далелҳо аз робитаи бо эҷодиёти халқ ва рӯҳияву мароми халқ хеле наздик будани эҷодиёти шоирони ин марҳила гувоҳӣ медиҳанд.

Дар девони Мирзо Соддиқи Фано жанри чистон фасли алоҳидаро ташкил мекунад. Мо то кунун аз шоирони пешгузаштаи Фано касеро ёд надорем, ки дар девони худ ба жанри чистон фасли алоҳидае бахшида бошад. Ба замми ин чистонҳои шоир аз чиҷати мазмуну мундариҷа ва ғояву шакли бадеӣ ба дараҷаи дониш завқу рӯҳия ва тафаккури бадеии халқӣ хеле наздик мебошанд. Дар чистонҳои шоир предметҳои конкретӣ дар ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми оддии шаҳру деҳот бисёр зарур ва ниҳоят мустамали олоти мехнат, ашёи хонаву ҷой, растаниву меваҷот ба монанди: анбӯр, арра, иқроз, сузан, суҳон, тарозу чарх, ҳаллоҷӣ, чароғи сиёҳ, элак, дегмон, сандалӣ, тарбуз, анор, бодом, ва ғайраҳо мавзуи ин фасли асар қарор гирифтаанд. Мисол:

Чист он лӯъбате, ки чун лола,
Дарунаш пур зи барфу ҳам жола.
Мӯниси ҷони кампирон бошад,
Хушии вақти аммаву холла

(Ҳаллоҷӣ)

Ё:

Чист он губанде, ки бе ӯ дар,
Андарун духтарон бувад як сар,
Ҳоли он духтарон чӣ мепурсӣ?
Ҳама хуниндиланд дар чодар.

(Анор)

Дар чистони дуввум аломатхои қиёсшудаи анор дар худ маҷозан ҳаёти занону духтарони замони шоирро таҷассум намудааст. Аз ин мисолҳо маълум аст, ки на танҳо мавзуи чистонҳои шоир ашёҳои мушаххас, реалй, балки образҳои офаридаи он ҳам ба тамом мушаххасу реалӣ ва ба ҳаёти мардуми оддӣ бисёр қарин мебошанд.

Аз ин рӯ, чистонҳои шоир дар баробари омӯхтани унсурҳои ҳақиқатнигории адабиёти ин давраи тоҷик, дар тадқиқ яке аз масъалаҳои мураккабтарини адабиёти классикӣ ва тоинқилобии мо - хислат ва хусусиятҳои миллии халқӣ аз маъхазҳои беҳтарин ва воситаҳои гаронбаҳо мебошанд.

Ба ин тариқ, аз ҳамаи он мулоҳизаҳои мухтасари боло ва мисолу далелҳои гоҳ-гоҳе оварда маълум мешавад, ки;

а) адабиёти тоҷик дар ин давраи мавҷудияти худ бар хилофи адабиёти диннию иртиҷоӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ба тарзу усулҳои гуногуни бадеӣ асосан манфиатҳои табақаҳои поёнии иҷтимоиро ифода ва ҳимоя намуда, аз назари шаклу тарзи баён ба талаботи рӯҳиву маънавӣ ва завқи адабию эстетикии мардуми оддии замон бештар мувофиқ гардидааст.

б) ба адабиёти ин давра вобаста ба воқеаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тасвири аҳвол ва вазъи рӯҳии мардуми «аз равзани бом ба хонааш хунук вазон», «дар кулбаи эҳзони хунук ларзазанон», «мардони бараҳнаҷомапӯш» бевосита зиёдтар дохил шудаанд.

Дар таърихи адабиёти баъди асри XV ва ҳатто дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дигар хусусиятҳои халқиятро ба эътибори материали мушаххаси адабӣ, бо аломатҳои махсуси худ ба ҳар ҳол мушоҳида менамоем, ки ин аксар ҳамон анъанаҳои классикии халқияти адабиёт буд, ки дар шароити амарати Бухорову хонияи Хӯқанд зуҳур намудаанд.

## АДАБИЁТ


**1.**Абибов А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX) /А. Абибов. – Душанбе: «Дониш», 1984. – С 3-4.

**2.** Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби 2. Душанбе. Ирфон. 1985.-С. 157.

**3.** Каримов У.К. Адабиёти точик дар асри ХУ111 ва аввали асри XIX. Душанбе. Дониш,1974. -С.47.

**4**. Маъсумй Н. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. Сталинобод «Маориф» соли -1962. –С. 68. -69.


**УДК 346.5**

**Наботов С. Х.**

## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ ДАР ШАРОИТИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои дастгирӣ ва ҳимояи хуқуқҳои соҳибкорони инфиродӣ дар шароити Пандемияи COVID-19 баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин масъалаи мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар шароити Пандемияи COVID-19 мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, пандемия, COVID-19, қонунгузорӣ, укаммалгардонӣ, дастгирӣ,

**Наботов С.Х.**

**ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЕЙ В УСЛОВИЯХ ПАНДЕМИИ COVID-19**

В данной статье рассматриваются проблемы поддержки и защита прав индивидуального предпринимательства в условиях Пандемия COVID-19. А также проблемы совершенствование законодательство вовремя Пандемии COVID-19.

**Ключевые слова:** предпринимательства, пандемия, COVID-19, законодательство, совершенствование, поддержка,

**Nabotov S.H.**

**STATE SUPPORT FOR INDIVIDUAL ENTREPRENEURS UNDER THE CONDITIONS OF THE PANDEMIC AND COVID-19**

This article discusses the problems of supporting and protecting the rights of individual entrepreneurship in the context of the COVID-19 Pandemic. As well as the problems of improving legislation during the COVID-19 Pandemic.

**Keywords:** entrepreneurship, Pandemic, COVID-19, legislation, improvement, support.

Дар шароити имрӯза ҳаёти иқтисодию ҳуқуқӣ ва сиёсии мамлакатро бе иштироки субъетони ҳоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин дар Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 зикр мегардад, ки "Дастгирии соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад"[8] . Бо шарофати ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва институтсионаливу ташкилӣ барои рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омаданд.

Бо дарназардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати ҳуқуқӣ- иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар мамлакат зиёда аз 330000 ҳазор субъектҳои соҳибкорӣ вуҷуд дорад, ки аз он 160000 ҳазорашро соҳибкорони ифиродӣ ташкил медиҳанд [9].

Бояд қайд кард, ки сабабҳои асосии ба мушкилот мувоҷеҳ шудани соҳибкорон омилҳои зерин мебошанд:

Якум ин санҷишҳои беасос ва ғайринақшавие мебошанд, ки барои рушд ва пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ монеа мешаванд. Дар робита ба ин дар Паёми Президенти ҶТба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 зикр гардидааст, ки «Мо соли ҷорӣ бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон намудем, ки аз он қариб 2000 субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархурдор гардиданд".

Дуюм масъалаи иҷозати мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ аст, ки ин мушкилот солҳои охир низ сабабгори ба бюрократия гирифтор шудани субъектони соҳибкорӣ гардидаистодааст. Дар робита ба ин низ Президенти ҶТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ 14.10. 2017 қайд карданд, ки «Бо ҷорӣ гардидани низоми "Равзанаи ягона" муҳлати бақайдгирӣ барои шахсони ҳуқуқӣ аз 49 рӯз то 5 рӯз ва то 3 рӯз барои соҳибкорони инфиродӣ, шумораи сохторҳои бақайдгиранда аз 4 то 1 ва ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ аз 10 то 6 номгӯй кам гардида,

расмиёти мувофиқакунонии бақайдгирӣ бо мақомоти давлатӣ аз байн бурда шуд» [10], ки ин ҳолат хушбахтона каме ҳам бошад ба кам шудани саргардониҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ сабукӣ овард.

Сеюм, ин ба мушкилот рӯ ба рӯ шудани субъектҳои соҳибкорӣ дар бонкҳо мебошад. Масалан, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ, шумораи зиёди ҳуҷҷатгузорӣ, ва муҳлати бештари барасмиятдарории ҳуҷҷатгузорӣ барои гирифтани қарзҳо ва ғайраҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки давлат бисёр вақт чораҳои заруриро барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо ва дастгирии соҳибкорони инфиродӣ қабул мекунад, ки на ҳама вақт кифоя аст. Бисёр санадҳои қонунгузорие, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳо ва дастгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ равона карда шудаанд ё фаъолияти соҳибкориро танзим менамоянд, ноқисиҳо доранд, бе дарназардошти сиёсати давлатии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд.

Мавҷудияти мушкилот дар танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо рушди минбаъдаи соҳаро боз дошт, балки барои беҳтар гардонидани некуаҳволии сокинони мамлакат монеа эҷод намуд.

Масалан, 22.01.2020 Агентии омори назди Президенти ҶТ эълон кард, ки дар соли 2019 дар маҷмуъ 26 ҳазор субъектони соҳибкор фаъолияти худро қатъ карданд, ки аз он 1.4 ҳазорашро ширкатҳо (шахсони ҳуқуқӣ) ва 24.4 ҳазорашро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон дар ҳамин давра дар мамлакат 36 ҳазор субъектони соҳибкор, ки 1.1 ҳазорашро ширкатҳои хусусӣ ва 35.3 ҳазорашро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд ба қайд гирифта шуданд[1].

Тавре муҳаққиқон қайд менамоянд, «Соҳибкории инфиродӣ яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ ва ҳамзамон субъекти таркибии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба шумор меравад» [4]. Бо назардошти аҳамияти фаъолияти соҳибкорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ, ки дар шаҳри Душанбе 14 октябри соли 2017 баргузор гардид, таъкид намуданд, ки «Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ доир ба таҳким бахшидани шарикии давлат ба бахши хусусӣ, тавсеаи моликияти хусуси, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон ва баланд бардоштани мавқеи соҳибкорӣ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад» [11] .

Дар шароити торафт мураккаб гардидани буҳронҳои иқтисодӣ истифодаи дуруст ва самараноки захираҳои истеҳсолӣ ва бо ин роҳ ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои баланди рушди иқтисодиёт аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати кишвар мебошад. Бешубҳа, тақвияти соҳибкории хурду миёна омили муҳимтарини расидан ба ин ҳадафҳост.

Таъмини рушди фаъолияти соҳибкорон ва истеҳсолот бидуни қарзҳои имтиёзноку дарозмуддат ғайриимкон мебошад. Бо назардошти беҳбудии вазъи молиявии соҳибкорони ватанӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2013 муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» таъсис ёфт. Аз рӯйи муқаррарот, муассисаи номбурда ба соҳибкорон ҷиҳати пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ва воридоти технологияи навин то 12 сол қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Ҳадаф аз ташкили фонди мазкур ба роҳ мондани дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии онҳо дар корҳои созандагию бунёдкорӣ, пешниҳоди қарзҳои хурду миёна бо фоизҳои муносиб, инчунин таъмини рақобатнокии низоми қарздиҳии бонкҳо мебошад[13].

Ҳамин тариқ, аз факту рақамҳои болозикр маълум мегардад, ки заминаи зиёди дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар кишвар дар шароити ғайрибуҳронӣ вуҷуд дорад.

Сархати якуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014 муқаррар менамояд, ки дастгирии давлатии соҳибкорӣ – фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд мебошад. Агар қонуни мазкурро таҳлил намоем, аз моддаи 11 он бар меояд, ки ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Аслан дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми зерин асос меёбад:

- бақайдгирии соҳибкорӣ;
- андозбандӣ;
- иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ;
- санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;
- бақайдгирии молу мулк;
- ҳисоботдиҳӣ;
- танзими зиддиинҳисорӣ;
- содда намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
- қарздиҳӣ;
- мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ.

Мавриди қайд аст, ки ҳамаи шаклҳои ташкили ҳуқуқӣ ва низоми муқарраркардаи қонунгузорӣ, ки дар боло зикраш рафт бисёр хуб тарҳрезӣ шудааст, аммо қонунгузор баъзан ҳолатҳоро дар ин низом ворид накардааст, ки дар натиҷа ҳангоми сар задани шароити масалан, эпидемӣ соҳибкорон, хусусан соҳибкорони инфиродӣ ба хавфу хатар ва таваккали беасос ва ғайричашмдошт, ки ҳолатҳои рафъи оқибати он дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст, дучор мегарданд.

Ҳоло дар тамоми дунё бемории фарогире (пандемия) ва ё COVID-19 ҳукмрон аст, ки барои тамоми бахшҳои хоҷагии ҷаҳон ва халқ хатари бузургеро эҷод кардааст. Короновирус, КОВИД-19 аз охирҳои моҳи декабри соли гузашта дар Вуҳани Чин яке аз кишварҳои тараққикардаи иқтисодӣ, майдони васеи фаъолияти соҳибкорони хурду бузург ва миёна, ошкор гашт, ки 82 ҳазор сокини он мубтало шуда, 3 ҳазор кас ҷон бохтанд. Дар чунин шароит субъектони соҳибкорӣ, махз соҳибкорони инфиродӣ бо сабаби эълони карантин, таътили муваққатии бозору мағозаҳо ва қатъ гаштани савдо зарари зиёди молӣ мебинанд, ки рафъи он бе дастгирии давлатӣ имконнопазир аст. Аксар кишварҳои тараққикарда дар давраи "Пандемия"-и COVID-19 ба субъектони соҳибкорӣ сабукиҳоро тарҳрезӣ карда, тариқи қабули санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ба онҳо ба хотири аз вазъияти мушкил берун шудан ба муҳлати муайян дар шакли аз андоз озод кардан, бахшидани қарзҳои хурд, додани қарзҳои имтиёзнок, бекор кардани иҷорапулӣ, дароз кардани муҳлати пардохти қарзҳои бонкӣ, муваққатан, қатъ кардани пардохти қарз ва фоизҳои бонкӣ ва озод кардан аз андоз ба соҳибкорони инфиродӣ чораҳо андешиданд, ки ҳамчун дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва ғамхорию пуштибонии давлат дар чунин шароит аз соҳибкоронро ифода менамояд.

Мавҷудияти ин беморӣ дар ҶТ 30 апрели соли 2020 аз ҷониби Ситоди ҷумҳуриявӣ оид COVID-19 эълон карда шуд, ки то ҳолати 30.08. 2020 шумораи гирифторони ин беморон ба 8516 ва фавтидагон 68 [14] нафар расидааст, ки миёни онҳо бахши аъзами соҳибкоронро ташкил медиҳад.

Дар мамлакат тибқи Қарори ситоди Ҷумҳуриявӣ оид ба пешгирии COVID-19 ва Қарори раиси шаҳри Душанбе аз 10 майи соли 2020 то 31 майи соли 2020 бо мақсади пешгирии бемории COVID-19 фаъолияти бозорҳо қатъ карда шуд, вале масъалаи андозбандӣ, пардохти маблағи иҷора, фоизҳои бонкӣ ва дигар хароҷотҳои рӯзмараи соҳибкорони хурду миёна ҳамоно мураккаб мебошад, ки ин ҳолат ба муфлисшавии қисми зиёди соҳибкорон оварда мерасонад.

Масалан, дар чунин шароит ҳамсоя кишварҳо Қирғизистону Узбекистон ва Қазоқистон чораҳои саривақти андешиданд. Дар Узбеистон аз 18 майи соли 2020 Фармони Президент "Дар бораи чораҳои навбатӣ дар хусуси ҳимояи аҳолӣ ва субъектони соҳибкорӣ

дар давраи пандемияи Коронавирус”- имзо карда шуд, ки тибқи санади мазкур аз 1 июн то 1 сентябри соли равон субъектони мазкур аз супоридани андоз аз замин ва молу мулк озоданд:

Субъектони соҳибкории хурд;

Бозорҳо ва маҷмӯаҳои савдо;

Корхонаҳои хӯроки омма;

Корхонаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ;

Маҷмӯаҳои варзишӣ ва солимгардонӣ;

Кинотеатрҳо;

Шахсони ҳуқуқие, ки ба кашонидани мусофирон, расондани хизматрасонии рӯзгор, ба иҷора додани биноҳо, ки барои гузаронидани чорабиниҳо пешбинӣ шудаанд низ озоданд.

Ҳамчунин соҳибкорон низ ҳуқуқ доранд андоз аз арзиши иловашударо ба муҳлати 120 рӯз ҳангоми ворид кардани молу маҳсулот ба таъхир андозанд[7]. Ба зами ин санаи 19.05.2020 Президенти Узбекистон дар ҷаласаи фоисалвии (Дистансионӣ-Онлайнии) худ бо аъзоёни Ҳукумат эълон дошт, ки 60 намуди касбу ҳунарҳои гуногун, аз ҷумла; сартарошхонаҳо, дуконҳои пояфзолдӯзӣ, сехҳои қанодӣ, оҳангарон, чӯбтарошон, мусофиркашон (таксистон), тарҷумонҳо, дизайнерҳо, баромасозҳо ва дигар касбу ҳунарҳои худкифо аз андоз озод карда шуданд, ки ба онҳо сабукии ду карата, яъне ҳам қайди электронӣ, супоридани ҳисобот тариқи электронӣ ва ҳам аз андоз озод кардан, ки барои соҳибкорони инфиродӣ дастгирии бесобиқа мебошад[12].

Мутаасифона дар ҶТ Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 тасдиқ шудааст вуҷуд дорад, аммо дар мавриди иҷроиши он дар соҳаҳои давлатӣ баъзе масъалаҳо то ҳол ҳал нашудаанд.

Ҳамин тариқ минбаъд вақте мо ба санадҳои қабулкардаи Ҳукумат дар солҳои ахир муроҷиат кардем ягон банд ё зербанд дар онҳо оиди чунин ҳолатҳо, яъне эпидемия пешбинӣ нашудааст, ки ин ҳолат боиси саргардонии зиёди субъектони соҳибкорӣ гардидаистодааст. Масалан, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 №201 барои солҳои 2012-2020 [2] ва Мониторинги Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 тасдиқ шудааст, [5] ягон ҳолати дастгиришавандаи субъектони соҳибкорӣ дарҷ нагардидааст, дар ҳоле, ки Президенти ҶТ дар вохӯриашон бо корамандони соҳаи тиб санаи 20.05.2020 қвйд карданд, ки “ Тамоми муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, корхонаҳои дорусозӣ, дорухонаҳо ва ширкатҳое, ки ба Тоҷикистон маводи доруворӣ ворид менамоянд, ба реҷаи кори шабонарӯзӣ гузашта, талаботи аҳолии мамлакатро ба маводи доруворӣ ва таҷҳзоту ашёи тиббӣ сари вақт таъмин намоянд [6]. Ҳамзамон дар инҷо соҳибкор дар чунин шароит, ки барои саломатию молу мулкаш хатар ва таваккал рӯи рост таҳдид мекунад, дар кор реҷаи шабонарӯзӣ ба имтиёзҳои давлатӣ ва ё дастгирии давлатӣ ниёз дорад. Мавриди қайд аст, ки доир ба дастгирии соҳибкорони хурду миёна (инфиродӣ) дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби Президент Касым-Жомарт Токаев дар бораи озод кардани соҳибкорони хурд ва миёна аз андоз ба муҳлати се сол, яъне аз 1 январи соли 2020 то соли 2023 қонун ба имзо расид, ки ин дастгирии давлатии бесобиқаи давлат барои субъектони соҳибкорӣ мебошад[3].

Ҳамин тариқ, пешниҳод карда мешавад, ки бо дарназардошти вазъи баамаломадаи ҷаҳонӣ, Ҳукумати мамлакат барои соҳибкорон як қатор чораҳоро аз қабили:

- Таҳия намудани Консепсия ва Барномаи махсуси дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар давраи COVID-19;
- Озод намудани соҳибкорони хурду миёна аз андоз ба муҳлати муйян;

- Баррасии масъалаи додани қарзҳои имтиёзнок ва грант;
- Дар ҳамкорӣ бо бонкҳои мамлакт ба вақти дигар гузаронидани пардохти қарзҳои бонкӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ гирифта шудаанд;
- Озод намудани соҳибкорон аз пардохти муввақатии чеки бозор ва маблағи иҷорапулӣ;
- Озод намудан аз хизматрасониҳои комуналӣ дар шароити бозор
- Муайян намудани реҷаи пардохти қарзҳо аз ҳисоби мул мулки шахсӣ барои соҳибкоронӣ ифнироди, ки масъалаи баҳснок аст;
- Ба қонунгузории амалкунанда ворид кардани тағйиру иловаҳо бо мақсади амалӣ кардани пешниҳодҳои болозикр андешида шаванд.

Гарчанде аллакай фармони Президенти ҶТ дар ин бора қабул гардидааст, аммо фарогири ҳама мушкилоти болозикр намебошад.

Қобили қайд аст, ки таъҷилан андешидани чунин тадбирҳо барои рушду тавсеаи соҳибкорӣ ва дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ амали бесобиқа буда, барои дар оянда пойдор мондани иқтисодиёти мамлакат бо заминаиҳои ҳуқуқӣ муосидат менамояд.

**АДАБИЁТ**

**1.**Авеста., Спутник. [Манбаи электронӣ]: URL: - http://avesta.tj/2016/10/21/registratsiya-individualnyh-predprinimatelej-v-tadzhikistanesnizilasna364/;https://tj.sputniknews.ru/country/20200122/1030585359/tajikistan-2019-predpriyatiya.html. (санаи муроҷиат: 05.04.2020)

**2.** Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 №201 [Манбаи Электронӣ]: (Санаи муроҷиат 20.05.2020) -URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=439

**3.**Законом Республики Казахстан «О внесении изменений и дополнений в некоторые законодательные акты Республики Казахстан по вопросам совершенствования процедур реабилитации и банкротства, бюджетного, налогового законодательства и законодательства о железнодорожном транспорте» [Электронный ресурс]: - URL: https://neonomad.kz/kasym-zhomart-tokaev-osvobodil-malyj-biznesotnalogovna3goda/?fbclid=IwAR2P3qEps5ZLGHtu1H4mA1SDkbzI4W4nS9Gfz_hl1MDe1C3eUbFHp-5VF8g. (Дата обращение: 20.05.2020.)

**4**.Маҳмадшоев Ф. Таъминоти ҳуқуқӣ- иҷтимоии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ. Қонунгузорӣ.- №4 (32), 2018 октябр –декабр. С.57-62.

**5**. Мониторинги Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 [Манбаи электронӣ]: https://investcom.tj/300days/538-monitoringi-nashai-chorabinio.html (Санаи муроҷиат 20.05.2020)

**6.**Мулоқоти Пешвои миллат о роҳбаронну кормандони соҳаи тандурустӣ. (Душанбе, 20.05.2020/ АМИТ «Ховар»/.) [Манбаи электронӣ]: -URL: http://khovar.tj/2020/05/prezidenti-to-ikiston-tamomi-muassisa-oi-so-ai-tandurust-korhona-oi-dorusoz-doruhona-o-va-shirkat-oi-mavodi-doruvor-voridkunanda-ba-re-ai-kori-shabonar-z-guzaronida-shavand/ (Санаи муроҷиат: 20.05.2020)

**7.**Президент Узбекистана Шавкат Мирзиёева 18 мая подписал указ «Об очередных мерах по поддержке населения и субъектов предпринимательства в период коронавирусной пандемии» [Электронный ресурс]: https://centralasia.media/news:1619041 (Дата обращение: 20.05.2020.)

**8.**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 январи соли 2015. [Манбаи электронӣ] - http://www.prezident.tj/node/8136. (Санаи муроҷиат: 13.07.2019).

**9.** Сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои рушди соҳибкорӣ ва сектори хусусӣ. [Манбаи электронӣ] - https://investcom.tj/tj/sokhibkori/43-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html (Санаи муроҷиат: 13.07.2019)
**10.**Суханронии Президенти ҶТ дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ. [Манбаи электронӣ] - https://investcom.tj/tj/mulooti-prezidenti-umurii-toikiston-bo-soibko/87-suhanron-dar-muloot-bo-soibkoron-va-sarmojaguzoroni-vatanivu-hori.html. (Санаи муроҷиат 24.06.219)
**11.**Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] https:president.tj. (санаи муроҷиат 05.04.2020)
**12.** Самозанятые в Узбекистане будут освобождены от подоходного налога. [Электронный ресурс]: https://yep.uz/2020/05/samozanjatye-v-uzbekistane-budut-osvobozhdeny-ot-podohodnogo-naloga/ (Дата обращение: 20.05.2020.)
**13**. Ташрифулло С. “Ҷумҳурият” аз 23.02.2017 №: 41 [Манбаи электронӣ]: https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28248 (Санаи муроҷиат 20.05.2020)
**14** Спутник. (Манбаи электронӣ) Реҷаи дастрасӣ: https://tj.sputniknews.ru/country/20200830/1031813535/Minzdrav-dannye-rasprostranenii-koronavirus-Tajikistan.html (Санаи муроҷиат 30.08.2020)

**УДК 371+379(575.3)**

**Ниёзбекова Г.А.**

## НАҚШИ ХУДИДОРАКУНӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Дар ин мақола нақши технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва худидоракунӣ дар мактабҳои типи нав баррасӣ карда мешавад. Муаллиф мақсадҳои дахлдори тадқиқотро муайян кардааст, ки аз инҳо иборатанд: муайян кардан ва додани асоснокии назариявии шароити педагогӣ, ки самаранокии ташкили технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ва худидоракунии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд мебардоранд.

Тағиротҳои микёсан васеъ дар ҳаёт ва дар тамоми соҳаҳои ташкилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯи усулҳои нави ташкили фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни раванди педагогиро талаб мекунанд. Раванди таълимӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ, таъмини шароит барои худамалисозии фардияти донишҷӯён мебошад. Азбаски ҳам муаллим ва ҳам донишҷӯ тарафҳои фаъоли ҷараён ва субъектҳои фаъолият мебошанд, онро ҳамчун таъсири таълимӣ ва тарбиявии устод ба донишҷӯ баррасӣ кардан ғайриқонунӣ мебуд. Донишҷӯ инчунин дорои захираҳое мебошад, ки ба муаллим таъсир мерасонанд, бинобар ин раванди таълимро метавон мутақобила маънидод кард.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методикӣ бояд стратегияи умумии рушд, принсипҳои асосии фаъолияти педагогӣ, самтҳои асосии амалии кор оид ба рушди ҷорикунии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва худидоракуниро, ки донишҳои муайянеро талаб мекунанд, аз муаллимон, хамчун ташкилотчиёни ин процесс, дошта бошанд.

**Калимаҳои калидӣ:** ҷараёни таълим, навоварӣ, сабаб, худидоракунӣ, роҳҳои бартараф кардани хатогиҳо, самаранокӣ, шахсияти донишҷӯ, фаъолияти ташкилӣ, мушкилоти педагогӣ.

**Ниёзбекова Г.А.**

## РОЛЬ САМОУПРАВЛЕНИЯ И ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье рассматриваются роль инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе и самоуправление в школах нового типа. Автор ставит соответствующие цели исследования: определить и дать теоретическое обоснование педагогических условий, повышающих эффективность организации инновационных технологий в учебно-воспитательном процессе и самоуправление в общеобразовательных школах Республики Таджикистан.

Масштабные изменения в жизни и во всех сферах организации республики Таджикистан требуют поиска новых подходов к организации деятельности всех участников педагогического процесса. Учебно-воспитательный процесс - это целенаправленное создание условий для всестороннего развития личности школьника, реализации индивидуальности учащихся. Поскольку и педагог, и учащиеся являются активными сторонами процесса и субъектами деятельности, было бы неправомерно рассматривать его только как обучающее и воспитывающее воздействие педагога на учащегося. Ученик также располагает ресурсами воздействия на учителя, поэтому образовательный процесс вполне корректно можно охарактеризовать как взаимодействие.

Автор пришёл к выводу, что цели и задачи программно-методических документов должны отражать общую стратегию развития, основные принципы педагогической деятельности, главные содержательные линии работы по развитию внедрение инновационных технологий в учебно-воспитательный процесс и самоуправления, которые требуют определённых знаний, которыми должны обладать педагоги как организаторы этого процесса.

**Ключевые слова:** учебно-воспитательный процесс, инновация, причина, самоуправление, пути преодоления ошибок, эффективность, личность школьника, организационный деятельность, педагогические проблемы.

**Niezbekova G.A.**

## THE ROLE OF SELF-GOVERNANCE AND INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This article discusses the role of innovative technologies in the educational process and self-government in schools of a new type. The author sets the relevant research goals: to determine and give a theoretical justification of pedagogical conditions that increase the effectiveness of the organization of innovative technologies in the educational process and self-government in secondary schools of the Republic of Tajikistan.

Large-scale changes in life and in all areas of organization of the Republic of Tajikistan require the search for new approaches to organizing the activities of all participants in the pedagogical process. The educational process is the purposeful creation of conditions for the comprehensive development of the personality of the student, the implementation of the individuality of students. Since both the teacher and students are active parties to the process and subjects of activity, it would be unlawful to consider it only as a teaching and upbringing effect of the teacher on the student. The student also has the resources to influence the teacher, so the educational process can correctly be described as interaction.

The author came to the conclusion that the goals and objectives of the program-methodological documents should reflect the general development strategy, the basic principles of pedagogical activity, the main substantive lines of work on the development of the introduction of innovative technologies in the educational process and self-government, which require certain knowledge that teachers should have as the organizers of this process.

**Key words**: educational process, innovation, reason, self-government, ways to overcome mistakes, efficiency, personality of a student, organizational activities, pedagogical problems.

Ҳадафи раванди таълимӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда, амалӣ намудани фардияти хонандагон мебошад. Азбаски ҳам муаллим ва ҳам хонанда тарафҳои фаъоли ҷараён ва субъектҳои фаъолият (ҳар яке аз худаш) ҳастанд, танҳо онро ҳамчун таъсири таълимиву тарбиявии муаллим ба хонанда баррасӣ кардан ғайриқонунӣ мебуд. Хонанда инчунин дорои захираҳое мебошад, ки ба муаллим таъсир мерасонанд, бинобар ин раванди таълимро метавон мутақобила таҳлил ва амалӣ кард.

Дар ҳама гуна ҳамгироии одамон огоҳӣ ва мақсаднокии он ошкор карда мешавад. Мақсади иштирокчиёни ҳамкорӣ метавонад умумӣ бошад ё ҳар як иштирокчӣ метавонад ҳадафи худро иҷро кунад. Ба ақидаи мо, муваффақияти ҷараёни таълим, пеш аз ҳама, аз ҳамкории устоди синф бо ҳама иштирокчиёни ин раванд вобаста аст. Як қатор усулҳои нав, самтҳо ва системаҳое, ки айни замон дар корҳои таълимӣ ҷорӣ карда мешаванд, метавонанд дар раванди худидораи технологияҳои инноватсионӣ баррасӣ шаванд, зеро онҳо, чун қоида, онҳо системаи таълимии мактабро комилан тағйир медиҳанд [1. с.123].

“Фаъолияти инноватсионӣ” чист?

Инноватсия зуҳуроти шаклҳо ё унсурҳои нав, инчунин шакли шакл, унсури нав мебошад. Синоними инноватсия мафҳуми "навоварӣ" мебошад. Қадами аввал ба навоварӣ пешрафти педагогӣ мебошад [2. с. 234].

Бино ба акидаи А.С.Макаренко маҳорати педагогӣ ин фаҳмиши хусусиятҳои раванди педагогӣ, қобилияти сохтани он ва дар ҳолати ҳаракат қарор гирифтан мебошад. Муаллими моҳир аз омӯзгори ботаҷриба фарқ мекунад ва, пеш аз ҳама, дар он фарк мекунад, ки ӯ психологияи кӯдаконро хеле хуб медонад. Вай раванди педагогиро моҳирона идора карда метавонад. Дониши психологияи кӯдакон дар сохтори дониши муаллимоне, ки ба аксуламали хонандагон ба амалҳои онҳо ҳассос мебошанд, пешсаф мегардад. Азхудкунии малакаҳои педагогӣ барои ҳар як омӯзгор дар кори мустақилона мавҷуд аст. Он дар асоси таҷрибаи амалӣ ташаккул ёфтааст. Аммо на ҳама таҷриба сарчашмаи такмили касбӣ мегардад. Чунин сарчашма танҳо фаъолияти педагогии пурмазмун буда ва таҳлил карда мешавад.

Инсоният дар давраҳои пеш ҳам шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълимӣ ва ҷамъоварии донишҳои муфид дар бораи худидоракуниро анҷом додааст. Марҳилаи кунунии рушди худидоракунии мактаб бо шарти оғоз ёфтани шӯрои мактабҳо оғоз меёбад. Айни замон қариб дар ҳар як мактаб шӯрои донишҷӯёни мактабҳои худидоракунии маҳаллӣ мавҷуд аст, аммо, мутаассифона, он дар ҳамаи мактабҳо ба маънои воқеӣ кор намекунад [3. с. 145].

Мо асосан дар бораи худидоракунӣ сухан меронем. Панҷ сол пеш, танҳо дар бораи як фоизи ками мактабҳое, ки дар онҳо шӯрои худидоракунии хонандагон фаъолият мекарданд, гуфтан мумкин буд. Сабаби асосии чунин рушди сусти худидоракунӣ на танҳо сарфи назар кардани принсипҳои педагогӣ ва талаботи психологӣ дар ташкили худидоракунии мактаб, балки мавҷуд набудани системаи самарабахши идоракунии ҷорикунии инноватсияҳо дар кори таълимии мактаб бо афзоиши босуръати шумораи навовариҳо мебошад. Дар натиҷа, ин бори вазнини ҳайати омӯзгорон ҳангоми кӯшиши ҷорӣ кардани навовариҳо мегардад [5. с. 67].

Аммо дар мактаб, чун қоида, худидоракунии хонандагон фаъолтар рушд меёбад, хонандагони синфҳои болоӣ дар кор бо хонандагони хурдсол ҳамчун ёрдамчӣ кӯмак мекунанд. Асоси худидоракунӣ принсипҳои зеринро дарбар мегирад: роҳнамоии педагогӣ, фаъолияти фаннӣ, банақшагирӣ, интихоб, мувофиқат, розигӣ, иштироки ҳамаи донишҷӯён. Шӯрои худидоракунии мактаби миёнаро хонандаи синфи болои роҳбарӣ мекунад.
Татбиқи худидоракунии хонандагон тавассути технологияи инноватсионӣ дар мактаб на танҳо вақти иловагиро аз омӯзгорон ва хонандагон талаб мекунад, балки дониши муайянеро, ки муаллимон ҳамчун ташкилкунандаи ин раванд дода метавонанд, бояд доште бошанд [4.с.6].

Ғояи асосии педагогии ҷараёни таълим дар мактабҳои дорои рӯзи тӯлонӣ ин ташкили системаи ягонаи таъсири таҳсилот ба кӯдакон буда, ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамоҳанг мусоидат мекунад. Ҳоло ин ғояҳо ба кори мактаб мусоидат мекунанд.

Тағирот дар муҳити иҷтимоию фарҳангии мактаб зарур аст, зеро зарурати фаврии аз нав дида баромадани системаи мавҷудаи таълим ва таҷдиди он тибқи талаботи муосири илм, техника, ҷомеа вуҷуд дорад.
Худидоракунии хонандагони мактабҳо як ҷузъи зарурии мундариҷаи тарбияи шахсияти муосир мебошад. Бо кӯмаки худидоракунии донишҷӯён шароитҳое фароҳам оварда мешаванд, ки ба рушди устувори шахсии ҳар як донишҷӯ мусоидат мекунанд [6. с. 248].
Ин ташаккули шаҳрвандии кӯдак, ифшои истеъдодҳо, қобилиятҳои ӯ, амалисозии эҳтиёҷот ба эҷодкорӣ, зиндагии ошиқона, дӯстӣ, дониши ҷаҳонӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои ҳар як кӯдак - ин мавқеи бунёдии мост. Дар ҷараёни кори минбаъда сохтори худидоракунии мактаб мувофиқи вазифаҳои умумии муносибати шахспарастӣ дар таълиму тарбия чун: рушди қобилияти шахсии хонандагон, ифшои атои табиии шахси афзоянда такмил дода мешавад. Мақомоти худидоракунии шаҳракро ба мақомоти намояндагӣ ва иҷроия тақсим кардан мумкин аст [7.с. 12].
Таснифи хатогиҳо ва душвориҳо дар ҷараёни таълим ва худидоракуниро тавассути ҷорӣ кардани навовариҳое, ки мушкилоти педагогӣ эҷод мекунанд, инчунин сабабҳои пайдоиши онҳо ва роҳҳои рафъи онҳо баррасӣ карда мешавад [8.с.111].

1. Гурӯҳи хатогиҳои марбут ба дарки моҳияти худидоракунии хонандагон:
• Сабаб: нофаҳмиҳои шаклҳои ташкилии фаъолияти кӯдакон, дониши нокофии қонунҳо ва дастурамалҳо.
• Роҳҳои ҳалли онҳо: омӯзиши талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ.
• Худидоракунии омехтаи хонадагони мактаб.
• Сабаби ин таҷрибаи гузаштаи иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад.
• Роҳҳои ҳалли онҳо: Бо ташкилотҳои кӯдакони дар мактаб фаъолиятдошта шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расондан.
2. Иваз намудани модели худидоракунии донишҷӯён бо модели системаи таҳсилотии муассисаи таълимӣ.
• Сабаб: камии қобилият ва ё аз ҷониби омӯзгорон барои ҷудо кардани зерсистемаи худидоракунии донишҷӯён аз тамоми низоми таълимии мактаб хоста намешавад.
• Роҳҳои ҳалли онҳо: Таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба худидоракунии донишҷӯён ҳамчун худидоракунии технологияи мустақили таълимӣ.
• Сабаб: назари умумии бозӣ ҳамчун як кори сабукфикрона.
• Роҳҳои ҳалли онҳо: Истифода бурдани модели бозии баҳс ҳамчун марҳилаи аввал, масалан, омода кардани дороии як хонандаи мактаб ва рушди унсурҳои асосии худидоракунии воқеӣ.
3. Ҷудо кардани худидоракунии хонандагон аз ҳаёти хонандагони дигар.
• Сабаб: ҳуҷҷатҳои меъёрии нодуруст таҳияшуда, ки салоҳият ва масъулияти мақомоти худидоракунии донишҷӯёнро муайян мекунанд.

• Роҳҳои ҳалли онҳо: Тағйир додани санадҳои меъёрӣ оид ба масъулият ва ҳисоботи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ. Таркиби ин узвҳоро соддатар ва «дастрас» намудан. Ҳангоми ташкили худидоракунӣ тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ инкишофи фаъолияти ҳамаи аъзои дастаи хонандагон, таъйини ваколат ва тағйири роҳбарон муҳим аст.

Технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим ва худидоракунӣ дар мактабҳои типи нав нақши муҳимро мебозад. Дар айни замон, дар литсейи ДДТТ мақомоти худидоракунии донишҷӯён аз технологияи инноватсионӣ фаъолона истифода мебаранд. Ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе онҳо дар ҷаласаҳои худ тахтаи сафедро истифода мебаранд, слайдҳо, презентатсияҳо, видеоҳо нишон медиҳанд ва дар бораи камбудиҳо ва комёбиҳои худ гузориш пешниҳод менамоянд. Худидоракунӣ дар литсейҳо дар таҷрибаҳои дарси кушод, дарсҳо, машғулиятҳои беруназсинфӣ ва дигар шаклҳои фаъолият барои омӯзгорон тавассути ҷорӣ намудани навовариҳо ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст.

## АДАБИЁТ

1. Антология педагогической мысли таджикского народа\сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймони, Х.Авзалов. Душанбе, 2008- 448 с.
2. Бочкарев В.И. Школьное самоуправление в вопросах и ответах / В.Бочкарев, В.Опалихин // Воспитание школьника. - 1996. №2. – с.1483.
3. Гиргинов Г.Г. Наука и творчество. – М.: Прогресс, 1972. – С. 15.
4. Гольдентрихт С.С. Творчество – как философская проблема / В кн. Творчество и социальное познание, М.: МГУ, 1982. – С. 65.
5. Исследование проблем психологии творчества /Под ред. Я.А. Пономарева. – М.: Наука, 1983. – 335 с.
6. Коротов В.М. Самоуправление школьников. – М.: Просвещение, 1981. – 207 с.
7. Лейтес Н.С. Способности и одарённость в детские годы. М.: Знание, 1984. - 80с.
8. Лутфуллоев М. Национальное достоинство (на тадж. яз). Душанбе.: Сарпараст».2003. - 287 с.

УДК 93.930

**Мақсадов Ҳ.И.**

## САҲМИ НАСИРИДДИН ТӮСӢ ДАР ИЛМИ ТРОГОНОМЕТРИЯ

Муаллиф дар мақолаи мазкур муфассал доир ба саҳми Насриддини Тӯсӣ дар илми математика,бахусус трогонометрия андешаҳои худро овардааст.Қайд намудааст,ки дар байни асарҳои математикии Насириддини Тӯсӣ «Шакл –ул- қитта» ё «Рисолаи чортарафаи пурра» махсусан муҳим аст. Ин осори Тӯсӣ ҳамчун сарчашма барои Регионмонт (1436-1476) хизмат кардааст.
**Калидвожаҳо:**Насириддини Тӯсӣ, математика, трогонометрия, постулат, хатҳои мусовӣ.

**Максадов Х.И.**

## ВКЛАД НАСИРИДДИНА ТУСИ В ТРОГНОМЕТРИЧЕСКОЙ НАУКЕ

Автор в данной статье подробно высказал свое мнение о вкладе Насириддина Туси в математическую науку,особенно трогонометрию.Отмечая, что особенно важно среди

математических произведений Насириддина Туси «Шакл-ул-китта» «Трактат о полном четырёхстороннике».Это трактат послужило источником для Регионмонта (1436-1476).

**Ключевые слова**: Насириддина Туси, математика, трогонометрия, постулат, параллельные линии.

**Maksadov Kh.I.**

**CONTRIBUTION OF NASIRIDDIN TUSI TO TRIGONOMETRIC SCIENCE**

The author of this article expressed his opinion about the contribution of Nasireddin Tusi mathematical science,especially trigonometry.Noting that it is particularly important among the mathematical works of Nasiruddin Tusi "of SACL-ul-Kitt" "Treatise on the complete cityrestaurant".This treatise was the source for Regionmont (1436-1476).

**Key words:**Nasireddin Tusi, mathematics, trigonometry, postulate, parallel lines.

Дар тамаддуни асримиёнагии форсу тоҷик дар баробари назму насри волои фосу тоҷик, тамоми риштаҳои улуми табиатшиносӣ, аз он ҷумла нуҷум, риёзӣ, ҳандаса, ҷуғрофия, физик ва кимиё, тибб ва фалсафа, маъданшиносӣ ва ҷонваршиносӣ ва ғайра низ дар авҷи тараққиёт буд.

Халқе, ки ба олами шеъру адаб ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Носири Хусрав, Хайём, Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ ва дигару дигар бузургони адабро ба чаҳон додааст, албатта, дар соҳаи илм низ чунин абармардонро медиҳад.

Асри XIII дар таърихи илм бо номи расадхонаи Мароға ва асосгузор ва бунёдкунандаи он олими бузурги инсклеопедист Хоҷа Насириддин Тусӣ (1201-1274) зиҷ алокаманд аст. Ба вижа дар ҳамин ҳавзаи илми бо рохбарии ин нобиғаи давру замонҳо Хоҷа Насириддини Тусӣ пойдевори илми асримиёнагии хаки тоҷик боз ҳам ривоҷу равнақ ёфт ва барои ояндагон пойдевори илми асримиёнагии хаки тоҷик боз хам ривоҷу равнақ ёфта, пуле гардид. Маҳз Насириддин Тусӣ ва мактаби илмии ӯ анъанаи давраи Сомониёнро аз худ намуда, барои ояндагон як пуле сохтанд, ки собиқаи онро мо дар давраи мактатҳои баъдина, махсусан мактаби ҳавзаи илмии Самарқанд бараъло ҳис менамоем. [2, с. 11 ].

Аз гуфтаи муаррихони торихи илм бармеояд, ки мактаби барпокардаи Хоҷа Насириддини Тусӣ бо тамоми олоту дастовардҳои ҳамонвақтаи илмӣ мучаҳаз будааст. Махсусан расадхонаи Мароға, ки калонтарин расадхонаи то замони худ мебошад ба ин гуфтахо далел шуда метавонад. Он аз олоту абзорҳои нуҷумиву муҳандисӣ иборат буда, назири худро то он замон ва баъдан ҳам надоштааст. [2, с. 14]. Дар акдемияи байналмилалии олимон зиёда аз 100 олимони гуногунмиллату гуногунмаҳзаб паҳлуи ҳам бо роҳбарии алломаи замон Хоҷа Насириддинии Тусӣ таснифу таълиф менамуданд. Насиридини Тӯсӣ дар риштаи математика хело осори боарзиш ва ва шарҳҳо ба рисолаҳои уламои Юнони қадим дорад.

Дар байни асарҳои математикии Насириддини Тӯсӣ «Шакл –ул- қитта» ё «Рисолаи чортарафаи пурра» махсусан муҳим аст. Рисола ба забони форсӣ дар давраи истиқомати Тӯсӣ дар Аламут ва ба забони арабӣ дар шакли каме ихтисоршуда дар Мароға навишта шудааст (1260). Аз байни пешиниёни худ Насириддини Тӯсӣ асосан ба Абӯрайҳони Берунӣ ва китоби ӯ «Калидҳои илми астрономӣ» дар бораи он чи дар рӯи ин сатҳ рух медиҳад ишора мекунад. Дар рисола инчунин аз рисолаи ас-Солор дар ин бора зикр шудааст (Ҳусомуддин Алӣ ибни Фатҳуллоҳ ал-Солор аш-Шомӣ ваф. 1262 - математик ва ситорашиноси дарбори Хоразшоҳон). Ин осори Тӯсӣ ҳамчун сарчашмаҳо барои Регионмонт (1436-1476) хизмат кардааст, ки номаш ба оғози марҳилаи нав дар таърихи тригонометрия алоқаманд аст. [3, с. 57 ].

Рисолаи ат-Тӯсӣ аз панҷ китоб иборат аст. Китоби якум назарияи муносибатҳои мураккабро шарҳ медиҳад. ғояҳои Собит ибни Қурра (908 - 946) - математики маъруфи араб) ва Умари Хайём ((1048-11131)-ро инкишоф дода, Тӯсӣ дар ин ҷо мафҳуми васеи рақамро пешниҳод мекунад, ки он ҳамчун иртиботи ратсионалӣ ва ирратсионалиро муайян менамояд. Дар боби дувуми китоб далелҳои гуногуни теорияи Менели Искандаронӣ (тақрибан соли 100-уми милодӣ) барои ҳамвории чортарафа оварда шудаанд. Дар китоби сеюм мафҳумҳои синус ва камони косинусӣ муаррифӣ шуда, як қатор теоремаҳои тригонометрияи ҳамворӣ исбот карда шудаанд; аз ҷумла, дар ин ҷо қоидаҳои ҳалли секунҷаҳои ҳамворро баррасӣ намуда , теоремаи синуси ҳамворро исбот кардааст. Китоби IV ба исботи ҳолатҳои гуногуни теоремаи Менел барои тасвири сфераҳои чортарафа бахшида шудааст. Китоби V ба усулҳои ҳалли масъалаҳои тригонометрияи сферавӣ бо истифода аз теоремаҳои ивазкунандаи тасвири чортарафа - теоремаҳои тангенсӣ ва теоремаҳои синусӣ сарукор дорад. Дар боби охири китоби V қоидаҳои ҳалли секунҷаҳои сферавӣ пешниҳод карда шудаанд ва барои ҳолате, ки дар секунҷа се кунҷ дода шудааст, мафҳуми секунҷаи қутбӣ ҷорӣ карда мешавад. [4, с. 75 ].

Дарвоқеъ, ба туфайли саҳми илмии Насириддини Тусӣ тригонометрия аз илми астрономия ҷудо шуда, ба як илми мустақил табдил ёфт. Таърихшиноси илм М.М.Рожанская чунин мешуморад: «Тригонометрияро танҳо он вақт як илми комилан мустақил донистан мумкин аст,ки он илми ҳалли секунҷаҳо ва рисолаи трагонометрӣ таснифоти росткунҷа ва каҷкунҷаҳои ҳамвориро ва секунҷаҳои сферикӣ, инчунин алгоритмҳои ҳалли тамоми масъалаҳои хос, алахусус ҳалли секунҷаҳои дар се тараф кунҷ доштаро дар бар гирад. Ин аст он чизе, ки дар рисолаи «Шакл –ул- қитта» ё « Чортарафаи пурра»-и Насириддин Тӯсӣ» оварда шудааст». [5, с. 80 ].

Ба қалами Тусӣ як қатор асарҳоест, ки ба назарияи параллелӣ бахшида шудаанд таалуқ дорад. Аввалан, ин назария дар ҷои мувофиқе дар таҳририи Уқлидус(асри III пеш аз милод), ки аз Тӯсӣ аст баррасӣ карда мешавад. Яке аз нашрияҳои ин рисола соли 1594 бо тарҷумаи лотин дар Рум нашр шудааст. Исботи постулати V аз ин матн бори дигар аз ҷониби Ҷон Уоллис ((1616-1703) - математики англис) нашр шудааст. [1, с. 221 ].

Илова ба назарияи хатҳои параллелии худи Тӯсӣ, дар инҷо танқиди назарияҳои пешгузаштагони худ Ибни Хайсам (965— 1039), Умари Хайём ва Аббос Саиди Ҷавҳарӣ ( нимаи аввали асри IX ) оиди хатҳои параллелии низ оварда шудааст.

Насиридини Тусӣ дар асарҳои математикии худ борҳо гузоришҳои кинематикро истифода кардааст. Барои исботи мавқеи геометрӣ, вай пайваста усули суперпозицияро истифода мебарад (масалан, дар исботи баробарии постулати IV оид ба баробарии кунҷҳои рост, хусусиятҳои диаметри доира ва ғайра), бо вуҷуди ин нишон медиҳад, ки мувофиқати арзишҳои геометрӣ ҳангоми супурдани онҳо танҳо аломати баробарии онҳо кофист. Хатро Тусӣ ҳамчун роҳи масире, ки аз нуқтаи ҳаракат мегузарад, ҳисоб мекунад ва гардишро бо гардиши сегмент муайян менамояд. Пас аз Архимед (287 пеш аз милод - 212 пеш аз милод-математики қадимаи юнонӣ, физик ва муҳандис аз Сиракӯз) ӯ барои муайян кардани шаклҳо аз қабили доира, силиндраи даврагӣ ва конус аз ҳаракат истифода мебарад. Барои муқоисаи хатҳои рост ва каҷ Тӯси шакли дигари ҳаракат - гардишро истифода мебарад. Ӯ мегӯяд, хати рост метавонад ба хати даврӣ ё каҷ кашида шуда, аз росташ даст накашад, яъне хам карда нашавад. Ин тавассути ба даст овардани гардиш дар хати росте, ки ба он ҷазб шуда, ҳангоме ки ба хати рост ҳаракат менамояд, то ба ҳолати аввала бармегардад. Ба ҳамин монанд, бо чархзании сферикӣ Тӯсӣ, он сатҳи канори силиндр ва конусро муайян мекунад ва хусусан гардиши доираро дар дохили доираи радиусаш гуногун қатъ мекунад. Ҳамзамон, мувофиқи ақида Тусӣ хати рост ва каҷ аз қисмҳои воқеан хурди тақсимнашаванда иборатанд - нуқтаҳое, ки ҳангоми ғелиш кардан бартарӣ доранд ва чунин такрорёбӣ дар тамоми ҷараёни ҳаракат рух медиҳад. Дар маҷмӯаи «Арифметикӣ бо истифода аз тахта ва хок» Тӯсӣ усули истихроҷи решаҳои дараҷаҳоро бо истифода аз намуна муфассал шарҳ додааст. Ат-Тусӣ дар ин ҷо як ҷадвали коэффисиентҳои биномӣ дар шакли секунҷа, ки ҳоло

бо секунҷаи Паскал маълум аст овардааст. Тӯсӣ инчунин дар бораи кори Архимед дар бораи чен кардани гардиши доира ва давраву силиндр тавзеҳ додааст. Дар рисолаи «Арифметикӣ бо истифода аз тахта ва хок», ки соли 1265 (Рожанская М.М., Матвиевская Г.П., Лютер И.О. Насир ад-дин ат- Туси и его труды по математике и астрономии в библиотеках Санкт-Петербурга, Казани, Ташкента и Душанбе. Москва 1999) навишта шудааст Насириддидини Тусӣ бори аввал ҷадвали зарби аз даҳ камро (ҷадвали карат) тартиб додааст, ки пешиниён онро надоштанд.

Ҷуфти Тӯси, ё Леммаи Тӯсӣ дар модели муосир: ҳангоми лапиши (ҳаракат) доираи нисфи диаметри дар сатҳи ботинӣ дошта, нуқтаи ибтидоии расиш дар соҳаи хурд ишора шудааст як ҳаракати лапандаи росткунҷаро бо диаметри наздики диаметри калони курра анҷом медиҳад. Ҳамин тавр, ҳаракати ростхатта метавонад ҳамчун маҷмӯи ду ҷараёни гардиши курра бошад, ки аз он хулосаҳои инқилобӣ дар астрономия баровардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, назарияи Тусӣ барои олимони аврупоӣ танҳо дар асри 16 аз ҷониби Николай Коперник кашф карда шуд ва ҳамчун асос барои системаи гелиосентриаш хизмат кард [1, с. 221 ].

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** |
| **1** | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| **2** | 2 | 4 | 6 | 8 | 10 | 12 | 14 | 16 | 18 |
| **3** | 3 | 6 | 9 | 12 | 15 | 18 | 21 | 24 | 27 |
| **4** | 4 | 8 | 12 | 16 | 20 | 24 | 28 | 32 | 36 |
| **5** | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 | 35 | 40 | 45 |
| **6** | 6 | 12 | 18 | 24 | 30 | 36 | 42 | 48 | 54 |
| **7** | 7 | 14 | 21 | 28 | 35 | 42 | 49 | 56 | 63 |
| **8** | 8 | 16 | 24 | 32 | 40 | 48 | 56 | 64 | 72 |
| **9** | 9 | 18 | 27 | 36 | 45 | 56 | 63 | 72 | 81 |

Дар механика дастовардҳои илмии Насириддини Тӯсӣ пеш аз ҳама ба кинематика марбутанд. Дар ин бахши механика саҳми назарраси Тӯсӣ лиммаи ба ном Тӯсӣ буд: агар ду доира бо радиуси R ва 2R дода шуда бошанд ва доираҳои хурд бидуни лағжидани калон давр зада, онро аз дарун даroranд, он гоҳ нуқтаи ихтиёрии M гардиши доираи хурд ҳаракати ростхатаи лапандаро дар тӯли диаметри доираи калон мекунад. Ин лиммаро исбот карда, Тӯсӣ ҳаракати як гардиши хурдро дар натиҷаи ҷамъкунии ду ҳаракати гардиш пешниҳод кард. Аз нуқтаи назари муосир, мо дар бораи ҷараёни мураккаби ҷисми комилан қатъӣ сухан меронем: ҷамъ кардани ду гардиш дар гирди меҳварҳои параллелӣ (ва суръати кунҷии модули ҳаракатҳои нисбӣ суръати кунҷии ҳаракатро ду баробар мекунад ва ба самти муқобил равона карда шудааст); маҷмӯи ду то чунин гардишҳо ҷуфти ба ном «Тӯсӣ» -ро ташкил медиҳанд. Агар ҳар ду гардиш якхела бошанд, пас нуқтаи M лапиши гармоникиро иҷро мекунад. Баъдтар лиммаи ат-Тусӣ аз ҷониби олимон Қутбуддини Шерозӣ (1236 - 1311), Ибни ал-Шотир (1306-1375) ва ғайра ва баъдан Коперник (1473 - 1543) татбиқ карда шуд. Дастовардҳои назариявии Тӯсӣ барои механика аҳамияти бузург доштанд, ки ба мо имкон медод муқобилгузории ду намуди ҳаракатҳое, ки аз замони Арасту бартарӣ доштанд, бартараф кунем: ҳаракатҳои якхелаи даврашакл, ки ба ҷисмҳои осмонӣ ва ҳаракати мустақими дохилии ҷисмҳои заминӣ. Бо ба даст овардани ҳаракати росткунҷа дар натиҷаи ҷамъи намудани ду гиргардиш, Тӯсӣ ба болои ин варта пул сохт ва нишон дод, ки дар ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ ҳаракати ростхата баробар бо гиргардиш иштирок мекунад. Дар натиҷа кинематикаҳои осмонӣ ва заминӣ ба як илми ягонае табдил ёфтанд, ки қонунҳои барои тамоми ҷисмҳои омӯхташуда мавҷуданд. Дар натиҷа кинематикаҳои осмонӣ ва заминӣ ба як илми ягонае бо қонуни умуми барои тамоми чисмҳо омӯхташаванда табдил

ёфт. Натиҷаҳои мушоҳидаҳои 12-солаи ситорашиносони Мароға дар аз солҳои 1259 то 1271 "Зиҷҷи Элхонӣ" буданд. Ин зиҷ дорои ҷадвалҳо барои ҳисоб кардани мавқеи Офтоб ва сайёраҳо, каталоги ситораҳо, инчунин ҷадвалҳои аввали шаш рақамии синусҳо ва тангенсҳо бо фосилаи 1 буд. Дар асоси мушоҳидаҳои ситораҳо Тӯсӣ бисёр дақиқ мавқеи бузургиҳои миқдори баробарии пешакии шабу рӯзро муайян намуд. Насириддини Тусӣ инчунин дар бораи осори Клавдия Птолемей (100 - 170)- "Алмаҷастӣ" ва як қатор рисолаҳои дигари астрономӣ шарҳҳо навиштааст. Рисолаи "Муиния оид ба астрономия", илова бар он, "Зубдаи донишҳо оид ба астрономияи осмонӣ", "Ёддошт дар бораи астрономия". Дар ин силсилаи рисолаҳо, Насириддини Тӯсӣ кинематикаи шахсии худро оиди ҷирмҳои осмонии , ки аз Птоломей фарқ мекунанд, барпо менамояд. Модели кинематикии ҳаракатм Моҳ, ки Тӯсӣ кор карда баромадааст ба леммаи Тӯси ,ки дар боло ишора кардем такя менамояд. Дар рӯҳияи анъанаҳои антиқӣ, ӯ системаи гардиши ҳамворро барои Моҳ ҷорӣ мекунад. Дар байни онҳо ду сфера (хурд ва калон) фарқ мекунанд, ки доираҳои хурду калони лимма ба доираи калони ин сфераҳо табдил меёбанд (яъне сфераи хурд дар дохили як калон ҷой мегирад). Бо истифода аз ин модел, Тӯсӣ тавонистааст, ки суръати кунҷи марказии эписиклии Моҳро нисбат ба мушоҳидаҳои маркази Замин шарҳ диҳад. Аммо, вай аз принсипи ҳаракати даврашакл даст накашидааст (дар ҳоле ки назарияи Птолемейи ҳаракати Моҳ бо истифодаи фарзияи баробар(эквант) аз ин принсип хеле канор рафта буд). Гарчанде ки модели Моҳи Тӯсӣ аз Птолемей аз ҷиҳати дақиқии мувофиқат бо маълумоти мушоҳидашуда зиёд набуд, вай дар таърихи механикаи самовӣ як марҳилаи муҳиме гузошт, марҳилаи муҳим дар рушди усулҳои ғайрипотоломейии моделсозии кинематикӣ-геометрӣ мебошад. Ат-Тусӣ дар моделсозии ҳаракати сайёрот низ ҳамин тавр рафтор кард. Тӯсӣ яке аз аввалинҳоест, ки ғояҳои эволютсиониро дар биология иброз дошт. Тибқи таълимоти ӯ, дар ҷаҳон дар аввал танҳо унсурҳои аввалия буданд. Он гоҳ минералҳо, растаниҳо, ҳайвонот ва одамон тадриҷан аз онҳо пайдо шуданд.

**АДАБИЁТ**

1. Зинджани, Мухаммад Мударриси. Саргузашт ва акоиди фалсафии Ходжа Насириддини Туси. Тегеран, 1363 х. - 221с.
2. Мақсадов. Ҳ. Перомуни нахустин таҳия ва нашри ду асари нодир ва қаламии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар илми нуҷум. Ахбори Академияи илмҳои ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе. №1.2006с, саҳ11-15.
3. Насиреддин Туси. Трактат о полном четырехстороннике. Баку,1952.
4. Насиреддин Туси.Трактат, исцеляющий сомнение по поводу параллельных линий.перевод трактата Б.А. Розенфельд и А.П. Юшкевич, "Историко-математических исследования" 1960, вып.13
5. Рожанская М.М., Матвиевская Г.П., Лютер И.О. Насир ад-дин ат- Туси и его труды по математике и астрономии в библиотеках Санкт-Петербурга, Казани, Ташкента и Душанбе. Москва 1999.

**УДК :89.550-1**

**Ғафурова Ҷ.М.**

## СУХАНЕ ЧАНД РОҶЕЪ БА МИРЗО СИДДИҚИ ФАНО ВА ОБРАЗҲОИ ТОЗАЭҶОДИ Ӯ

Дар мақола тамоюлҳои халқии адабиёти охири асри XVIII ва аввали асри XIX дар заминаи девони Мирзо Сиддик Фанои Истаравшани, ки яке аз манбаъҳои арзишманди адабӣ дар омӯзиши самтҳои пешрафта мебошад, таҳлил карда гардидааст. Инчунин муҳимтарин масъалаҳои дар осори Мирзо Сиддиқи Фано дида баромада шудааст, ки ба таҳкими муносибатҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россияи подшоҳӣ дар натиҷаи густариши муносибатҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ ва шаҳрвандии ду кишвар асос ёфтааст. Ҳамзамон тасвирҳои нави лирикӣ, аз қабили "кофари фаранг", "шарҳаи фаранг", "барқҷавлони фаранг", "яғмои фаранг", "бадмасти фаранг", "калисои фаранг", "фарангизода" ва ғайра мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** маъхазҳо,авохир дастнавис, эҷодиёт, жанр , лирика, тадқиқ, , адабӣ, суханпардозӣ, Хоразм, Хӯқанд

**Гафурова Дж.М.**

## СЛОВА О МИРЗО СИДДИКИ ФАНО И СОЗДАНИЕ ЕГО НОВЫХ ОБРАЗОВ

В данной статьи проанализируются народное тенденции литературы конца XVIII и начала XIX веков на основе дивана Мирзо Сиддика Фаноя Истаравшани, которое является одним из наиболее ценных литературных источников в изучении ведущих направлений. В статье также рассматривается наиболее важный вопрос в творчестве Мирзо Сиддики Фано, в основе которого лежит укрепление отношений между странами Центральной Азии и царской Россией в результате расширения политических, дипломатических, торговых и гражданских отношений между двумя странами. Также проанализированы лирические новые образи, такие как «кофари фаранг», «шарархӯи фаранг», «барқҷавлони фаранг», «яғмои фаранг», «бадмасти фаранг», «калисои фаранг», «фарангизода» и.т.д.

**Ключевые слова;** источники, рукописи, творчество, жанр, лирика, исследования, литература, риторика, фольклор, Хорезм, Хуканд

**Gafurova J.M.**

## MIRZO SIDDIKI FANO AND ABOUT ITS NEW CREATED IMAGES

The article analyzes the folk trends of literature of the late XVIII and early XIX centuries on the basis of the Sofa Mirzo Siddik Fanoy Istaravshani, which is one of the most valuable literary sources in the study of leading directions. The article also discusses the most important issue in the work of Mirzo Siddiqui Fano, which is based on the strengthening of relations between the countries of Central Asia and tsarist Russia as a result of the expansion of political, diplomatic, trade and civil relations between the two countries. Also analyzed lyrical new images, such as “kofari farang”, “shararkhai farang”, “barqjavloni farang”, “yamoi farang”, “badmasti farang”, “kalisoi farang”, “farangizoda”, etc.

**Keywords:** sources, manuscripts, creativity, genre, lyrics, research, literature, rhetoric, folklore, Khorezm, Khukan

Девони Мирзо Сиддиқ Фанои Истаравшанӣ дар тадқиқи равияи пешқадам махсусан, тамоюлоти халқии адабиёти авохири асри XVIII ва аввали асри XIX яке аз маъхазҳои адабии гаронбаҳо буда, нусхае аз он таҳти рақами 468 дар Захираи дастнависҳои шарқии Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст [6].

Дар хусуси Фано, ба ҷуз девони дастнависи худи ӯ, дар дигар маъхазҳои адабию таърихии гузашта маълумоте пайдо нест. Бинобар ин дар омӯхтани ҳаёту эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано сарчашмаи ягона ва гаронбаҳои мо девони дастнависи худи шоир аст. Дар тадқиқи ҳаёту эҷодиёти Мирзо Сиддиқ ибни Тағоймуроди Уротеппагӣ мутахаллис ба «Фано» сарчашмаи ягонаи асосии бисёр гаронбаҳо девони дастхати худи шоир буда, он солҳои 1257-1841 ва 1258-1842 мураттаб ва китобат шудааст. Аз далелу санад ва ишораҳои ин девон равшан гардид, ки Мирзо Сиддиқи Фано дар миёнаҳои охирин чоряки асри XVIII ба дунё омада, дар Уротеппаву Хӯқанд таҳсили илм ва эҷод намудааст.

Аз санаи қитъаҳои таърихии шоир аён аст, ки ӯ то соли 1266-1850 зинда будааст. Чанд сол умр ба сар бурдани Мирзо Сиддиқи Фано маълум нест. Тақрибан ӯ байни солҳои 50- 60 асри Х1Х аз дунё чашм мепӯшад ва ба гуфти кӯҳансолони зодгоҳаш дар мазори гузари Намозгоҳи вилояти Ӯротеппа дафн мегардад.

Алҳол ба мо аз Мирзо Сиддиқи Фано 1410 байт ашъори тоҷикӣ ва 881 байт шеърҳои ӯзбекӣ боқӣ мондааст. Таркиби ин ашъор аз ғазал, рубоӣ, соқинома, қитъа, мухаммас ва чистонҳо иборат аст. Дар девони шоир қасида ҳамчун жанри лирикӣ ҳеҷ гуна мақом надорад. Аз ин рӯ, дар эҷодиёти шоир васфи табақаи ҳокиму ағниё дида намешавад.

Аз мазмуну мундариҷаи ғоявию бадеии жанрҳои лирикии номбурда бар меояд, ки дар эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано рӯҳияи асосӣ ва бисёр ҳузновари мардуми замон, дарду алам, сахтӣ ва душвориҳои ҷонгудози мардуми муҳит, орзуву умедҳои ширин ва наҷиби онҳо бештар ва зиёдтар дар ҳудуди доираи назар, ҷаҳонбини, дараҷаи дониш, одоби сухан, диди адабию эстетикӣ ва психологияи адабии халқӣ муҳокима гардидаанд. Воқеан, ин ҳолат аз тавоноии ҷанбаи халқияти эҷодиёти шоир гувоҳанд.

Субъекти лирикии шоир пайваста нокому номурод аст. Аз ин рӯ вай басо музтариб аст. Ин аҳвол сарнавишти шахси шоир ва субъекти лирикиро ба қисмати халқи ситамкаш сахт омезиш дода, аз якдигар ҷудонопазир мегардонад. Барои шахси шоир ва субъекти лирикӣ мисли мардуми ҷафокаш муҳит ситамканда (в. 22 а), ҳумистон (в. 29 а) ва ниҳоят зулматбод (в. 38 а) аст.

Ҳамин «ситамкории даврон», «ҷаври гандун» ва зулматбодии муҳит шахси шоиру субеъкти лирикиро маҷбур кардааст, ки дар эътирозоти худ ба муқобили он хитобан бигӯяд, ки «Эй Фано, аз ҷаври гардун ҷуз ситам ҳосил нашуд», пас «Хонаи бедодгар аз беху бун барбод бод!» (в.19 а).

Аз ин рӯҳияву эътирозоти шахси шоир дар соқиномаву рубоӣ ва мухаммасоти ӯ боз ҳам мустаҳкамтар идома меёбад. Алоқаи бо халқ бо мардуми оддии кӯчаву бозорӣ, ҳунармандон, савдогарони майдаи шаҳру деҳот ва боғдорону токпарварон бисёр наздики шоир тавассути образҳои лирикии зиёде, ки маҳз хосаи дараҷаи дониш, чаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии ҳамин табақаи иҷтимоӣ аст, ба хубӣ таҷассум ёфтаанд. Мисоли ин образҳои дар ҳаёти ҳамарӯзаи табақаи номбурда мустаъмали «матои ситаму бозори тағофул» (ба муносибати мантиқии мафҳумҳои «матоъ - бозор» ва «ситам – тағофул» диққат намоед), «нақди дилу дину бохти қимор» (накд- қимор, дилу дин – бохт), «чорсӯи муҳаббату қумоши маломат (чорсӯ, қумош, мууҳаббат- маломат), қумоши ҷилваву бозори ҳусн» (қумош – бозор, ҷилва – ҳусн), «матои шеъваю дӯкони ноз (матоъ – дӯкон, шева – ноз), «қумоши ишқу дарди савдо» (қумош – савдо, ишк, дард), «қумоши ишқу тоҷири дард» (қумош – тоҷир, ишқ, дард), «қумоши ҳусну ҷинси савдо» (қумош – савдо, ҳусн – ҷинс), «тоҷири меҳру бозори шавқ» «тоҷири – бозор», меҳр – шавқ), «чорсӯи ишқу бозори суду зиён (чорсӯ – бозори суду зиён, ишқ - суду зиён) ва ғайра мебошанд.

Дигар ҷиҳати халқияти эҷотиёти шоир, баробари мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, бо ҷиҳатҳои рӯҳияву психологӣ, тарзи гуфтор ва бо сурудҳои халқиву асарҳои фолклорӣ

бисёр наздик будани онҳо муайян гардиданд, ки мисоли ин махсусан ғазалҳои «Накард он ёри бепарво ба дарди фирқатам чора – Ман аз бедодиаш афкандам андар ҷайби худ пора», «Манам бо дарди ҷонон рӯзу шаб гадида ҳамхона – Ба ҳиҷрон, ошноям он чунон аз васл бегона», «Зи неши ҳаҷр ҷафоҳо кашидагӣ дилакам – Зи нӯши васл даме ночашидагӣ дилакам» ва ҳамаи он рубоиву соқиномаҳои дар асар дарҷёфта ҳастанд.

Дар нишон додани хусусият ва решаҳои амиқи халқияти эҷодиёти шоир, махсусан, чистонҳои ӯ маводи муҳим ва гаронбаҳои тадқиқ гардиданд.

Сифатҳои ба ҳунармандон нисбат додаи шоир аз қабили дилбари заргар, моҳи ҳалвогар, шӯхи баққол, нигори хоркаш, бути наққош ва амсоли инҳоянд.

Рубоӣ дар тамоми давраҳои адабиёти классикии форсу тоҷик аз жанрҳои мақбул ва дилнишинтарин буд. Адабиётшиноси Эрон Зайнулобиддини Мӯътаман дар «Таҳаввулм шеъри форсӣ» аз ҳамин хусус сухан ронда, таъкид мекунад, ки рубоӣ ҳарчанд ақсоми хурди шеърист, «дар назари соҳибтабъон ва сухвешиносон қадру манзалати рафеъ дорад; ҳам вазни он хуш аст ва ҳам муштамил бар маонии рангин ва дилпазир ва мазомини нағз ва латиф аст» [4].

Аслан маншаи жанри рубоӣ сурудаҳои соф халқӣ буда, ба қавли соҳиби «Ал – муъҷам…» онро дар адабиёти китобатӣ бори нахуст устод Рӯдакӣ дар заминаи вазни як мисраи дар вақти гирдакбозӣ «чаҳормағзбозӣ» аз шодӣ бадеҳатан хондани кӯдаки ғазнинӣ дохил кардааст» [17]. Рубоиро бори аввал устод Рӯдакӣ ва хоҳ писари Яъқуби Лайс (асри VII) гуфта бошад, муҳимтар ин аст, ки вай зодаи табъ ва ихтирои шоирони адабиёти форсу тоҷик аст ва шуарои араб пайрави онҳост [17]. Ба адабиётшиносон кайҳо маълум аст, ки жанри муҳимтарини адабиёти классикӣ (махсусан, қасида, ғазал, рубоӣ ва маснавӣ) аз давраи ба сифати шакли шеърӣ дар адабиёт урф шудани худ тақрибан дар тамоми марҳилаҳои таърихии он шоеъ ва маъруф буданд. Бинобар ин аксарияти ин жанрҳо овони инкишофу такмил, ривоҷу равнақ ва шукӯҳу пешрафти худро ҳам доштанд, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва шанлу ҳаҷм як навъ таъғйире аз сар гузаронидаанд. Мисли оне, ки асрҳои XI-XII дар адабиётшиносии Шарқу Ғарб давраи шукӯҳи жанри қасида, асрҳои XIII XIУ марҳилаи ривоҷу равнақ ва сайқалу муайянёбии жанри ғазал шинохта шудааст.

Дар заминаи чунин меъёр асри равнақи рубоиро бо айёми Хайём ва эҷоди адабии ӯ пайваст медонем, вале ин жанри матбӯъ баргузидатарини халқӣ дар ҳамаи давраҳои таъриди адабиёти классикӣ ҳамоно мунтаззам ривоҷу интишор дошт. Шуарои гузаштаи тоҷику форс дар ин жанри дилкаш мувофиқи завқу салиқа, талаботи руҳия ва диди эстетикии мардуми замонҳо масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, мисли, аз асрори ниҳоии қалб, тараннуми ишқу муҳаббат, васфи маю майгусорӣ, панду ахлоқ карда то ақидаҳои амиқи фалсафӣ – муаммои вуҷуди оламу одам, мавқеи дар ҷамъият доштаи инсон, мазамммати камбудию норасоиҳои тартиботи давраҳои гуногун ва ғайраҳоро ифода кардаанд.

Аз ҷиҳати тарзи адо ва баёни фикр лутфи рубоӣ дар байти дуввум ва хусусан дар мисраи охир ошкор мегардад. Мисраҳои якуму дуввум ва ҳатто саввуми рубоӣ барои ифодаи асли матлаб ва ғарази шоир ба сифати муқаддима ва гузориш хизмат менамояд. Дар он бояд фикри томе чунон муъҷазу тарзи ифодаи фикр дар аксари рубоиёти шуарои саҳибдевони давраҳои гуногун ба монанди Ибни Сино, Фаррухӣ, Анварӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Соиб ва эҷодиёти намояндагони адабиёти охирҳои асри XVIII аввали XIX Мирзо Содиқ, Носеҳи Хатлонӣ, Шавқӣ ва Фанои Истаравшанӣ чун суннати жанри рубоӣ риоя карда шудааст [7].

Дар эҷодиёти Мирзо Сиддиқ Фанои Истаравшанӣ нуқтаи дигари муҳим баъзан ҳангоми истифодаи ташбеҳот кӯшиши аз ҳудуди суханҳои анъанавӣ берун баромадан доштани ӯст. Шоир намехоҳад, ки даҳони ёраш ба «ғунча» ва лаби ӯ ба «барги гул» монанд бошад. Вай мехоҳад, ки маҳбубааш он чи ки дар ҷаҳон нозук аст, аз он нозуктар бошад:

Аз ғунча бувад даҳонат, эй гул нозук,
В – аз барги гул ин лаби ту чандон нозук.
Ташбеҳи туро ба гул муносиб набувад,

Ҳар чиз, ки нозук, туйи аз он нозук. в. 51 а.

Дар ин рубоӣ шоир ба ташбеҳи беназир рӯ овардааст, ки мисоли он дар адабиёти гузашта ниҳоят ба қудрат аст.

Масъалаи дигари муҳим ва ҷолиби диққате, ки дар эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано мушоҳида шуд, дар заминаи то рафт мустаҳкам шудани равобити байни давлатҳои Осиёи Миёнаву Русияи подшоҳӣ, дар натиҷаи афзудани муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, савдоӣ ва рафтуои фуқарои ин ду сарзамин, ба вуҷуд омадани образҳои тозаи лирикии аз қабили «кофари фаранг», «шарархӯи фаранг», «барқҷавлони фаранг», «яғмои фаранг», «бадмасти фаранг», «калисои фаранг», «фарангизода» ва амсоли инҳо аст. Алҳол низ дар адабиёти тоҷик образи «фаранг», «бути фаранг» вуҷуд дошт. Вале он танҳо ва танҳо ҷилваи тахайюлоти шоиронае буда, дар ҳаёти воқеӣ тақрибан заминаи иҷтимоию сиёсие надошт. Лекин дар адабиёти форсу тоҷик образҳои «бути таторӣ», «бути тарозӣ», «бути озар», «бути чин», «чашми турк», «тороҷгари турк», «турки яғмоӣ» ва монанди инҳо заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ доштанд. Чунки ин халқҳо бо мардуми мо бевосита дар робитаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маданӣ мезистанд.

«Дар миёнаҳои асри XVIII ба мулкҳои Русияи подшоҳӣ дохил шудани қисми зиёди Қазоқистон» Осиёи Миёна ва махсусан хонияи Қӯқандро бо Русияи подшоҳӣ бевосита ҳамсарҳад гардонд.

Дар бозорҳои Осиёи Миёна молҳои саноатии Русия ба мисли асбобҳои мисину оҳанини рӯзгор, зебу зинатҳои тиллоиву нуқрагини занона, пӯст, ранг, қанд, газвору матоъҳои гуногун ва дар бозорҳои Русия ашёи хоми Осиёи Миёна, аз ҷумла пахта, мӯина, абрешим, маҳсулоти боғдориву чорво бештар дохил мешуданд. Ривоҷи саноати Русия давлатмандони русро водор мекард, ки ба ин мамлакати макони бузурги ашёи хом ҳарчӣ зудтар ворид шаванд [16].

Аз давлатҳои Осиёи Миёна бо Руссия муносибатхои тиҷоратӣ алалхусус, бо хонияи Ҳӯқанд зичтар буд, ки ин сабабҳои объективии худро дошт. Аввалан, хонияи Қӯқанд бо мулкҳои Русия бевосита ҳамсарҳад бошад, сониян, он дар сари роҳи тиҷоратии аморати Бухоро Русия хобида буд. Корвонҳои Русия аз Петропавловск ва Оренбург бевосита аз роҳи Тошканду Қӯқанд ба Бухорову Бадахшон ва Хитой мегузаштанд. Дар бозорҳои Осиёи Миёна ва хусусан хонияи Қӯқанд ба молҳои саноатии русҳо рағбату талаботи савдогарон ё ва умуман аҳоли зиёд буданд. Савдогарони маҳаллӣ молҳои саноатии аз Русия гирифтаи худ –мис, оҳан, чӯян, газвор, сукно, пӯст ва монанди инҳоро ҳатто ба Кошғар мебароварданд. Савдогарони рус аз ин талаботи бисёр калони молӣ истифода бурда, роҳҳои бо давлатҳои Осиёи Миёна бештар ривоҷ, додани алоқаи тиҷоратро меҷустанд ва ба ин мақсад онҳо экспедицияҳои гуногун ташкил карданд. Русҳо бо ташаббуси В. Голубков ном тоҷир «Ҷамъияти савдои русско-азиат»-ро таъсис намуданд. Ин ҷамъият тавассути роҳи обии Волга –Каспий амал мекард. Дар ин вақт дар Маскав низ чунин «ҷамъияти савдо» ташкил ёфт, ки фаъолияти он то соли 1852 мунтазам давом дошт [12].

Дар байни кишварҳо ба ҷуз алоқаи савдо муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ ҳам пайваста дар амал буданд. Аз нимаи дуюми асри XVIII то солҳои 40-уми асри XIX ба Осиёи Миёна аз Русия 12 маротиба ва аз Осиёи Миёна ба Русия тақрибан ду карат зиёд вакилони гуногуни давлатӣ бо ҳайатҳои бисёр (ба ҳисоби миёна 25 нафарӣ) ташриф овардаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки аз вакилони Русия Ф. Назаров ва Н. Потапин дар Қӯқанду Бухоро муддати дарозе зистаанд [15]. Аз ҳайати сафоратӣ 29 нафари аморати Бухоро, ки соли 1801 ба Петербург рафтааст, шоир ва муаррихи маъруфи замон Мирзо Абдулкарими Бухороӣ дар муддати 8 моҳ дар он ҷо буда, ҳатто дар васфи пойтахти русҳо – шаҳри Петербург манзумае иншо кардааст, ки чанд байти он ин аст:

Чун Хаварнақ қаср дидам дар лаби оби Ниво,
Рафъаташ бигзаштааст аз Каҳкашону аз Суҳоб…
Дар ҷаҳон бисёр дидам шаҳрҳо, лекин набуд
Чун Фитирбурхи мусаффо ҷои хоси интихоб.

Фарши аҷдодаш ҳама аз мармару санги рухам,
Гунбанди зангориаш тобат чу қурси офтоб.
Шамъи кофурӣ ба қандили тил /л/ о афрӯхта,
Чун ҳилолу бадр хубон рӯ кушода беникоб.
Фавҷ-фавҷи маҳвашон рақсу давон бар ҳар тараф,
Хуштаманно тезрафторанд чун моҳӣ дар об [3].

Дар шиносоӣ бо ҳаёт ва тарзи зиндагии мардуми Русия, сафару мушоҳидаҳои аҳли фазлу хиради алоҳидаи Осиёи Миёна низ аҳамияти калон доштанд.Чунончи, Хоҷи Ҳакимхон, ки муаррихи бузурги ин замон буд, бо тақозои шароит чанд муддат дар шаҳрҳои Русия ва тобеъи мулкҳои он – Оренбург, Семипалатинск, Астрахан ва Кавкази Шимолӣ умр ба сар бурдааст [2]. Ҳоҷи Ҳакимхон дар Русия баробари омӯхтани забони русӣ, бо ахли Русия, солдату офитсерон ва табақаи ашрофи он сӯҳбату муоширатҳои зиёде оростааст ва дар Оренбург бевосита бо худи подшоҳи рус Александри II мулоқот доштааст [10]. Ҳоҷи Ҳакимхон баъди сафарҳо умри боқимондаи худро дар Шаҳрисабзу Уротеппа мегузаронад.

Ӯ тафсилоти ҳамаи ин амалу воқеоти сафари Русияро дар боби ёддоштҳои «Мунтахаб-ут-таворих»-и худ бо забони бисёр равону обдорва хеле рангин баён кардааст [1].

Ҳамаи ин факту рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин давра қисми пешқадами мардуми Осиёи Миёна ва хусусан тоҷикон, бо вуҷуди мамониатҳои диниву таассуботи мазҳабӣ ба воситаҳои гуногун чунончи, бо роҳҳои тиҷоратӣ, дипломатӣ, сиёсӣ, маданӣ, саёҳатҳои шахсӣ ва ғайра бо тартиби зиндагӣ ва тарзи ҳаёти аврупоии русҳо як навъ ошно будаанд ва нисбат ба ин тарзи зиндагӣ асосан нигоҳи мусбат доштаанд. Сабаби ин ҳолат, яъне назари мусбати қисми пешқадами мардуми Осиёи Миёна ба Русия дар ин кишвар қиёсан ба русҳо басо беҳудуд ҳукмфармоии ҷабру ситам, бенизомии уламои дин ва беҳуқуқии фуқаро буд. Тақрибан ба ин ҳолат бисёр шоирони замон ишора кардаанд. Чунончи, яке аз шоирони ин давра Нодими Истаравшанӣ, ки ҳамдиёри Мирзо Сиддиқи Фаност, чунин бенизомиҳо ва бедиёнатиҳои уламои диниро фош намуда, руйрост ба ин қарор таъкид кардааст:

Арақрез аст дин аз хиҷлати қуфр офариниҳо,
Мусулмонӣ агар ин аст, руй бар кофиристон ор [13].

Шоири дигари ин давра Нозили Хӯҷандӣ низ асрори дили худро ба ин тарз ифшо мекунад:

Агарчи лаб ба хамӯшӣ супурда зи роҳи диранг,
Дилам ба шӯълапарастии калисои фаранг [14].

Аз иборахо «руй ба кофиристон ор» ва «Дилам шӯълапарастии калисои фаранг» аён аст, ки ҳангоми гуфтани ин шеърҳо Нодиму Нозил нисбат ба тартиби зиндагии русҳо таваҷҷуҳи мусбат доштаанд. Нозил дар байти худ руйирост образи «шӯълаи калисои фаранг»-ро истифода бурдааст, ки воқеан ин ҳолат тасодуфӣ нест. Зеро аз ҳамаи он мулоҳизаву далелҳо ба дараҷаи кофӣ равшан аст, ки дар адабиёти ин давра чунин образҳо мисли пештара танҳо як ҷилва ва шарораи хаёли шоирона набуда, балки дар заминаи муайяни иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии реалӣ падид омадаанд. Ташаккули ин заминаи муайян назар ба аморати Бухоро дар хонияи Хӯқанд дар як дараҷа барҷаста ва мустаҳкамтар мушоҳида мешавад. Ин мушоҳидаро ҳам имкониятҳои васеътари робитаи Русияи подшоҳӣ бо хонияи Хӯқанд ва ҳам (шояд маҳз ба ҳамин восита бошад) дар эҷодиёти шоирони ин ҳавзаи адабӣ бештар дучор омадани шаклҳои гуногуни образи «Фаранг» тасдиқ мекунанд.

Акнун дар эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Хӯқанд, аз ҷумла, Мирзо Сиддиқи Фано зимни образҳои маъмули лирикӣ образҳои дар адабиёти мо ғайримаъмули тозае раҳ ёфтанд. Акнун дар ин ҳавзаи адабӣ субъекти лирикии шоирон дар зимни нолишҳо аз бераҳмиву бедодӣ, ҷафокориву дилсахтӣ, сангдиливу бадхӯӣ, қотиливу бераҳмӣ, ханҷари чашму теғи абрӯй, тороҷгари мулки дилу дин ва дигар кирдорҳои маҳбубагони маҳаллии тоҷику турк бисёр маврид аз бераҳмиву тороҷгариҳои «чашмони кофар», «кофари фаранг», «фарангизодаи баркҷавлон», «теги кофари фаранг» ва монанди инҳо шикоятҳо мекунанд.

Чунончи, субъекти лирикии Мирзо Сиддиқи Фано аз кирдори бади «фарангизодаи бадмаст», ки ӯро ҳам сабру тоқат ва ҳам дилу дин рабудааст, шикоят карда мегӯяд:

Дилу дин бурд аз ман, сӯхт охир хирмани сабрам,
Фарангизодаи бадмасте, шарархӯ, барқҷавлоне рафт. в. 40 б.

Дар ҷои дигари ҳҳақиқати бадеии шоир хуни субъекти лирикӣ аз даҳшати «теғи кофари фаранг» ба зардоб табдил ёфта, зи мижгонаш мерезад:

Хунам зи бими ту, эй кофари фаранг,
Зардоб гашта зи мижгон чакиду рафт. в. 12 б.

Шоир дар тасвири ҳаракати чашмони маҳбубаи «кофари фаранг» ва аҳволи аз он ба танг омадани шахси ошиқ, муболиғаро тавассути ташбеҳи қиёсӣ то бад – ин дараҷа расондааст:

Халал зи кофари чашмаш ба мулки дил афтод,
Фаранг аз паи яғмо ба қасди ки афтод. в. 19 б.

Баъзан субъекти лирикии шоир ба ситамкориҳои «кофари фаранг»-и худ тамоман розист ва сазост, ки домани маъшуқаи ӯ мисли барги гул арғувонӣ бошад:

Доман макаш зи хуни ман, эй кофари фаранг,
Аз барги гул ки манъ кунад ин макони ранг? в. 31 а.

Фано дар ашъори ӯзбекиаш ҳам ба ин образ борҳо рӯй овардааст, ки мисоли он намунаи поён аст:

Бегонага муруввату ҷавр айлар ошнога,
Бир зарра йӯқ, тараҳҳумниг, эй кофари фаранг. в. 65 б.

Гоҳо шоир, чунон ки дар байти сеюми боло дидем, мафҳуми «фаранг»-ро бевосита якҷоя бо «кофар» намеорад. Аммо аз мантиқи байт ва ҷараёни фикр ба хубӣ айён аст, ки ӯ бо образи «кофари чашм» ва ӯзбекиаш «кофар кӯзлар» низ ҳамон маҳбуби «кофари фаранг»-ро дар назар дорад. Ба исботи ин андеша овардани далелҳои зерин кифоя аст:

Ики кофар кӯзларинг оҳанги яғмо соз етиб,
Бузди кунглим кишварин дин накдини айлаб талаф. в. 64 а.

Ба оҳанги яғмои ҳамин ду «чашми кофар» дар байти поёни шоир мижгони хунрези «кофари фаранг» илова шуда, образи ғайри маъмули «ҳиндуи ханҷарбоз»-ро офаридааст, ки воқеан «теғи ҳинду» дар дасти дигарон мустаъмал буд:

Кӯзингдур кофарий, мижгон ила қонтӯкмоқга моил,
Эрур бир ҳиндуий ким дам ба дам ханжар ила уйнар. в. 30 б.

Ба ин тариқ, он чи ки дар ин фасл гуфтем, ҳамагӣ танҳо гузориши масъалаи тозае буда, бо бо эҷодиёти шоирони ин ҳавзаи адабӣ такмилу тавсиаи он яке аз вазифаҳои низдики мост. Бо вуҷуди ин таъкид кардан зарур аст, ки образҳои тозаи номбурда, дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ин давра, махсусан ҳавзаи адабии Хӯқанд заминаи муайяни реалӣ доштанд ва бидуни ин замина дар адабиёт ва образҳои бадеии он бо ин ҳама равшанӣ ва пайдарҳамӣ таҷассум ёфта наметавонистанд

Чунин майли тозагӯиро аз шоирони ин давра дар эҷодиёти Содиқ, Ҳозик, ва Фориғ мушоҳида мекунем, ки Фано аз қабили онҳост. Дар эҷодиёти шоир дар заминаи то рафт мустаҳкам ва тавсиа гардидани робитаҳои сиёсиву дипломатӣ, савдо ва рафтуоҳои фуқарои давлатҳои Осиёи Миёнаву Русияи подшоҳи образҳои дар адабиёти мо ғайримаъмул ва тозаи лирикии «калисои фаранг», «кофари фаранг», «шарархӯи фаранг», «барқҷавлони фаранг», «яғмои фаранг», «бадмасти фаранг», «теғи кофари фаранг», «чашмони кофари фаранг», «фарангизода» ва амсоли инҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар ин давра образҳои номбурда, махсусан, дар ҳавзаи адабии Хӯқанд заминаҳои муайяни иҷтимоию сиёсии реалӣ доштанд.

Мазмуни мундариҷаи ғоявии рубоиёти Мирзо Сиддиқи Фано аз ғазалиёту соқиномаҳои ӯ тафовути чандон намоёне надорад. Дар рубоиёти шоир ба мисли ғазалиёту соқиномаҳои ӯ субъекти лирикӣ аз сохтиҳои замон, ҳаҷри ёри дилсахту бевафо, беқадрии аҳли фазлу камол, зиштковиву хирадношиносиҳои фармонфармоён бо истифодаи

мафҳумҳои умумии «фалак», «даҳр», «даврон» ва монанди инҳо шикоятҳои зор- зоре менамояд. Аммо ин шикоятҳо нолаҳои шахси ба қисмати забуни худ тамоман тан дода нест, балки эътирозҳоеанд, ки ба муқобили он ҳама беназмиҳо ва хирадношиносиҳо равона шудаанд. Чунончӣ, шоир дар рубоии зерин аз кирдори « фалаки сақфбаланд » ва «мураббии даврон» ба дод омада мегӯяд:

Фарёд зи дасти фалаки сақфбаланд,
Парвардаи ӯст, ҳап кучо ҳунду лаванд.
Ҳар чо ки закитабъ бувад хор кунад,
Аз баҳри ғазо бод диҳад заҳру газанд. в. 49 б.

Дар ашъори шоир аз ҷумла, рубоиёти ӯ мазмунҳои ишқӣ доштаи шоир субъекти лирикии ӯ дар орзӯи васли ёр аз чашм «сиришки хун» мебарад (в. 49 б). Заҳри ғами маҳбуба барояд ҳоловат (в. 50 а) [8] ва ёди бӯссаи дилдор ҳаёти ҷовидон (в. 50 б) мебахшад [9]. Субъекти лирикӣ дар роҳи ишқи босафо ва васли ҳаётбахши ёр ба тамоми душвориҳо розист ва ҳамаи онҳоро бо сарбаландӣ пешвоз мегиранд. Дар қисме аз чунин рубоиёти шоир лаҳзаҳое мешаванд, ки ғайри чашмдошти субъекти лирикӣ маҳбуби ҷафокор, дилсахту танноз ва ситамкор ба ӯ бар хилофи ҳукми анъана ва таомули «достони ишқу ошиқӣ» асрори ниҳони дили хешро мекушояд. Воқеан ӯ забон бо шахси ошиқ як мекунад, ки ҳатто он аз ағъёр ниҳон мемонад. Чунончӣ дар ин рубоӣ мисолеро аз он лаҳзаҳо мехонем:

Оҳиста бигуфт дӯш дилдор: эй дил,
Ту бандаи моӣ, на ағъёр, эй дил,
Ин рози нуҳуфтаро ту ба ағъёр магӯй,
Зинҳор, эй дил, ҳазор зинҳор, эй дил. в. 51 а.

Чун аз ин мисолҳо аён аст, рубоиёти Мирзо Сиддиқ аз ҷиҳати услуби баён-интихоби калима, ибора, образ, даираи муҳокимаву ривоҷи тафаккури бадеӣ ва рӯҳияву психалогияи адабии худ ба рубоиёти халқӣ бисъёр наздик воқеъ шудаанд. Ба исботи ин мулоҳиза дар рубоии якум мисраи «фаръёд зи дасти фалаки сақфбаланд», тарзи ифода ва густуриши маони ибораҳои «ҳар кучо лунду лаванд» «аз баҳри ғизо», «заҳру ғазанд», ва дар рубоии дуюм махсусан, мисраи «зинҳор, эй дил, ҳозор зинҳор, эй дил» мисол шуда метавонанд. Шояд сабаби ба ин дараҷа аз ҷиҳати шаклу мазмун ҷанбаи халқӣ ва одоби озодфкрӣ гирифтани рубоиёти шоир, аз як тараф зотан баромади халқии ин жанри лирикӣ бошад, аз ҷониби дигар бевосита бо мардум оддии шаҳру деҳот унс, доштани шоир аст, ки ногузир ин муҳит ба меъёри ӯ нақше гузоштааст. Дар рубоиёти Фано нуқтаи дигари нисбатан ғайри маъмул он аст, ки шоир баъзан ҳангоми истифодаи ташбеҳот майлу кушиши аз ҳудуди суханҳои анъанавӣ берун баромадан дорад. Чунончи, дар рубоии зерин ӯ намехоҳад, ки даҳони ёраш ба «ғунча» ва лаби ӯ ба «барги гул» монанд бошад. Ӯ ташбеҳи ёрашро ба гул муносиб намедонад. Вай мехоҳад, ки маҳбубааш он чи ки дар ҷаҳон ҷозук аст, аз он нозуктар бошад:

Аз ғунча бувад даҳонат, эй нозук
В-аз барги гул ин лаби ту чандон нозук.
Ташбеҳи туро ба гул муносиб набувад,
Ҳар чиз, ки нозук туйи аз он нозук. в. 51 а.

Ба ин тарз, дар ин рубоӣ шоир ба ташбеҳи беназир рӯ овардааст, ки мисоли он дар адабиёти гузашта ниҳоят ба қудрат аст

Чунин кӯшиш аз қайду банди суханҳои аъанавӣ як навъ озодшавӣ ва майли тозагӯиро аз шоирони ин давра дар эҷодиёти Содиқ, Ҳозиқ ва Фориғ мушоҳида мекунем, ки Фано низ аз қабили онҳост

**АДАБИЁТ**

1.Азиз Қаюмов. Қӯқон адаби муҳитӣ. Ташкент. АФ Узбекистон- 1961. -С. 302-303
2.Бунаков. Е.В. Отношении России с средними Азиатскими ханствами в. Х1Хв., Советские Востоковедение 11, М., 1941, -С. 15-16.
3.Гафуров Б.Г. История таджикского народа. М.,1955, -С. 418- 419.
4. Зайналобиддини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ. Теҳрон 1339. –С.91.
5. Исторический Сборник Трудов Исторической комиссии АН СССР № 3, М., 1934, -С. 133.
6. КВР. АН РТ.т. 1У. Душанбе, изд-во «Дониш»1970,-С.123- 124.
7.Каримов У. Адабиёти иочик дар нимаи дуввуми асри ХУШ аввали Х1Х. Душанбе. Дониш. 1974. -С.50-75, 72-78.
8. Каримов. У. Мирзо Сиддиқ Муншӣ. Душанбе. Дониш, 1972, -С.54.
9. Каримов. У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XXIII ва аввали асри XIX. Душанбе. Дониш, 1974. –С. 147.
10.Кушева. Е.Н. Среднеазиатские вопросы и русская буржуазия в 40-е годах Х1Х в
11.Мирзохода Х. Рӯдакӣ ва замони ӯ / Сталинобод, 1958. –С.142-146.
12.Неволсин.П. Очерки торговли России со стран средней Азии Хевой, Бухорой, и Коканией. СПБ. 1856, -С.28.
13.Нодими Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи шахсӣ. В 161 а.
14.Нозил. Девон. Нусхаи рақами 1033. (дш), В.237а.
15.Потапин Н. Записки о Какандской ханстве. Вестник Императорского Русского географического общества ч. ХУ111, СБП. 1852.
16.Федосов. Н.А. Тарихи СССР. Васоити таълим, синфи 8, Душанбе, «Маориф», 1975, -С. 152.
17.Шамсиддин Муҳаммад бини Шамс Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам фи маори ашъор – ил-аҷвм, бо тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Теҳрон.соли.1338. –С. 91.

## МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФОН
## СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

***Аминов Иномджон*** – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики и предпринимательства Института экономики и торговли Таджикского государственного университета в г. Худжанде, 735700, Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони 169. e-mail: i_aminov@mail.ru, тел. +992 92 7709825.

***Ахмедов Каримджон Акбарджонович*** – старший преподаватель Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции г. Худжанд, тел: (992) 929909464, mr.karimjon.tj1986@mail.ru.

***Ашуров Гайрат Давлатович*** - к.э.н., доцент кафедры налоги и страхование Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти 1/2. E-mail: gairat-a@mail.ru. Телефон (+992) 934444609.

***Бахтиери Раджабмурод*** - ассистент кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета. Тел.: +992988209299, Email: izolat.sarabekova@mail.ru.

***Бободжанова Муаттар Муратджоновна*** – Институт Экономики и торговли ТГУК, ассистент кафедры математики и компьютерных технологий. Адрес: Таджикистан, г. Худжанд, проспект И.Сомони 169, E-mail: muattar0183@mail.ru Телефон: 927711330.

***Гадойбоева Нилуфархон Бахромджоновна*** – ассистент кафедры экономики и предпринимательства Института экономики и торговли Таджикского государственного университета в г. Худжанде, 735700, Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони 169. e-mail: nilu2205@bk.ru, тел. +992 92 6411112.

***Гафурова Джамила Музаффаровна*** - страшый преподователь кафедры языков Таджикского государственного университета коммерции. 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Н. Махсум. 111/3. тел: 934066655 mail: djamila1966@mail.ru.

***Гуломов Зикрулло Тошмуродович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, докторант (PhD) кафедры экономика предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: ghulomov.z@mail.ru. Тел.: +992 902626276.

***Давлатов Алиджон Азизхонович*** - докторант PhD кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992) 937220596, E-mail: accounting.tj@mail.ru.

***Джурабаев Гафурджон*** – доктор экономических наук, профессор кафедры государственного и муниципального управления, Институт туризма, предпринимательства и сервиса, тел: (+992) 934369060, E-mail: gafurjon51@mail.ru

***Досиев Махмадшох Назарович*** **-** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, п. И. Сомони, E.mail; dostiev68@mail.ru. тел:(+992)9181196 48.

***Кабутов Курбонали Мирзоевич*** - старший преподаватель кафедры менеджмент и экономика труда Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: 935-24-21-91, E-mail: kabutov83@mail.ru.

***Казакова Умринисо Санговна*** - доктор филологических наук, профессор кафедры языков Таджикского государственного университета коммерции. Тел.: +(992)931007566.

***Каримов Баходур Хасанович*** – Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и аудит. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5, E-mail: bahodurkarim@mail.ru. Тел.: +992 907908210.

***Курбонов Абдукарим Рахимович*** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налоги и страхование Таджикского государственного университета коммерции. Тел.: (+992) 934444150, E-mail: qkarim@mail.ru.

***Максадов Хабибулло Исматович***- старший преподаватель кафедры высшей математики и естественных наук Таджикского университета коммерции. Телефон:(+992) 917947173. E-mail:maksadov.1961@mail.ru.

***Мараимов Бахром Мирзоевич*** - кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры маркетинг и коммерции Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: 987 -33-31-03, E-mail: bahrom21182@mail.ru.

***Мизробов Саидафзал Саидходжаевич*** - старший преподаватель кафедры менеджмента и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992)935997019, E-mail: saidafzal82@mail.ru.

***Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич*** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992) 937473109, E-mail: abdumalik001@mail.ru.

***Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич*** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции. E-mail: menegment_08@mail.ru. Тел.: (+992) 93 444 41 45.

***Мирзоалиев Ёкубджон Абдувохидович*** - докторант PhD кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: (+992) 934017181, E-mail: yokubjon93@inbox.ru.

***Мулоҷонов Баҳодур Абдужаборович*** – старший преподаватель кафедры программирования и компьютерной инженерии Технологического университета Таджикистана. Тел.: (+992) 907 99 66 77. E-mail: m_bahodur@list.ru.

***Наботов Сиёвуш Холмуродович*** – старший преподаватель кафедры экономического права Таджикского государственного университета коммерции. Тел.: +992900015101, email: nabotov@inbox.ru.

***Назарова Назира Саидкодировна*** - преподаватель кафедры математики и экономики, Энергетический институт Таджикистана. Тел: 777076570.

***Нидоев Шохрух Нозимджонович*** – соискатель кафедры экономической теории Таджикского национального университета. Тел: (+992)900617777, E-mail: shohrukh-1983@mail.ru.

***Ниёзбекова Гулиджахон Алибековна*** - соискатель Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734055, г.Душанбе, ул. Дехоти 1/2. тел: (+992 37) 2348626, E-Mail: tguk@mail.ru.

***Оймахмадов Акмал Гулмахмадович*** - старший преподаватель Финансово-экономического университета Таджикистана. Тел.: (+992) 985-268-705

***Оймаҳмадов Гулмахмад Нигматович*** - к.э.н., доцент Финансово-экономического университета Таджикистана. Тел.: (+992) 918-64-79-46.

***Раджабов Раджаб Кучакович*** – д.э.н., профессор Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе ул. Дехоти ½, Тел.: +992934444107, Email: drrajab@mail.ru.

***Расулов Гафур Расулович*** - к.э.н., доцент Таджикского государственного университета коммерции, научный сотрудник Центра исследования инновационных технологий при НАН Таджикистана. E. mail. rasulov53@mail.ru. Тел.:(+992) 93-419-18-81

***Розиев Дилшод Астанакулович*** – Таджикский национальный университет, аспирант. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: dilshod-_01.06@mail.ru. Тел.: +992 988861718.

***Сарабекова Изолат Закратовна*** – кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета. Тел.: +992901111589, Email: izolat.sarabekova@mail.ru.

***Сафаров Абдували Махмадсаидович -*** соискатель кафедры менеджмент и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992) 980320101

***Субхонкулов Изатулло Астанаевич - с***тарший преподаватель кафедры бухгалтерский учет и аудит Таджикского государственного университета коммерции ул. Дехоти 1/2, 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, тел.: (+992) 934 44 46 30, Email: izatoollo@mail.ru.

***Султонов Зоиршо Султонович*** – к.э.н., и.о., доцента кафедры налоги и страхование Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: +(992) 937266050, E-mail: zoir1978@gmail.com.

***Тулиев Мухаммадулло Сарваркулович*** – старший преподаватель кафедра информационных систем в экономике, Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992)939000446, E-mail: mukhammad.ali.82@mail.ru.

***Ходжаев Диловар Хайриддинович -*** ассистент кафедры экономика и организация бизнеса Таджикского государственного университета коммерции, тел: (+992)987526060, E-mail: khojaev02@mail.ru.

***Ходжаев Парвиз Давронович -*** доктор экономических наук, профессор кафедры международные экономические отношения Таджикского государственного университета коммерции, 734061, г. Душанбе, ул. А. Дехоти, ½, Республика Таджикистан; тел.: (+992) 938607503, Email:hojaev123p@mail.ru.

***Шаропов Афзалшо Джанобилович*** - соискатель кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Тел. (+992) 935799494, E-mail: a_sharafov@mail.ru.

***Юнусова Махбуба Махмуродовна*** – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного университета коммерции. Тел.:+(992)934445499, Email: yu_yunusova@mail.ru.

| МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН | ПАМЯТКА ДЛЯ АВТОРОВ |
|---|---|
| 1. Маводи ба нашр пешниҳодшаванда бояд аслӣ буда, дар дигар маҷаллаҳо нашр нагардида бошад. Мавод дар асоси адабиёти илмии муосир бо назардошти навгониҳои илмӣ коркард гардида бошад.<br>2. Муаллиф(он) ба идораи маҷалла 2 нусхаи мақоларо ба суроғаи 734061, ш.Душанбе, к. Деҳотӣ 1/2 оварда мерасонад, инчунин шакли электронии маводро ба почтаи электронии vestnik-tsuc@mail.ru мефиристад.<br>3. Маълумот оид ба муаллиф(он) дар охири мақола бо забони русӣ ба таври зерин оварда мешавад:<br>***Султонов Зоиршо Султонович*** – кандидат экономических наук, доцент, Таджикский государственный университет коммерции, тел: (+992) 937266050, E-mail: zoir1978@gmail.com.<br>4. Насаб ва номи муаллиф (Фамилия И.О.), номи мақола, фишурдаи мақола (то 600 калима), вожаҳои калидӣ (7-10 калима), руйхати адабиёти истифодашуда (то 10 номгуй).<br>5. Ҳаҷми мақола (хуруфчинии компютерӣ) на зиёда аз 0,5 ҷ.ч. (8 саҳ.) бо назардошти шакли А4, ҷадвалҳо ва расмҳо.<br>6. Мақола дар шакли MS Word, шрифти Times New Roman (TJ), андозаи 12, интервали 1. Сохти саҳифа: боло ва поён -2 см, рост -1,5 см, чап -3 см.<br>7. Ҷадвалҳо, расмҳо ва схемаҳо бояд ғайриранга, дорои рақам ва ном бо нишондоди сарчашма, амсоли [12, с. 77] коркард шавад.<br>8. Барои ҷадвал ва расмҳо шрифти Times New Roman (TJ), андозаи 12, интервали 1 истифода бурда шавад.<br>9. Воҳидҳои ченак ба таври зайл (м, кг, сомонӣ ва ғ.), сол монанди «с.» навишта мешавад.<br>10. Нохунакҳои китобӣ («») истифода бурда шавад. Тире бошад (–) ва дефис (-) истифода шавад.<br>11. Руйхати адабиёт дар охири саҳифа оварда шуда, дар матни мақола истинод дода мешавад. Адабиёти аз забонҳои хориҷа истифодашударо ба забони аслиаш гузошта мешавад ё тарҷума намуда калимаи «тарҷума» илова карда мешавад.<br>12. Номҳои ширкатҳои хориҷӣ, институтҳои молиявӣ бо ҳарфҳои лотинӣ, бе истифода аз нохунак ва шакли сиёҳ навишта мешавад. Баъди истифодаи насаби олимони хориҷӣ, роҳбарони ширкатҳо ҳангоми истинод надодан, дар қавс бо ҳарфҳои лотинӣ навишта мешавад.<br>13. Маводҳо (мақолаҳо)-и дорои дараҷаҳои «махфӣ» ё «барои истифодаи хидматӣ» дар маҷалла нашр карда намешавад.<br><br>***Дар ҳолати зарурӣ ҳайати таҳририя ҳуқуқ доранд, ки ҳаҷми мақоларо то андозаи даркорӣ кӯтоҳ намоянд.*** | 1. Материал, предлагаемый для публикации, должен быть оригинальным, не опубликованным ранее в других изданиях, написан в контексте современной научной литературы и содержать очевидный элемент создания нового знания.<br>2. Автор(ы) присылают в редакцию 2 экземпляра статьи (подписанной автором) в печатном и в электроном виде по (электронной) почте для иногородних авторов по адресу: 734061 Душанбе, ул. Дехоти 1/2, E-mail: vestnik-tsuc@mail.ru; drrajab@mail.ru;<br>3. Информация об авторе(ах) оформляется следующим образом:<br>***Султонов Зоиршо Султонович*** – кандидат экономических наук, доцент, Таджикский государственный университет коммерции, тел: (+992) 937266050, E-mail: : zoir1978@gmail.com<br>4. Фамилия и инициалы (Фамилия И.О.), название статьи, краткая аннотация статьи (до 600 печ. знаков), ключевые слова (7-10 слов), библиографический список, на который дана ссылка в тексте статьи (до 10 наименований).<br>5. Объем статьи не должен превышать 0,5 п.л. (1800 п. знаков -8 стр.) компьютерного текста формата А4, включая таблицы, список литературы и рисунки (схемы).<br>6. Файлы с текстом статьи и сведениями об авторе оформляются в формате MS Word, шрифт – Times New Roman, Times New Roman TJ, размер-12 пт, интервал- 1. Поля: верхнее, нижнее – 2 см, правое - 1,5 см, левое – 3 см.<br>7. Таблицы, рисунки и схемы должны быть: черно-белыми, пронумерованы и озаглавлены, снабжены ссылками на источники, например [12 , с .77].<br>8. Для оформления таблиц и рисунков необходимо использовать следующие параметры: шрифт- Times New Roman (TJ), размер – 12 пт, интервал – 1.<br>9. Обозначения единиц измерения различных величин (м, кг, сомони и т.д.), сокращениями типа «г.» (год).<br>10. При использовании в тексте кавычек используется типографские кавычки («»). Тире обозначается символом «–» (длинное тире); дефис «-».<br>11. Библиографический список приводится в порядке упоминания в конце статьи. Ссылки на иностранные источники даются на иностранном языке и сопровождаются, в случае перевода на таджикский или русский язык, с указанием на перевод.<br>12. Названия зарубежных компаний, финансовых институтов приводятся в тексте латинскими буквами без кавычек и выделений. После упоминания в тексте фамилий зарубежных ученых, руководителей компаний и т.д. на русском языке, в круглых скобках приводится написание имени и фамилии латинскими буквами, если за этим не следует ссылка на работу зарубежного автора.<br>13. Материалы (статьи), содержащие информацию с грифом «Секретно» или «Для служебного пользования» не могут быть опубликованы в данном журнале.<br><br>***Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать объем статьи, подвергая их редакционной правке.*** |

| ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА БА ИДОРАИ МАҶАЛЛА | ПОРЯДОК ПОЛУЧЕНИЯ ПОСТУПИВШИХ В РЕДАКЦИЮ МАТЕРИАЛОВ |
|---|---|
| Ҳангоми қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, баъди баррасии ҳайати таҳририя барои тақриз ба мутахассиси соҳа супорида мешавад. Баъди гирифтани тағризи ғайриқаноатбахш мақола ба муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳо баргардонида мешавад.<br>Муаллиф метавонад дар муддати 15 рӯз аз ҳолати мақолаи худ тариқи телефонҳои (+992) 93 44 44 107, (+992 37) 234 85 44 ё почтаҳои электронии vestnik-tsuc@mail.ru, drrajab@mail.ru хабардор шавад.<br>Дар ҳолати мақолаи бори дувум аз ҷониби муаллиф коркардшудаи қобили қабул бошад, мақола барои чоп бори дувум қабул карда мешавад. | По получении статья регистрируется, рассматривается редакционной коллегией и направляется на рецензию специалистам по данной тематике. При получении отрицательных отзывов - статья передается автору для доработки.<br>Автор может узнать результаты рецензирования в течение 15 дней и о судьбе своей статьи позвонив в редакцию по тел. (+992) 93 44 44 107, (+992 37) 234 85 44; или прислав запрос по электронной почте в редакцию E-mail: vestnik-tsuc@mail.ru; drrajab@mail.ru.<br>Если переработанная автором с учетом принципиальных замечаний рецензента и редакции, статья удовлетворяет требования опубликования, она принимается обратно редакцией журнала. |

| ҚОИДАҲОИ ТАҚРИЗ ШУДАНИ МАҚОЛАҲОИ ВОРИДШУДА | ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ РУКОПИСИ СТАТЬИ |
|---|---|
| *Ҳар як мақолае, ки ба идораи маҷаллаи* **«ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН»** *ворид мегардад, ҳатман тақриз мешавад. Ин раванд ба муаллифон ва барои муқарризон махфӣ боқӣ мемонад. Ба сифати муқарриз идораи маҷалла аз ҳисоби ҳайати таҳририя ва берун аз онро ҷалб менамояд. Бояд муқарриз дорои унвони илмии номзади илм ё доктори илми иқтисодӣ, ва дар ҳолати зарурӣ таҷрибаи баланд дар соҳиаи иқтисодиёт дошта бошад.*<br>1. Баъди қабули мақола ба қайд гирифта мешавад, ҳайати таҳририя баррасӣ менамоянд, баъдан ба муқарризи соҳавӣ фиристода мешавад. Муқарриз бояд аз рӯи хусусиятҳои зерин арзёбӣ намояд:<br>- сатҳи илмии мавод;<br>- муҳимияти масъалагузорӣ;<br>- навгонӣ ва иттиллоотӣ;<br>- мувофиқати миқдор оид ба интихоби мавзӯъ ва талаботи таҳририя.<br>2. Мақола аз ҷониби муқарриз дар муддати 15 рӯзи корӣ баррасӣ мегардад ва тавассути мактуб ба шакли тақриз ба идораи маҷалла бо назардошти талаботҳои зерин баргардонида мешавад:<br>- мавҷудияти хатогиҳо ва плагиат;<br>- маводро чоп кардан мумкин аст ё не;<br>- мавод бори дуввум ба тақриз фиристода шавад ё не (бо нишондоди муқарризони мавҷуда);<br>- мавод рад карда шавад (бо пешниҳоди раддия).<br>3. Ҳангоми ба даст овардани пешниҳоди мусбӣ «баъди коркард нашр карда шавад…» бояд иловаҳо қайд карда шавад (қайдҳо характери пешниҳодотӣ дошта бошанд).<br>4. Дар ҳолати мувофиқ набудани пешниҳоди муқарриз бо муаллиф, муаллиф метавонад ба идораи маҷалла ҷавоби аргументӣ пешниҳод намояд. Мақола бо тағйиротҳои дар асоси қайдҳо такроран ба муқарриз фиристода мешавад. Агар дар ин ҳолат фикру андешаҳои муаллиф ва муқарриз мувофиқ ояд, мақола ба нашр пешниҳод карда мешавад. | *Каждая статья, предоставленная в редакцию журнала* **«ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ»** *проходит процедуру обязательного рецензирования. Эта процедура анонимна и для автора, и для рецензента. В качестве рецензентов редакция журнала привлекает членов редакционной коллегии, а также внешних экспертов из числа ученых и специалистов. Рецензент должен иметь ученую степень кандидата, либо доктора экономических наук или опыт практической работы по данному направлению.*<br>1. После получения статьи редакцией она регистрируется, рассматривается редколлегией и направляется на рецензию специалистам по соответствующему профилю. Рецензент должен оценить:<br>- научный уровень материала;<br>- актуальность освещаемых вопросов;<br>- новизну и информационность.<br>- соответствие объема выбранной темы требованиям редакции.<br>2. В течение 15 рабочих дней статья должна быть рассмотрена рецензентом и его письменный отзыв должен быть оформлен в виде рецензии, которая должна отвечать следующим требованиям:<br>- замечания и недоработки, нет ли элементов плагиата<br>- следует ли материал опубликовать;<br>- вернуть ли автору (авторам) для доработки;<br>- направить ли материал на дополнительное рецензирование (с указанием возможных рецензентов);<br>- или отклонить материал как непригодный для публикации (с обоснованием мотивации отказа).<br>3. При рекомендации «опубликовать материал после доработки…» должны быть указаны замечания (требования к данному материалу), которые являются обязательными, с точки зрения рецензента, и замечания, которые могут рассматриваться, как пожелания.<br>4. В случае несогласия с мнением рецензента автор статьи имеет право предоставить аргументированный ответ в редакцию журнала. Статья с изменениями на основе замечаний повторно направляется для согласования рецензенту. Если переработанная автором статья и одобренная рецензентом удовлетворяется требованиям редакционной коллегии, она публикуется в журнале. |

**Шартнома КИЭ №56-02-2014 доир ба ворид намудани маҷалла ба ИИБР**
**Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги ҶТ дар бораи сабти номи ташкилоти табъу нашр – №0146/мҷ аз 26 майи соли 2011**
**Индекси обунашавӣ дар феҳрасти «Почтаи тоҷик» - 77734**
**Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии захираи иттилоотӣ ММП - №1121300264 аз 10 майи соли 2013**

**Шакли электроннии маҷала дар сомонаи ДДТТ www.tguk.tj ҷой дода шудааст**

**Договор с НЭБ №56-02-2014 о включении журнала в РИНЦ**
**Свидетельство Министерства культуры РТ о регистрации– №0146/мҷ от 26 мая 2011 года**
**Индекс подписания в «Почтаи тоҷик» - 77734**
**Свидетельство о государственной регистрации информационного ресурса НПЦ - №1121300264 от 10 мая 2013 года**

**Электронная версия опубликована на сайте ТГУК www.tguk.tj**

**МАСЪУЛИЯТ ОИД БА МУҲТАВО ВА САҲЕҲИЯТИ ИТТИЛООТИ ДАР МАҚОЛАҲО ИСТИФОДАШУДАРО ДАР МАҶАЛЛАИ МАЗКУР (ПАЁМ) БА МУАЛЛИФ ВОГУЗОР КАРДА МЕШАВАД**
**---**
**ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ОТНОСИТЕЛЬНО СОДЕРЖАНИЯ И ДОСТОВЕРНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ИНФОРМАЦИИ НЕСЕТ АВТОР СТАТЬИ В ДАННОМ ЖУРНАЛЕ (ВЕСТНИК)**

## Маълумот барои тамос:

**Сармуҳаррир:** Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович,
Тел./факс: (+992 37) 2-34-85-46; (+992 37) 2-34-83-46;
E-Mail: tguk@mail.ru

**Ҷонишини сармуҳаррир:** проф. Раҷабов Раҷаб Кучакович,
Тел./факс: (+992) 934444107; (+992 37) 2-34-85-44;
E-Mail: drrajab@mail.ru

**Котиби масъул:** Султонов Зоиршо Султонович,
Тел./факс: (+992 37) 2-34-05-64; (+992 37) 2-34-83-46
E-Mail: vestnik-tsuc@mail.ru

## Контактная информация:

**Главный редактор журнала:** Факеров Хамидуллохон Нуриддинович,
Тел./факс: (+992 37) 2-34-85-46; (+992 37) 2-34-83-46;
E-Mail: tguk@mail.ru

**Зам. гл. редактора журнала:** Раджабов Раджаб Кучакович,
тел./факс: (+992) 934444107; (+992 37) 2-34-85-44;
E-Mail: drrajab@mail.ru

**Ответственный секретарь журнала:** Султонов Зоиршо Султонович,
Тел./факс: (+992 37) 2-34-05-64; (+992 37) 2-34-83-46
E-Mail: vestnik-tsuc@mail.ru

---

Подписано в печать 30.09.2020. Бумага офсетная
Формат 60x84 1/8. Печат офсетная. Усл. печ. л. 11,18
Тираж 100 экз. Заказ №202.

---

«Тоҷир»,
г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2,

---